**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН**

Бо ҳуқуқи дастнавис

**ВБД:** 340 (575.3)
**ТКБ:** 67.99 (5) 9
**Ш –** 96

**ШУКУРЗОДА ФАРҲОДҶОН МАНОН**

# АСОСҲОИ МАДАНӢ-ҲУҚУҚИИ ФАЪОЛИЯТИ СУДҲОИ ҲАКАМӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ
аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ;
ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ

**РОҲБАРИ ИЛМӢ:**
н.и.ҳ., дотсент Раҷабзода М.Н.

**ХУҶАНД – 2026**

## МУНДАРИҶА

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ................3**

**МУҚАДДИМА.......................................................................................4-18**

**БОБИ I. МАФҲУМ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ВОСИТАҲОИ МАДАНӢ-ҲУҚУҚИИ ТАЪМИНИ ҲИМОЯИ ҲАКАМИИ ҲУҚУҚҲОИ СУБЪЕКТИВӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН........................19-48**

1.1. Мафҳум, моҳият, хусусият ва таснифоти воситаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ...............................................................................................19-37

1.2. Воситаҳои маданӣ-ҳуқуқии таъмини ҳимояи ҳакамии ҳуқуқҳои субъективӣ.......................................................................................37-48

**БОБИ II. МАСОИЛИ МАДАНӢ-ҲУҚУҚИИ БАРАСМИЯТДАРОРИИ ҲИМОЯИ ҲАКАМИИ ҲУҚУҚҲОИ СУБЪЕКТИВӢ.......................................................................49-103**

2.1. Масъалаҳои маданӣ-ҳуқуқии таносуби шахсони ҳуқуқӣ ва суди ҳакамӣ..........................................................................................49-80

2.2. Шаклҳои маданӣ-ҳуқуқии намудҳои ташкили суди ҳакамӣ........................................................................................80-103

**БОБИ III. МЕХАНИЗМИ МАДАНӢ-ҲУҚУҚИИ БААМАЛБАРОРИИ ҲИМОЯИ ҲАКАМИИ ҲУҚУҚҲОИ СУБЪЕКТИВӢ.......................................................................104-148**

3.1. Ҳолати ҳуқуқии созишномаи ҳакамӣ мутобиқи қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон.......................................................104-130

3.2. Санадҳои суди ҳакамӣ ва хусусиятҳои маданӣ-ҳуқуқии он.......130-148

**ХУЛОСА.........................................................................................149-152**

**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ.....................................................................................153-155**

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)............................................156-172**

**ФЕҲРЕСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ..............................................................................................173-174**

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ:

**ҶТ** – Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КМ ҶТ** – Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КГ ҶТ** – Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КА ҶТ** – Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КО ҶТ** – Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КММ ҶТ** – Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КМИ ҶТ** – Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ҚҶТ** – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КГ ҶШС Тоҷикистон** – Кодекси граждании Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон

**ИДМ** – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

**ДМТ** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

ҶДММ – Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд

**ФР** – Федератсияи Россия

**ғ.** – ғайра

**қ.** – қисм

**м.** – модда

**м.м.** – моддаҳо

**б.** – банд

**С.** – саҳифа

## МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар шароити муосир инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ ба рушди робитаҳои байни шаҳрвандон, шахсони ҳуқуқӣ ва дигар субъектон оварда, нақш ва аҳаммияти механизмҳои ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии онҳоро басо назаррас намуд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати ҳуқуқбунёд дар моддаи 19 Конститутсия [1] ба ҳар кас кафолати ҳифзи судиро пешбинӣ намуда, шаҳрвандон метавонанд дар мавриди лозима аз тамоми имконоти пешбинӣгардида бемаҳдудият истифода баранд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд ҶТ) ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба сифати ҳимояи афзалиятнок баромад намуда, кафолат дода шудааст.

Ҳокимияти судӣ барои дар амал татбиқ намудани сиёсати давлатӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон, кафолатҳои давлатӣ оид ба таъмини озодиҳои ӯ, ҳимояи манфиатҳои иҷтимоӣ ва молумулкии шаҳрвандон, баррасӣ ва ҳал намудани баҳсҳои моддӣ ва маънавии байни иштирокчиёни муносибатҳои молумулкӣ ва ғайримолумулкиро ташкил менамояд.

Ҳуқуқ ба ҳимояи судиро низ санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, аз ҷумла Эъломияи умумии ҳуқуқи башар (1948), Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (1966), ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро 4 апрели соли 1999 расман эътироф намуд, пешбинӣ кардаанд. Моддаи 8 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар муайян менамояд, ки: «Ҳар як инсон дар сурати поймол гардидани ҳуқуқҳои асосиаш, ки бо Конститутсия ё қонунҳо пешбинӣ шудаанд, барои барқарорсозии пурраи онҳо аз тарафи судҳои босалоҳияти миллӣ ҳақ дорад» [32]. Меъёри номбурда маҳз ҳуқуқи инсон ба ҳимояи судиро эълон намуда, ҳангоми поймол гардидани ҳуқуқҳои дар Конститутсия ва қонунҳо пешбинӣ шуда метавонад истифода шавад. Моддаи 10 Эъломияи мазкур чунин меъёрро

пешбинӣ намудааст: «Ҳар як инсон барои муайян намудани ҳуқуқу уҳдадориҳояш ва муқаррар кардани асоснокии айбномаи ҷиноятие, ки бар дӯши ӯ гузошта шудааст, ба таври баробарии комил ҳуқуқ дорад, тибқи муқарраротҳои конститутсионӣ ва мурофиавӣ ҳаллу фасли баҳсҳои судӣ ва мурофиавиро дар судҳои беғараз ва адолатнок баррасишавияшро бо тариқи кафолатҳои давлатӣ талаб намояд.

Боиси қайд аст, ки моддаи 10 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.12.2022, №1918 (КМ ҶТ) «ҳимояи ҳуқуқҳои мадании вайронгардида ё мавриди баҳс қарордоштаро суд, суди иқтисодӣ, суди ҳакамӣ ё арбитраж тибқи тобеияти идоравии парвандаҳо, ки дар қонунгузории мурофиавӣ муқаррар гардидааст, амалӣ менамоянд» [10]. Барои ҳимояи ҳуқуқҳои субъективии маданӣ ва КМ Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин судҳои ҳакамиро номбар кардааст, ки он ба низоми судҳои давлатӣ шомил набуда, байни мақомҳои ҳимоякунандаи ҳуқуқҳои субъективии маданӣ мақоми махсусро ишғол менамояд.

Таъмини фаъолияти озоди иқтисодӣ ва рушди муносибатҳои бозорӣ, дар навбати худ, миёни шаҳрвандон, ташкилоту созмонҳои онҳо ва сохтору мақомотҳо баҳсҳоро ба вуҷуд меоварад, ки ҳалли қонунӣ, адолатнок ва сариваҳтии онҳо хеле муҳим мебошад.

Дар ҷаҳони муосир намудҳои гуногуни чунин воситаҳои ғайридавлатии ҳалли баҳсҳо ба таври васеъ истифода бурда мешавад. Илова бар ин, ҳар як субъекти фаъолияти соҳибкорӣ имконият дорад, баҳси пайдошударо дар судҳои давлатӣ баррасӣ намояд, бо ташаббуси худи даъвогару ҷавобгар ҳакамотро ташкил намояд ва ин падида, танҳо ба манфиати кор буда, метавонад чун кафили муносибати минбаъдаи контрагентони тиҷоратӣ баромад намояд. Аз ин рӯ, барои ноил гардидан ба мақсадҳои гузошташуда, ҳаракатҳои созанда ва кӯшиши судяҳои суди ҳакамӣ, ки бинобар созиши тарафҳои баҳскунанда, моҷарои ҳуқуқии онҳоро баррасӣ ва ҳал менамоянд, ба сатҳи баланди масъулиятшиносии бевоситаи тарафҳои баҳскунанда алоқамандӣ дорад.

Аҳаммияти таҳким бахшидани низоми судии ҶТ ва андешидани тадбирҳои амалӣ ҷиҳати дастрас намудани ҳимояи судӣ дар суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон низ таъкид гардидааст. Дар ин хусус, дар Паёми Сарвари кишвар аз 28 декабри соли 2023 ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин омадааст: «Масъалаи дигари муҳим, ки дар низоми ҳуқуқии кишвар нақши калидӣ дорад, таъмини волоияти қонун буда, он меҳвари фаъолияти мақомоти ҳокимияти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқ ба ҳисоб меравад.

Таъмин намудани дастрасӣ ба адолати судӣ ва иттилоот оид ба фаъолияти судҳо, муҳокимаи ошкоро ва одилонаи судӣ ба таҳкими қонуният, пешгирӣ кардани содиршавии ҷиноят, эҳтиром ба қонун ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мусоидат менамояд»[2].

Ҳамзамон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо кормандони мақомоти судӣ аз 5 декабри соли 2024 доир ба чунин масъалаҳо ишора намуда, махсусан, қайд карданд, ки: «Вазифаҳои ҳокимияти судӣ ва таъмини адолат дар асоси принсипу меъёрҳои демократии мурофиаи судӣ, аз ҷумла баробарии ҳама дар назди қонун ва суд, баробарҳуқуқии тарафҳо дар ҷараёни баҳсу мунозира ва ба тарзи ошкоро гузаронидани мурофиаи судӣ сурат мегирад, ки ин меъёрҳои қонун кафили воқеии ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, дар маҷмуъ, нишонаи муҳимтарини ҷомеаи адолатпарвар, демокративу ҳуқуқбунёд ва дунявию иҷтимоӣ мебошад» [3].

Мақоми хосаро ишғол намудани судҳои ҳакамӣ бо он тақозо карда мешавад, ки ҳимояи суди ҳакамии ҳуқуқҳои субъективии маданӣ, нисбат ба дигар шаклҳои ҳимояи судӣ ба низоми воситаҳои маданӣ-ҳуқуқии дахлдор (шартномаи маданӣ-ҳуқуқӣ, сохтори (конструксияи) шахси ҳуқуқӣ ва дигарон) такя менамояд.

Баамалбарории василаҳои ҳуқуқӣ-маданӣ барои ҳимояи ҳакамии ҳуқуқҳои иштирокчиёни муносибатҳои мурофиавии маданӣ хислати хусусӣ дошта, яке аз воситаҳои самараноки ҳимоя на фақат дар самти ҳифзи ҳуқуқҳои субъектони соҳибкорӣ бали нисбати сарфаи вақт ва камхарҷии расмиёти танзими баҳсҳои маданӣ-ҳуқуқӣ, ба таври васеъ истифода бурда мешавад.

Пешрафт намудани фаъолияти тиҷоратӣ, ташаккули қонунгузории мадании Тоҷикистон, ҳамзамон рӯ ба инкишоф ниҳодани қонунгузорӣ оид ба кафолатҳои мадании баррасии ҳакамии баҳсҳои иштирокчиёни мурофиавии судии маданӣ бозгӯи он мебошад, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии самти мазкур ба талаботи муқарраротҳои байналмилалӣ-ҳуқуқӣ марҳилаи мутобиқатро паси сар намуда истодааст. Ҳолати болозикр гувоҳи медиҳад, ки вобаста ба талаботи иштирокчиёни баҳсҳои маданӣ-ҳуқуқӣ фаъолияти судҳои ҳакамӣ хусусияти доимиро ба худ касб намуда, баррасиҳои судиро дар низоми судии ҳакамӣ зиёд карда истодааст. Раванди мазкур аз динамикаи рушди низоми мурофиавии ҳакамӣ дар Тоҷикистон дарак медиҳад. Албатта дар ин ҷода нақш ва мавқеи қонунгузории мурофиавии маданӣ ва санадҳои байналмилалии самти мазкур муҳим арзёбӣ карда мешавад.

Таҷрибаи ҳимояи ҳакамии ҳуқуқҳо мавҷуд будани камбудиҳоро нишон дода, дар ин чорчӯба вобастагии намоён бо воситаҳои маданӣ-ҳуқуқие дида мешавад, ки ба чунин ҳимоя хосияти диспозитивиро мебахшад. Ҳамин тавр, муаммои марказӣ дар ин самт сӯистифода аз ҳуқуқ ба ҳимояи ҳакамӣ буда, он ҳангоми бастани созишномаи ҳакамӣ аз рӯи шартномаи ҳамроҳшавӣ мушоҳида мегардад, бо бастани чунин созишнома мақсади танзими баҳси маданӣ-ҳуқуқӣ пайгирӣ нашуда, танҳо барои кашолкорӣ дар музокираи мунокишаи ҳуқуқӣ, ташкили судҳои ҳакамии доимоамалкунандаи «қалбакӣ» ва ғайра пай бурда мешавад. Ба мавҷудияти муаммоҳои бо ҳимояи ҳакамии ҳуқуқҳои

субъективии маданӣ, инчунин, таҷрибаи судӣ оид ба овардани шикоят нисбат ба ҳалномаҳои суди ҳакамӣ далолат менамояд [98].

«Ҳалли масъалаҳои ишорашуда, ки дар баробари дигар омилҳо, ба мувозинати муомилоти маданӣ таъсир мерасонад, дар таҳким бахшидани механизмҳои маданӣ-ҳуқуқии таъмини ҳимояи ҳакамии ҳуқуқҳои субъективии маданӣ, аз ҷумла институти ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ дар ин соҳа мушоҳида мегардад. Аз ин лиҳоз, дар доираи илми маданӣ-ҳуқуқӣ бояд таҳқиқи низоми воситаҳои маданӣ-ҳуқуқии таъмини ҳимояи ҳакамии ҳуқуқҳои субъективии маданӣ, бо мақсади баланд бардоштани самаранокии чунин ҳимоя, бояд гузаронида шавад. Ҳамаи ин, дар навбати худ, мубрамии масъалаи тадқиқоти диссертатсионии мазкурро асоснок менамояд» [98].

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Дар илми ҳуқуқи маданӣ ба ҷанбаҳои гуногуни назарияи воситаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ, одатан, таваҷҷуҳи зиёд дода мешавад. Ин назария дар илми сивилистӣ аз тарафи як қатор олимон коркард гардидааст: З. Ализода [81], Ю.Г. Басин [34], Э.Н. Гимазова [95], Ш.К. Ғаюрзода [62], Г.К. Дмитриева [49], Ш.М. Исмоилов [98], М.А. Маҳмудзода [57], Ш.М. Менглиев [59], М.В. Немитина [61], Ф.М. Нодиров [88], Б.И. Пугинский [67], М.З. Раҳимзода [78], Д.Ш. Сангинзода [72], Ф.С. Сулаймонов [140], Н. Шонасридинов [88] ва дигарон. Дар доираи назарияи номбурда, инчунин масъалаи воситаҳои муҳофизатии ҳуқуқӣ, хусусан, ҷавобгарии маданӣ - ҳуқуқие, ки дар баҳсҳои маданӣ - ҳуқуқӣ истифода мегардад, мавриди таҳқиқ қарор дода мешавад. Илова бар ин, масъалаи воситаҳои таъминкунандаи маданӣ - ҳуқуқӣ дар доираи механизми ҳалли мунофишаҳои ҳуқуқӣ нисбатан кам муҳокима гардидааст.

Маврид ба ёдоварист, ки ба назария ва амалияи фаъолиятбарии ҳимояи ҳакамии ҳуқуқҳои субъективии маданӣ якчанд рисолаҳои илмӣ бахшида шудаанд. Дар ин самт олимони илми сивилистӣ ва мурофиавӣ В.Е. Бондаренко [121], С.А. Владимирова [122], Е.А. Виноградова [93], Э.Н. Гимазова [124], В.А. Никифиров [130] ва дигарон таҳқиқот

бурдаанд. Таҳқиқоти байнисоҳавии ҳимояи ҳакамии (ҳам ҳуқуқи маданӣ ва ҳам мурофиавӣ) ҳуқуқҳои субъективии маданиро, аз ҷумла Е.А. Суханов [117], О.Ю. Скворцов [73] ва дигарон гузаронидаанд.

Алҳол таҳлили таҳқиқоти мавҷуда имкон медиҳанд хулоса намоем, ки, ба таври маҷмуӣ, аз лиҳози назарияи воситаҳои маданӣ - ҳуқуқии масъалаи бо ин воситаҳо таъминнамоии ҳимояи ҳакамӣ дар таҳқиқоти муосир дида баромада нашудааст. Алалхусус, тасаввуроти ягона оид ба таснифоти маданӣ ҳуқуқии созишномаҳои ҳакамие, ки ҳимояи ҳакамии ҳуқуқҳои маданӣ - субъективиро таъмин менамоянд, ба амал баровარда нашудааст. То ҳол мавзуи рисолаи мазкур матлаби тадқиқоти илмии махсус нагардидааст. Ҳамаи ин, бешубҳа, аз он шаҳодат медиҳад, ки таҳлил ва омӯзиши масъалаи асосҳои маданӣ-ҳуқуқии фаъолияти судҳои ҳакамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон басо муҳим мебошад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсия дар доираи мавзуъҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи маданӣ ва меҳнатии ДДҲБСТ «Такмили асосҳои хусусӣ-ҳуқуқии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015-2019» ва «Назария ва амалияи танзими ҳуқуқии муносибатҳои хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2021-2025» тайёр карда шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мубрамӣ ва дараҷаи коркард гардидани мавзуи рисолаи илмӣ мақсади пажуҳишро ифода намуда, таҳлили маҷмуавии низоми воситаҳои маданӣ – ҳуқуқӣ ва бо ёрии он таъмини ҳимояи ҳакамии ҳуқуқҳои субъективии маданиро дар бар мегирад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Мақсади мазкур ҳаллу фасли вазифаҳои зеринро тақозо дорад:

– таҳлили илмии мафҳум, аҳаммият ва таснифоти воситаҳои ҳуқуқи маданӣ;

– омӯзиши асосҳои назариявии воситаҳои ҳуқуқи мадании таъмини ҳимояи ҳакамии ҳуқуқҳои субъективии маданӣ ҳамчун намуди воситаҳои ҳуқуқи маданӣ, ки барои ҳалли мунокишаҳои ҳуқуқӣ истифода мешавад;

– таҳқиқи сохтори ҳуқуқии шахсони ҳуқуқӣ, суди ҳакамӣ ва муаммои таносуби ҳамдигарии онҳо;

– асосноксозии муносибати муаллиф ба воситаҳои ҳуқуқи мадании ташкили суди ҳакамии як бор амалкунанда ва доимоамалкунанда;

– тасвияти пешниҳодот оид ба речаи ҳуқуқи мадании созишномаи ҳакамӣ;

– таҳлили рушди қонунгузорӣ дар соҳаи танзими фаъолияти судҳои ҳакамӣ, коркарди пешниҳодот оид ба такмили қонунгузории ҷорӣ ва амалияи татбиқи он.

**Объекти таҳқиқотро** муносибати ҳуқуқие ташкил медиҳад, ки вобаста ба ташкил ва фаъолияти судҳои ҳакамии доимоамалкунанда ва якдафъаина дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуҷуд меояд.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқотро** муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқии марбут ба воситаҳои ҳуқуқи мадании таъмини ҳимояи ҳакамии ҳуқуқҳои субъективии маданӣ ҳамчун намуди воситаҳои ҳуқуқи маданӣ, ки барои ҳалли мунокишаҳои ҳуқуқӣ истифода мешаванд, ташкил медиҳанд.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот)**. Таҳқиқоти диссертатсионӣ марҳилаҳои тасдиқ, омоданамоии диссертатсия, муҳокимаи он дар доираи мавзуъҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи маданӣ ва меҳнатии ДДҲБСТ «Такмили асосҳои хусусӣ - ҳуқуқии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015 – 2019» ва «Назария ва амалияи танзими ҳуқуқии муносибатҳои хусусӣ дар ҶТ дар солҳои 2021–2025» омода гардида, барои ҳимоя тавсия карда шудааст. Дар таҳқиқоти мазкур бо мақсади ҳамаҷониба таҳқиқ намудани проблемаи ҳифзи судии ҳакамии ҳуқуқҳои субъективии маданӣ - ҳуқуқӣ кӯшиш ба харҷ дода шудааст.

Давраи анҷоми таҳқиқоти диссертатсионии мазкур фарогири солҳои 2018 – 2025 буда, макони амалисозии он Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** асарҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ дар соҳаи ҳуқуқи маданӣ ташкил дода, дар байни онҳо асарҳои олимони соҳа Э.Н. Гимазова, С.А. Владимирова, Ш.М. Исмоилов, Ш.М. Менглиев, М.А. Маҳмудзода, М.З. Раҳимзода, Ш.К. Ғаюрзода, Ш.Т. Тағойназаров, А.В. Золотухин, Ҷ.С. Муртазозода, Д.С. Раҳмон, Д.Ш. Сангинзода, П.И. Пугинский ва дигаронро қайд намудан мумкин аст. Табиати ҳуқуқии судҳои ҳакамиро олимони хориҷӣ, аз ҷумла Т.Н. Нешетаева, Д.А. Колиника, Е.Е. Можаев, М.В. Панов, Т.В. Лалута, П.В. Каменева ва дигарон таҳқиқ намудаанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқоти** диссертатсионии мазкурро осори мутахассисони соҳаи илми сивилистӣ, ки оид ба воситаҳои ҳуқуқи мадании ташкили суди ҳакамии як бор амалкунанда ва доимоамалкунанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хориҷи кишвар, ҳамчунин реҷаи ҳуқуқи мадании созишномаи ҳакамӣ ҳамчун асоси фаъолияти судҳои ҳакамӣ натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ ва эҷодӣ пешниҳод намудаанд, ташкил медиҳанд. Зимни таҳқиқот асноди қонунгузорие таҳлил карда шудаанд, ки муносибати марбутаи бунёди судҳои ҳакамӣ ва ташкили фаъолияти онҳоро ҷиҳати таъмини ҳимояи ҳуқуқҳои субъективии маданӣ фароҳам меоварад, таҳлил гардидааст. Дар рисола, ҳамчун сарчашмаҳои асосии меъёрӣ КМ ҶТ, Кодекси мурофиавии мадании ҶТ, Кодекси мурофиавии иқтисодии ҶТ, Қонуни ҶТ «Дар бораи судҳои ҳакамӣ» ва ғайра мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Дар таҳқиқоти мазкур маълумот ва хулосаҳои соҳаҳои гуногуни илми ҳуқуқшиносӣ, аз ҷумла натиҷаҳои илми сивилистӣ, илми мурофиаи маданию иқтисодӣ ба таври васеъ истифода шудаанд. Илова бар ин, дар кори диссертатсионӣ якчанд усулҳо таҳлилу баррасӣ гардидаанд:

1) усули муназзам - системавӣ (масъалаи асосҳои ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти судҳои ҳакамӣ ҳамчун падидаи маҷмуавӣ (комплексӣ), бо дар назардошти хусусияти ин навъи суд ва муносибати мутақобилаи он бо судҳои салоҳияташ умумии давлатӣ баррасӣ шудааст);

2) усули муқоисавӣ (меъёрҳои ҳуқуқии танзимгари воситаҳои ҳуқуқи мадании ташкили суди ҳакамии як бор амалкунанда ва доимоамалкунанда қиёс карда шуданд);

3) усули таърихиву ҳуқуқӣ (пайдоиши воситаҳои ҳуқуқӣ - мадании таъмини ҳимояи ҳакамии ҳуқуқҳои субъективии маданӣ ҳамчун намуди воситаҳои ҳуқуқи маданӣ, ки барои ҳалли мунокишаҳои ҳуқуқӣ истифода гардидаанд, тадқиқ шудаанд);

4) усули эмпирикӣ (қонунгузории ватанию хориҷӣ, шартномаҳои байналмилалӣ, таҷрибаи истифодаи қонун омӯхта шудаанд);

5) усули расмиву ҳуқуқӣ (ба натиҷаҳои ноилгашта баҳои ҳуқуқӣ ва тавзеҳ дода шуд).

**Заминаҳои эмпирикиро** маводи банизомдаровардашудаи муаллиф доир ба ҳолат ва дурнамои ташкил ва фаъолияти судҳои ҳакамӣ ташкил менамоянд. Хусусияти комплексӣ доштани проблемаҳои таҳқиқшуда оид ба ҳимояи ҳакамии ҳуқуқҳои субъективии маданӣ муқаррар гардида, асоси таҳқиқотро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Паём ва суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии амалкунанда, таҳлили санадҳои байналмилалӣ-ҳуқуқӣ, истифодабарии маълумоти оморӣ, консепсияҳо, ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва барномавӣ ташкил медиҳанд.

**Навгонии илмӣ.** Диссертатсия аз аввалин таҳқиқоти илмии ба масъалаи асосҳои ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти судҳои ҳакамӣ дар ҶТ бахшидашуда ба шумор меравад. Дар кори илмии мазкур масъалаҳои танзими ҳуқуқии воситаҳои ҳуқуқи мадании таъмини ҳимояи ҳакамии ҳуқуқҳои субъективии маданӣ ҳамчун намуди воситаҳои ҳуқуқи маданӣ, ки барои ҳалли мунокишаҳои ҳуқуқӣ истифода мегарданд, ба таври комплексӣ дида баромада шудаанд. Дар асоси гуфтаҳои зайл навгонии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки:

1. «Воситаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ» ҳамчун олати дар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ таҷассум ёфта ва бо ёрии ташкили маҷмуи амалҳои аҳаммияти

ҳуқуқӣ ва воқеидошта ошкору муназзам карда шуданд ва (дар соҳаи қонунгузорӣ ва амалия) роҳҳои ислоҳи онҳо пешниҳод гардиданд.

2. Василаҳои ҳуқуқӣ-маданӣ ба хислатҳои институтсионалии худ ба таснифот фарогир шуда, ба тариқи тарзҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ яъне маданӣ-ҳуқуқӣ ва оммавӣ-ҳуқуқӣ яъне маъмурӣ-ҳуқуқӣ тафовут дошта, дар таҳқиқот нисбати ҳолатҳои зикршуда таҳлилҳои илман асоснок анҷом гирифтааст.

3. Амалияи мавриди корбурд қарор додани василаҳои мурофиавии мадани дар низоми муносибатҳои гуногуни баҳсбарангез байни доираи васеи субъектон ва иштирокчиён новобаста аз вазъи ҳуқуқӣ-маданияшон ба тариқи умқан илмӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

4. Хусусияти алтернативӣ доштани суди ҳакамӣ, ки дар таъсис ва баррасии суди ҳакамии баҳсҳо тибқи тобеияти идоравӣ худ таҷрибаи хусусии татбиқи қонун мушоҳида мешавад, таҳлил ва асоснок карда шудаанд.

5. Тағйироту иловаҳои охирони қонунгузории мадании ҶТ вобаста ба ташкил ва фаъолияти судҳои ҳакамӣ дар рисолаи илмӣ мавриди таҳлил қарор дода шуда, муаммоҳо, масъалаҳои душвори ҳуқуқӣ, масъалаҳои эҳтимолии татбиқи амалии навгониҳо мушоҳида ва ошкор карда шуданд.

6. Бо мақсади такмили танзими ҳуқуқии истифодаи воситаҳои маданӣ-ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқҳои субъективии маданӣ дар ҶТ, оид ба рушди минбаъдаи қонунгузорӣ тавсияҳову пешниҳодҳо ба тасвият расиданд.

Ин амалҳо имкон доданд, ки муаммо ва ҳалли баҳсҳои дар ҷараёни амалишавии муносибатҳои иқтисодӣ ва маданӣ бавуҷудоянда, ҳалли дуруст, одилона ва қонунӣ ҳал карда шуда, бо доиршавии судҳои ҳакамӣ муҳокима ва ҳал мегарданд ва ҳамзамон, вобаста ба вижагиҳои татбиқашон ҳаматарафа баррасӣ гарданд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Дар раванди омӯзиш ва таҳлилҳои илман асоснок навгонии таҳқиқоти диссертатсионӣ бо дарназардошти механизмҳои асоснокунӣ ва исботсозии як зумра нуқтаҳои аҳамияти илмидошта такон бахшид, ки барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад:

1. Ҳимояи ҳакамии ҳуқуқҳои субъективии маданӣ дар низоми татбиқгардии воситаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ ва мурофиавии ҳуқуқӣ таҷассум ёфтааст. Баробари ин, дар асоси воситаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ маҷмуаи масъалаҳои зерин, ки бо таъмини ҳимояи ҳуқуқҳои субъективии маданӣ алоқаманд аст, ҳалли хешро ёфтааст: мақсадҳои хислати ташкилиро доробуда ба монанди ташкил намудани судҳои ҳакамӣ, ҳадафҳои дигари хислати ташкилидошта, ҳадафҳои амаликунандаи ҳуқуқҳои субъективӣ ва монанди инҳоро фарогир буда (вобаста ба муносибатҳое, ки ҳуқуқи маданӣ танзим менамояд, реҷаи ҳуқуқии мухторияти ирода, ҷудо намудани амвол ва масъулияти алоҳида ва мустақили молу мулкии субъектони муносибат пешбинӣ мегардад).

2. Воситаҳои ҳуқуқӣ ва маҷмуи меъёрҳои маданӣ - ҳуқуқии ин воситаҳоро дар бар гирифта, нисбати ҳамдигар таъсири мутақобила мерасонанд. Бо истифода аз меъёри ҳуқуқӣ ченаки воситаи маданӣ ҳуқуқии дахлдор муайян карда мешавад, аз қабили намуди воситаи ҳуқуқӣ ва ҳадафи татбиқнамоии вай; ҳайати ашхоси ин воситахои ҳуқуқиро истифодабаранда; тарзу усули истифодабарии воситаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ. Аз тарафи дигар бошад, воситаҳои ҳуқуқӣ ҳамчун хусусияти таъсиррасонӣ ба меъёри ҳуқуқӣ баромад мекунад. Бинобар зарурати ҳатмии истифодашавии воситаи ҳуқуқӣ, он ба мақсади бахшидани мувозинат ба муомилоти маданӣ истифода мешавад, аз ҷумла ҳангоми ҷавобгарии маданӣ - ҳуқуқӣ, меъёрҳои маданӣ - ҳуқуқии дахлдор низ хосияти ҳатмигиро пайдо мекунад. Дар ин маврид агар қонунгузор ва таҷрибаи татбиқнамоии меъёр хусусияти диспозитивиро

вобаста ба татбиқи воситаҳои маданӣ - ҳуқуқӣ иҷора диҳад, меъёрҳои дахлдор хосияти диспозитивиро пайдо мекунад.

3. Созишномаи ҳакамӣ ҳамчун шартномаи хусусияти ташкилӣ баҳогузори гардида, тибқи он иштирокчиён ва хосатан шаҳрвандон, шахсони ҳуқуқӣ нисбат ба ҳадафи пешгузоштаи ҳуқуқӣ-маданӣ дар асос ва талаботи қонқнгузории амалкунанда дар ҷодаи фаъолияти судҳои ҳакамӣ, алалхусус муқаррароти Қонуни ҶТ «Дар бораи судҳои ҳакамӣ» аз 5.01.2008, №344 муайяншуда амал намоянд.

Асоснок карда мешавад, ки ба расмият даровардани созишномаи ҳакамӣ бо воситаи ба имзорасонии он, танҳо бо амали воситаи маданӣ-ҳуқуқӣ вобаста буда, иҷрои минбаъдаи он бо амалигардонии ду намуди воситаҳои ҳуқуқии бо ҳам алоқаманд – воситаҳои маданӣ - ҳуқуқӣ ва мурофиавӣ - ҳуқуқӣ тақозо карда мешавад.

4. Дар ҷараёни беэътибор ҳисобидани аҳд бо дарназардошти баинобатгирии талаботҳои қонунгузории маданӣ-ҳуқуқӣ оқибатҳои хисали мурофиавии судидошта ба амал омаданашон аз эҳтимол дур нест. Ҳолати мазкурро дар шартномаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ алалхусус шартномаи пешакӣ, созиши хусусияти ҳакамидошта ва монанди инҳо мушоҳида намудан имконпазир мебошад. Ҳолатҳои болозикр метавонад барои амалишавии мақсадҳои шартномаҳои болозикр таъсири тағйирдиҳандаи худро расонида, дар як маврид барои иҷро нагардидани мутобиқсозии қолабии талаботи муқарророти қонқнгқзорӣ оварда расонад. Ҳолати болозикр бозгӯи он мебошад, ки шартномаи зикршда хислати иҷронашавандагиро дар худ касб менамоянд. Масоили мазкур дар доираи таҳқиқот ба сабки илмӣ ба риштаи таҳлил кашида шудааст.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳаммияти илмию амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки нуқтаҳои назариявӣ ва хулосаҳои он метавонанд:

– барои такмил додани қонунгузории ҶТ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқҳои иштирокчиёни муносибатҳои маданӣ - ҳуқуқӣ доир интихоби шаклҳои ғайрисудии ҳимояи ҳуқуқи маданӣ;

– ҳангоми коркарди асноди зерқонунии меъёрии ҳуқуқии соҳаи ташкил ва фаъолияти судҳои ҳакамӣ;

– дар раванди таълим, зимни таҳияи лексия, дар макотиби олӣ ва дар низоми такмили ихтисос;

– ҳангоми таҳқиқоти илмии соҳаи мазкур истифода шаванд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия.** Саҳеҳияти натиҷаҳои таҳқиқот бо таҳлили объективӣ ва ҳаматарафаи нуктаҳои назариявӣ – методологии мавзуи рисола, банизомдарорӣ ва ҷамъбасти натиҷаҳои маъмули илмӣ, тавсифот, ақида ва тавсияҳои илмӣ – амалии муаллиф пешниҳоднамуда, мазмуни илмии таҳқиқот ва навгонии онҳо, дар муқоиса бо дастовардҳои илмии мавҷуда, таҳлили ҳолати воқеӣ ва роҳҳои мукаммал гардонидани институти суди ҳакамӣ: ташкил ва фаъолият он  тасдиқ мегардад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мундариҷаи таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 сентябри соли 2025 №10 тасдиқ гардидааст, мувофиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ.** Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар он зоҳир меёбад, ки ақидаҳои асосии аҳаммияти назариявӣ ва амалидошта барои дифоъ пешниҳод гардида, хулосаву мулоҳизоти муаллиф, таклифоти хусусияти амалидошта, таклифоти барои дифоъ баровvarда, барои такмил додани қонунгузории мадании ҶТ дар самти асосҳои ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти судҳои ҳакамӣ аҳаммияти назаррас дошта метавонанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот.** Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи маданӣ ва меҳнатии факултети ҳуқуқшиносии

Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон таҳия шуда, якчанд маротиба дар ҷаласаҳои кафедра мавриди муҳокима қарор гирифтааст. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои гуногуни илмӣ ироа гардидаанд.

Мазмун ва муҳтавои асосии нуқтаҳои диссертатсия дар як қатор мақолаҳои илмӣ чоп шуда, дар шакли маърузаҳо ва баромадҳо дар:

**А) байналмилалӣ:**

– конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Аубакировские чтения» маъруза дар мавзуи «К вопросу компетенции третейского суда» (Алмаато, 19 феврали соли 2025);

**Б) ҷумҳуриявӣ:**

– конференсияи ҷумҳуриявии устодон ва донишҷӯёни ДДҲБСТ таҳти унвони «Илм ва инноватсия дар низоми татбиқи ҳадафҳои стратегии миллӣ», ки ба 30-юмин солгарди Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маъруза дар мавзуи «Таснифи шартнома дар ҳуқуқи гражданӣ» (Хуҷанд, апрели 2021 с.);

– конференсияи ҷумҳуриявии устодон ва донишҷӯёни ДДҲБСТ бахшида ба эълон гаштани солҳои 2022-2026 «Солҳои рушди саноат» ва Рӯзи илми тоҷик маъруза дар мавзуи «Назаре ба масъалаи салоҳияти судҳои ҳакамӣ» (Хуҷанд, 21-25 апрели 2022 с.);

– конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, муассисаи давлатии «Донишкадаи байналмилалии Хуҷанд» бо номи «Аҳамияти маърифати ҳуқуқӣ дар ҷомеаи муосир» бахшида ба 30-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эълон шудани соли 2024 «Соли маърифати ҳуқуқӣ» маъруза дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии салоҳияти судҳои ҳакамӣ» (Хуҷанд, 2024);

– конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ ДДҲБСТ таҳти унвони Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон – заминаи устувори ташаккули маърифати ҳуқуқӣ ва эъмори давлати ҳуқуқбунёд, бахшида ба 30-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва «Соли маърифати

ҳуқуқӣ» маъруза дар мавзуи «Нақши Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташаккули судҳои ҳакамӣ» (Хуҷанд, ноябри 2024);

– конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Ҷавонон ва рушди Тоҷикистони соҳибистиқлол», маъруза дар мавзуи «Назаре ба масъалаи воситаҳои ҳуқуқи мададании ҳимояи ҳуқуқҳои субъективии маданӣ» (аз 15.05.2024. – Хуҷанд: Дабир, 2024);

– конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Рушди устувор дар соҳаҳои иқтисодиёт, суботи иҷтимоӣ, мувозинати экологӣ ва баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон» маъруза дар мавзуи «Баъзе масъалаҳои салоҳияти судҳои ҳакамӣ дар замони муосир» (аз 23 апрели соли 2025);

– конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ ДДҲБСТ таҳти унвони «Иттилоотонии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ» маъруза дар мавзуи «Баъзе масъалаҳои фаъолияти суди ҳакамӣ» (Хуҷанд, 23 октябри соли 2025).

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он унвонҷӯ 13 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 5 адади онро дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 8 мақоларо дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Сохтори диссертатсия бо ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот аз ҷумла ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ карда шудааст. Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб ва шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 174 саҳифаи чопиро ташкил медиҳад.

# БОБИ I. МАФҲУМ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ВОСИТАҲОИ МАДАНӢ-ҲУҚУҚИИ ТАЪМИНИ ҲИМОЯИ ҲАКАМИИ ҲУҚУҚҲОИ СУБЪЕКТИВӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 1.1 Мафҳум, моҳият, хусусият ва таснифоти воситаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ

Дар илми сивилистика яке муаммоҳои доманадорро масоили таъмини татбиқи амалии воситаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ ташкил менамояд. Барои дақиқан мавриди баррасӣ қарор додани масъали вобаста буда ба воситаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ мо бояд ба таврри мушаххас оид ба мафҳум, моҳият ва хусусиятҳои ин воситаҳо ба таври комплексӣ истода гузарем.

Ташаккул ёфтани муносибатҳои хислати маданӣ дошта имконият фароҳам меоварад, ки объектҳои нисбатан нави танзимшаванда дар фазои муносибатҳои номбурда рӯи кор омада, дар як мавриид вотаҳои танзимзамои низ коркард карда шаванд. Албатта ягона мехнизми асосӣ, ки дар доираи он муносибҳои маданӣ-ҳуқуқӣ танзим мегардад ин қонқнгқзории мукаммалӣ соҳаи маданӣ дар ҷодаи судҳои ҳакамӣ ташкил меннамояд. Ҳолатҳои мазкур талаботеро ба вуҷуд меоварад, ки аз ҷониби субъектони танзимкунандаи раванди мазкур воситаҳои нави ҳуқуқӣ коркард ва ба вуҷуд оварда шаванд.

«Вобаста ба ин муносибат ба ҳуқук, маҷмуи воситаҳоро дастгирӣ намуда, ишора кардан ба маврид аст, ки маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқӣ оид ба маҷмуи восита ва олатҳо (инструмент)-и ҳуқуқӣ дорои хосияти сохтории мураккаб буда, аз зерсохторҳои алоҳида иборат аст ва ҳамчун ҷамъи меъёрҳои якҷинса (ҳуқуқи хусусӣ ва оммавӣ, соҳаҳои ҳуқуқ ва ғайра) фаҳмида мешавад» [124, с. 15].

Зарур ба ёдоварист, ки дар ҳуқуқи маданӣ боз як қатор олатҳои ҳуқуқии дигаре низ ҳастанд, ки ба ҳалли масъалаҳои ҳуқуқӣ-хусусӣ тааллуқдошта дар моддаи 2 КМ Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.12.2022, №1918, муносибатҳое, ки қонунҳои маданӣ танзим менамоянд, истифода гардидаанд [10] (муносибатҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкии

ба баробарии тарафҳо, мухторияти ирода ва мустақилияти молу мулкии тарафҳо асосёфта).

Ба масъалаҳои ишорашуда, аз ҷумла, ба моликияти худ гирифтан ва ё ба истифодаи муваққатӣ гирифтани молу мулк, дар асоси музднок ташкил намудани ҷараёни ҳамлу нақл, ташкили музднок ва ё ройгони нигоҳдории молу мулк ва ғайра дохил мешаванд. Олатҳои ҳуқуқии ишорашуда дар воситаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ таҷассум ёфта, дар сарчашмаҳои ҳуқуқи маданӣ, аз ҷумла дар қонунгузории маданӣ дарҷ гардидаанд (моддаи 1 КМ ҶТ). Масалан, ба сифати чунин восита шартномаи маданӣ-ҳуқуқӣ баромад мекунад. Инчунин, ба ин доира ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ дохил мегардад, ки дар асоси худ функсияи барои ҳуқуқи хусусӣ маъмул – функсияи ҷубронӣ-барқароркунӣ, барқарор намудани вазъи молу мулкии вайронгардидаи ҷабрдидаро инъикос мекунад. Боиси қайд аст, ки шахси ҳуқуқӣ низ ба сифати воситаи маданӣ - ҳуқуқӣ эътироф карда мешавад. Шахси ҳуқуқӣ ҷиҳати маҳдуд сохтан, инчунин барои бартараф намудани ҷавобгарии молумулкии муассис дар назди шахсони сеюм, боз ба иҷро расонидани вазифаҳои идоракунӣ ва амсоли он равона шудааст.

Истилоҳи «восита» дар илми забоншиносии муосир бо якчанд маънӣ истифода мешавад. Дар байни ҳамаи маъниҳои калимаи «восита» истифодашаванда диққати моро вобаста ба пажӯҳиши мавзуи эълоншуда ду тарзи маънидод кардани ин истилоҳ ба худ ҷалб намуд. Якум, калимаи «восита» дар маънии «усул, тарзи амал барои ноил гардидан ба мақсади муайян» ва дуюм, «олат (матлаб, маҷмуи таҷҳизот) барои ба амалбарории ягон намуди фаъолият» истифода шудааст [85, с. 242].

Бо дарназардошти истилоҳи «восита», ки дар муомилоти илмӣ истифода мешавад, онро бинобар ишора гардидани маънии истилоҳи «восита», воситаи ҳуқуқиро чун «усули аз тарафи ҳуқуқ ба расмият даровarда шуда (олати дар санадҳои меъёрӣ дарҷгардида), ки нисбати ҳолатҳои мухталифи ҳаётӣ истифодашаванда фаҳмидан мумкин аст» [84, с. 150].

Муаммои воситаҳои ҳуқуқӣ дар даврони шуравии рушди таълимоти ҳуқуқи мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон низ мубрам ва матлаби таҳлилу тадқиқоти илмӣ қарор дода мешуд [59, с. 116-117]. Асосан дар тадқиқоти даврони мазкур гарчанде рисолаҳои махсуси илмӣ мавҷуд бошанд ҳам, бештар хусусияти амалӣ дошт [82].

«Дар умум, масъалаи категорияи «воситаҳои ҳуқуқӣ» аз ҷониби Б.И. Пугинский тадқиқ гардидааст. Муҳаққиқ ишора намудааст, ки «воситаҳои ҳуқуқӣ» худ алоқамандии амалҳои аҳаммияти ҳуқуқӣдошта ба шумор рафта, аз тарафи субъекти ҳуқуқ барои расидан ба мақсадҳои (манфиатҳои) лозима дар ҳадди қонун иҷозатдода, ки он бар нишондоди қонун ва манфиати ҷомеа зид намебошад, фаҳмида мешавад» [67, с. 88].

Бинобар гуфтаҳои боло ақидаи Б.И. Пугинскийро дастгирӣ намуда, «воситаи ҳуқуқиро на ҳамчун меъёрҳои ҳуқуқӣ, балки дар маънои нисбатан дигар – олати (инструмент) дар ҳуқуқ таҷассумёфта ва барои ҳалли масъалаҳои мушаххас равона шуда» маънидод кардан мумкин аст. Пас, меъёрҳои ҳуқуқиро Б.И. Пугинский ҳамчун усули барасмиятдарории воситаҳои ҳуқуқӣ арзёбӣ намудааст. [67, с. 90].

Олими ватанӣ Шарофзода Р.Ш. «ба масъалаи воситаи ҳуқуқӣ диққати махсус дода, онро ҳамчун унсури таркибии танзими ҳуқуқӣ ва механизми таъсиррасонии муташаккилонаи меъёри ҳуқуқӣ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ истифода намудааст» [76, с. 314].

Ҳамзамон, олими номбурда қайд кардааст, ки воситаҳои ҳуқуқӣ намудҳои зерин доранд: меъёрҳои ҳуқуқ, принсипҳои ҳуқуқ, санадҳои ҳуқуқтатбиққунӣ, шартномаҳо, фактҳои ҳуқуқӣ, ҳуқуқҳои субъективӣ, уҳдадориҳои ҳуқуқӣ, муқаррароти манъкунанда, имтиёзҳо, чораҳои ҳавасманднамоӣ, чораҳои ҷазо, санадҳои амалисозии ҳуқуқҳо ва уҳдадориҳо, нишондоди иҷозатдиҳанда, манъкунанда, вазифадоркунанда, муносибатҳои ҳуқуқӣ. Ду намуди воситаҳои ҳуқуқӣ ҷудо карда мешаванд: а) воситаҳо - муқаррароти ҳуқуқӣ (ҳуқуқҳои субъективӣ, уҳдадориҳои ҳуқуқӣ, чораҳои ҳавасмандгардонӣ, ҷазоҳо ва диг.); б) воситаҳо дар шакли амалҳои ҳуқуқӣ (амалисозии ҳуқуқ дар

чараёни ҳуқуқэчодкунӣ, санадҳои ҳуқуқтатбиқсозӣ, тафсири ҳуқуқӣ). Воситаҳои ҳуқуқӣ вобаста ба соҳаҳои ҳуқуқ, ба конститутсионӣ, маъмурӣ, меҳнатӣ, оилавӣ ва диг. чудо мешаванд. Воситаҳои ҳуқуқӣ аз руйи мазмунашон ба моддӣ ва мурофиавӣ, вобаста ба нақшашон ба танзимкунанда ва ҳифзкунанда, дар иртибот бо ҳадафашон ба ҳавасмандкунанда (чораҳои ҳавасмандӣ, имтиёзҳо, чораҳои ичозатӣ) ва маҳдудкунанда (чазоҳо, муқаррароти манъкунанда, вазифадоркунанда) чудо мешаванд [76, с. 315].

Дар мачмуъ, мо бо чунин тарзи маънидод намудани истилоҳи «воситаи ҳуқуқӣ» розӣ ҳастем. Аз тарафи дигар, бо вучуди ин, маънидодкунӣ ниёз ба такмил дорад. « ... якум ҳамаи воситаҳои маданӣ-ҳуқуқии дар меъёрҳои ҳуқуқӣ пешбинишуда баробари ба ичро расидани амалҳои ҳуқуқӣ (унсури ҳатмӣ), инчунин ба ичро расидани мачмуи амалҳои воқеиро тақозо менамоянд». Ба ин мисол шуда метавонад нишондоди КМ ҶТ вобаста ба матлаби шартномаи супориш. Тибқи муқаррароти моддаи 1085 КМ ҶТ «мувофиқи шартномаи супориш як тараф (вакил) уҳдадор мешавад аз ном ва аз ҳисоби тарафи дигар (ваколатдиҳанда) амали муайяни ҳуқуқиро анчом диҳад. Вобаста ба аҳде, ки вакил анчом медиҳад, ҳуқуқ ва уҳдадориҳоро бевосита ваколатдиҳанда пайдо мекунад» [10].

Бояд қайд намуд, ки аз рӯи амалҳои аз тарафи вакил анчомдодашаванда, ваколатдиҳанда ҳамаи ҳуқуқу уҳдадориҳоро пайдо мекунад. Чунин ҳолат ба он меорад, ки маҳз шартномаи супориш (ҳамчун амали маъмули юридикӣ) воситаи ҳуқуқие арзёбӣ мегардад, ки муносибати тарафҳоро муайян намуда, танҳо барои ба ичро расидани кирдорҳои аҳаммияти ҳуқуқӣ ва воқеидошта шароит фароҳам меорад.

Дуюм, дар аксари ҳолатҳо василаҳои дар асоси қонунгузорӣ кафолатдодашуда ба сифати воситаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ баромад менамоянд. Раванди ичрои шартномаи маданӣ-ҳуқуқӣ метавонад ба худ дар қисмати ичроиши ӯҳдадориҳои тарафайн хислати расмӣ-ҳуқуқиро

касб намояд. Воқеан ҳам дуруст аст, ки на ҳамаи воситаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ расмиёти бахотимарасида арзёбӣ гардад. Дуруст аст, ки набояд моҳияти ташкилии воситаи ҳуқуқиро инкор намуд, зеро маҳз бо ёрии онҳо амалӣ гардидани ин ё он ҳуқуқҳои субъективӣ, иҷрои уҳдадориҳои субъективии иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ таъмини хешро меёбад. Инчунин онҳо имкон медиҳанд, то мақсадҳои гузошта шуда иҷро гарданд.

Ин имкон медиҳад, маънидодкунии нисбатан пурраи истилоҳи «воситаи ҳуқуқӣ» ба миён ояд. Воситаи ҳуқуқӣ олати дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҷассумёфта ҳисобида шуда, бо мақсади иҷрои амалҳои ҳуқуқӣ ва воқеӣ барои ҳалли масъалаҳои дар назди субъекти муносибатҳои ҳуқуқӣ пайдошаванда равона гардидааст. Муқаррароти умумии овардашуда нисбати ҳамаи воситаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ, бо назардошти муайян сохтани мансубияти соҳавии ин воситаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ хос, мебошад.

Ҳамин тариқ, воситаи маданӣ-ҳуқуқӣ ҳамчун олати ҳуқуқие дониста мешавад, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оварда шуда, бо истифода аз он маҷмуи амалҳои аҳаммияти ҳуқуқӣ ва воқеӣ дошта танзим мегардад. Бо ҳамин ҳадафҳои дар назди субъекти ҳуқуқи маданӣ (қабул ва ё пешниҳоди амвол, қабул ва пардохти воситаҳои пулӣ ва ғайра) қарор гирифта ҳалли худро меёбанд.

«Таҳлили воситаҳои маданӣ-хуқуқӣ имкон медиҳад, робитаи мутақобилаи меъёрҳои ҳуқуқӣ ва воситаҳои дар он таҷассумёфта дида баромада шавад. Аз як тараф, меъёрии ҳуқуқӣ хосият ва ченакҳои воситаи ҳуқуқиро муайян месозанд. Ба назари мо, ба ченакҳои номбурда инҳоро дохил кардан мумкин аст:

- ченак вобаста ба намуди воситаи ҳуқуқӣ ва мақсади истифода шудани он (бо кадом мақсад воситаи номбурда истифода мегардад);

- шахсоне, ки ин воситаи ҳуқуқиро мехоҳанд истифода баранд;

- тарзу усулҳои истифода намудани воситаи ҳуқуқӣ» [107, с. 72-74].

Аз тарафи дигар, бояд иброз намуд, ки воситаи ҳуқуқӣ ба хусусияти меъёрии ҳуқуқӣ як қадар таъсир мерасонад. Сухан дар бораи он меравад, ки бо мақсади ҳар чӣ қадар бештар самаранок будан, воситаи ҳуқуқӣ бояд акси маъмули муносибатҳои ҷамъиятии ташаккулёфта, нишондоди императивӣ ва диспозитивии он баромад намояд. Бо ин назардошт, истифода намудани воситаҳои императивии ҳуқуқӣ, ба монанди муомилоти мадании мувозинат бахшидан дар раванди ҷавобгарии ҳуқуқӣ-маданӣ ва монанди инҳо мо метавонем хислатҳои императивиро мушоҳида намоем.

Дар рафти ҷараёни ҳуқуқтатбиққунӣ дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ воситаҳои ҳуқуқӣ-мадании диспозитивӣ бештар мавриди корбурд қарор дода мешавад, ки ин ҳолат яке аз хислатҳои ҷудогонаи самти мазкурро нишон медиҳад.

Дар умум, бо дарназардошти якчанд асос, воситаҳои ҳуқуқӣ ва яке аз унсурҳои таркибии он -воситаҳои маданӣ-ҳуқуқии дар ҳуқуқи мадании муосир таҷассумёфтаро ба намудҳо ҷудо мекунад.

Воситаҳои ҳуқуқиро вобаста ба хосияти соҳавии худ тасниф кардан мумкин аст. «Дар асоси чунин тақсимот табиати ҳуқуқии падидаи мушаххаси ҳуқуқие, ки ҳамчун восита истифода мегардад, гузошта мешавад. Дар ин ҳолат воситаҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ (маданӣ-ҳуқуқӣ ва дигар) ва оммавӣ-ҳуқуқӣ (маъмурӣ-ҳуқуқӣ)-ро номбар кардан мумкин аст. Фарқият дар байни онҳо дар хосияти мустаҳкамгардӣ дар меъёрҳои ҳуқуқӣ дида мешавад: аввал, онҳо бо воситаҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ ба расмият даровarда мешаванд, дуюм, бо воситаҳои оммавӣ-ҳуқуқӣ» [110, с. 69-70].

Табиист, ки онҳо фарқияти дигар низ доранд. Аз рӯи доираи шахсон воситаҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ ва оммавӣ-ҳуқуқиро истифода мебаранд. Дар мавриди якум, ин субъектони ҳуқуқи хусусӣ, дар мавриди дуюм бошад, субъектони ҳуқуқи оммавӣ мебошанд. Лекин дар ин ҷо, мумкин аст, ҳолатҳои истифодаи омехта мушоҳида гарданд. Вақте ки субъектони

ҳуқуқи оммавӣ воситаҳои маданӣ-ҳуқуқиро истифода мебаранд, механизми ҷавобгарии маданӣ, баста шудани шартнома, масалан, барои қонеъ кунонидани эҳтиёҷоти гуногуни хусусияти оммавидошта ва ғ.

Бо назардошти мақсади тадқиқоти мазкур зарур аст, ба робита ва алоқамандии байни соҳаҳои гуногуни ҳуқуқӣ таваҷҷуҳ намоем. Дар ҷодаи мазкур низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии кишвари Россия хислати диққатҷалбкунандагиро дорост, ки ҳолати мазкурро мо аз василаҳо ва институтҳои ҷудогонаи ҳуқуқӣ, ки барои амалияи давлати Тоҷикистон нисбатан нав мебошад бараъло мушоҳида менамоем.

Таҷрибаи мамлакатҳои аз лиҳози амалия ва таҷриба дар самти ташкил ва фаъолияти судҳои ҳакамӣ пешрафта барои Тоҷикистон аҳаммияти калон дорад. Маҳз таҷрибаи пешрафта имкон медиҳад, натиҷаҳои таҷрибаи ҳуқуқтатбиққунӣ омӯхта шуда, ҷабҳаҳои мусбӣ ва манфӣ дида баромада шаванд. Ин ҷо сухан дар бораи қонунгузории андоз рафта, дар ин соҳа чунин воситаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ, ба монанди гарав ва зомин ба мушоҳида мерасанд. Бо ин мақсад ба моддаи 73 Кодекси андози ФР рӯй меорем. Дар санади номбурда воситаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ, ба монанди гарав ва зомин истифода гардидаанд.

Тиқи таҷрибаи қонунгузории андози ФР дар мариди тағйири муҳлати ӯҳдадории пардохтнамоии маблағи андоз ва хироҷ бар ивази ин ҳолат таъминкунии уҳдадорӣ тариқи гарав ба амал омаданаш имконпазир мебошад. Дар чунин ҳолат расмиёташро шартномаи тарафайн таъмин менамояд.

Дар ин маврид, ҳангоми истифодаи гарав ҳамчун усули таъмини иҷрои уҳдадорӣ доир ба пардохти андоз, нишондоди қонунгузории маданӣ истифода мегардад. «Ҳамчунин дар моддаи 74 Кодекси андози ФР, дар мавриди тағйир ёфтани муҳлати иҷрои уҳдадорӣ доир ба пардохтани андоз, уҳдадорӣ доир ба пардохтани андоз бо зомин таъмин гардида, муносибати мазкур дар асоси қонунгузории маданӣ бо шартнома байни мақоми андоз ва зомин ба расмият дароварда мешавад.

Дар ду ҳолати овардашуда воситаҳои маданӣ ҳуқуқӣ – гарав ва зомин дар якҷоягӣ бо механизми ҳуқуқи андоз дар мавриди тағйир ёфтани муҳлати иҷрои уҳдадорӣ доир ба пардохти андоз, истифода мешаванд» [124, с. 21].

Ҳолати мазкур барои истифодашавии якдафъаинаи воситазои ҳуқуқӣ-маданӣ ба соҳаҳои гуногун мариди корбурд қарор гирифта, дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ ва ҳамҷавор низ ба назар мерасад. Ҷараёни мазкурро ба равандҳо ва ҳолатҳо мутааллиқ донистанамон мумкин аст:

- дар раванди татбиқи амалии қонқнгқзории амалкунанда оид ба ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунанда, қонқнҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки дар доираи танзимотии худ истифодаи воситаҳои ҳуқуқӣ-маданиро ҷойгир намудаанд. Дар баробари мавҷудияти воситаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ, ҳамзамон воситаҳои мурофиавии маданӣ ва воситаҳои молиявӣ-ҳуқуқӣ мариди истифода қарор дода мешаванд. Албатта, тамоми механизмҳо ва василаҳои мариди истифода қароргиранда хусусияти амалӣ ва ёридиҳандаро дошта, дар як марид барои самарабахш истифодашавии воситаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ ёрии бевоситаро мерасонад.

- соҳаи қонунгузорӣ оид ба маориф. Дар ин ҷо танзими бо ҳам алоқаманди ҳуқуқӣ-байналмилалӣ, ҳуқуқӣ-конститутсионӣ, ҳуқуқӣ-маъмурӣ, ҳуқуқӣ-мадании муносибатҳои ба ном муносибатҳо дар соҳаи маориф мавҷуд мебошад. Аз ин рӯ,дар ин самт воситаҳои бо ҳам алоқаманди соҳаҳои гуногун истифода бурда мешаванд. Масалан, ба воситаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ дар ин ҷо муассисаҳои таълимӣ, ки мақоми махсуси онҳо дар қонун муқаррар карда шудааст, дохил мешаванд. «Дар як вақт, дар қонунгузорӣ оид ба маориф, механизми махсуси идоракунии оммавӣ дар соҳаи маориф пешбинӣ гардидааст» [90, с. 230].

Баробари падидаи вобастагии воситаҳои ҳуқуқии мутааллиқ ба соҳаҳои гуногун, дар илми ҳуқуқшиносии муосир боз ҷараёни ташаккули

воситаҳои ҳуқуқии байнисоҳавӣ дида мешавад. Чунин воситаҳо баҳри ҳалли масъалаҳои гуногун дар ҷои буриши якчанд соҳаҳои мухталифи ҳуқуқ истифода мешаванд. Ҳамин тавр, дар адабиёти ҳуқуқии ватанӣ шакли ҳакамии ҳимояи судиро ба соҳаи робитаи байни соҳавии ҳуқуқи маданӣ ва ҳуқуқи мурофиавӣ мутааллиқ меҳисобанд [48, с. 122]. «Ба ақидаи М.З. Раҳимзода шакли мазкури ҳимоя бар мундариҷаи ҳам қонунгузории моддӣ ва мурофиавӣ – нишондоди моддаи 11 Кодекси маданӣ, меъёрҳои Кодекси мурофиавии иқтисодӣ аз 05.01.2008, №340» [12], Кодекси мурофиавии мадании ҶТ аз 05.01.2008, №341 [11], нишондоди Қонуни ҶТ «Дар бораи судҳои ҳакамӣ» [23] асос меёбад. Ба андешаи олими ватанӣ М.З. Раҳимзода «агар шакли ҳимояи ҳуқуқҳои маданӣ дар судҳои юрисдиксияи умумӣ ва судҳои иқтисодӣ моҳиятан мурофиавӣ бошад, пас шакли ҳакамии ҳимояи ҳуқуқҳои маданиро бояд ҳамчун судиву шартномавӣ ё худ шартномавию мурофиавӣ баҳо дод» [112, с. 12-14].

Бо дар назардошти мавқеи илмии ишорашуда, моҳияти «шакли ҳакамии ҳимоя» бояд мавриди таҳлил қарор дода шавад. Дар моддаи 11 КМ ҶТ, инчунин дар Қонуни ҶТ «Дар бораи судҳои ҳакамӣ» омадааст, ки ба тарики судӣ баррасӣ ва ҳаллӣ баҳс худ шакли ягона буда, ба намудҳои алоҳида ҷудо мешавад: истифодаи ҳимояи судӣ нисбати баҳсҳои иқтисодӣ, истифодаи ҳимояи судӣ нисбати баҳсҳои ҳуқуқӣ-хусусӣ ва истифодаи ҳимояи судӣ нисбати баҳсҳои ҳуқуқии дар судҳои ҳакамӣ баррасӣ шаванда фарқ мекунанд. Вобаста ба ин ҳолат дида баромадани фарқи байни ҳимояи судӣ ҳакамӣ ва ҳимояи судии суди юрисдиксияи умумӣ имконпазир аст.

Равишу инкишофи давлатҳои муосири ҷаҳон, ки эъмори ҷомеаи озод, шаҳрвандӣ ва мутаносибан, давлати ҳуқуқбунёду демократиро ҳадафи асосӣ эълон намудаанд, нишон медиҳад, ки аъзои ҷудогонаи ҷомеа, иттиҳодия ва ё гурӯҳи онҳо, инчунин ташкилоту муассисаҳо масъала ва проблемаҳои худро мустақилона, дар ҳамбастагии якдигар метавонанд ҳаллу фасл намоянд. Ин тартиб, аз як тараф, ба шаҳрвандон,

иттиҳодияҳои онҳо, инчунин ташкилоту муассисаҳо озодӣ фароҳам меоварад, то ки мустақилона бо тарзу воситаҳои ба онҳо маъқул, дастрасу манфиатбахш проблемаҳои ҳуқуқии хешро ҳаллу фасл намоянд. «Аз дигар тараф, тартиби зикргардидаи ҳалли масъалаҳои мухталифи пайдошаванда имконият пеш меорад, то мақомҳои салоҳиятноки давлатӣ, ба монанди судҳои юрисдиксияи умумӣ, судҳои иқтисодӣ ва ғайра аз баррасӣ ва ҳалли бевоситаи ин муноқишаҳои ҳуқуқӣ озод гардида, бо назардошти ин ҳолат ба вазифаҳои умдаи ба фаъолияти худ вобастабуда ба монанди бароришй адолати судӣ, таъмин ва ҳифзи қонқнияту тартибот, таъмин ва ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва дигар субъектони қонқнгузорӣ муқаррарнамуда, машғул шаванд» [109, с. 45].

Рушди муносибатҳои иқтисодӣ дар ҶТ ба ташаккул ва рушди низоми судҳои ҳакамӣ дар кишвар такони ҷиддӣ расонд. Вобаста ба ин, солҳои охир ба масъалаи судҳои ҳакамӣ ба масъалаҳои назариявӣ ва амалии фаъолияти онҳо таваҷҷуҳ бештар шуда истодааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъмин намудани шаҳрвандон, шахсони ҳуқуқӣ бо имконияти муроҷиат ба ҳимояи судӣ, қонунгузор баробари судҳои босалоҳияти давлатӣ таъсисдодани судҳои алтернативӣ аз қабили арбитражҳои байналмилалии назоратӣ ва судҳои ҳакамиро пешбинӣ намудааст.

Бо мақсади муқаррар намудани тартиби таъсис ва фаъолияти судҳои ҳакамӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои ҳакамӣ», ки аз 01 апрели соли 2008 мавриди амал қарор дода шуд, қабул гардид.

Зикр кардан ба маврид аст, ки дар партави созиши тарафайн баҳсҳо дар соҳаи ҳуқуқи маданӣ ва самти иқтисодӣ метавонад мариди ҳаллу фасл қарор дода шавад. Дар ҳамин ҷо мушкилоти амалӣ ҷиҳати гузаронидани фарқият оид ба баҳсҳои ҳуқуқие, ки судҳои ҳакамӣ ба муҳокимаи худ қабул карда метавонад ва баҳсҳое, ки ба тобеияти судии судҳои давлатӣ мансуб аст, пайдо мешавад. Қонуни номбурда дар қисми

дуюми моддаи 1 гарчанде муқаррарот дар бораи «агар дар қонун тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад» оварда бошад ҳам, бояд гуфт, ки масъалаи мазкур аниқ нашудааст.

Муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ ва иқтисодӣ соҳаҳои маҳсуб меёбад, ки байни шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар асоси иродаи тарафҳо мустақилона, баробар пайдо шуда, ин тарафҳо манфиатдор ҳастанд то, ки муносибатҳои пайдошуда ҳарчи қадар тез барои тарафҳо судманд пайдо шаванд, инкишоф ёбанд ва баъди расидан ба ҳадафҳои гузошта, ба мақсад расанд. Бо ин назардошт, тарафҳо дар мариди пайдо гардидани баҳсҳои ҳуқуқӣ метавонанд барои ҳаллу фасли масоили бавуҷудомада, роҳу воситаи мувофиқро интихоб ва ё ба судҳои ҳакамӣ муроҷиат карда бошанд.

Маврид ба қайд аст, ки судҳои ҳакамӣ дар ду шакл, судҳои ҳакамии доимо амалкунанда ва судҳои ҳакамии якбор амалкунанда таъсис дода мешавад. Судҳои ҳакамӣ дар назди ташкилотҳои ғайрӣ тиҷоратӣ, ки худ шахси ҳуқуқӣ мебошад, таъсис дода мешавад. Чунин тартиб як қадар мушкилӣ ва нофаҳмиро оид ба тартиби таъсис ва фаъолияти судҳои ҳакамӣ пайдо мекунад. Чунин саволҳо пайдо мешаванд: 1) кӣ ҳайати ҳакамонро интихоб ва таъин мекунад; 2) ойинномаи суди ҳакамӣ бо кадом тартиб ва аз ҷониби, ки тасдиқ карда мешавад; 3) оё ҳакамҳои суди ҳакамӣ дар назди муассиси худ ҳисоботдиҳанда аст.

Вобаста ба ин, дар кишварҳои хориҷӣ судҳои ҳакамӣ (арбитражҳо) дар тӯли солҳои дароз баробари судҳои давлатӣ ба сифати воситаи муҳимми ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии мадани шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳо баромад мекунанд. Ин гуфтаҳо собит месозанд, ки омӯзиши модели танзими ҳуқуқии фаъолияти судҳои ҳакамӣ дар кишварҳои хориҷӣ муфид мебошад.

«Дар ин қисми тадқиқот зарур шуморида мешавад, ки моделҳои танзими ҳуқуқии фаъолияти судҳои ҳакамӣ вобаста ба кишварҳои

низоми ҳуқуқии англо-саксонӣ (Англия ва ИМА) ва кишварҳои низоми ҳуқуқии романо-олмонӣ (Франсия, Олмон) дида баромада мешаванд.

«Ба танзимдарории фаъолияти судҳои ҳакамӣ дар мамлакатҳое, ки ҳуқуқи одатӣ амал мекунанд ба василаи санадҳои қонунгузории амалкунанда ва расман нашргардида баҳсҳои маданӣ-ҳуқуқӣ ҳаллу фасл карда мешаванд ва бо ин васила санадҳои судӣ мушаххасан вобаста ба баҳсҳои мавҷуда бароварда мешаванд» [48, с. 51].

«Ҳамин тавр, дар ИМА санади федералии арбитражии ИМА аз соли 1925 амал мекунад. Он нисбати баҳсҳои аз ҷониби судҳои ҳакамӣ баррасишаванда ва ба салоҳияти судҳои федералӣ тааллуқдошта, татбиқ мегардад» [136].

Баррасии арбитражӣ дар Англия тибқи меъёрҳои санади Англия дар бораи арбитраж аз 17 июни соли 1996 ба амал бароварда мешавад. Ин санад хосияти маҷмуавиро соҳиб буда, аз маҷмуаи меъёрҳое иборат аст, ки арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ онро эътироф намудааст. Вобаста ба ин иҷрои қарорҳои судҳои арбитражии кишварҳои хориҷӣ тибқи конвенсияи Ню-Йорк аз соли 1953 низ аз муҳтавои ин санад бармеояд.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ санади Англия дар бораи арбитраж аз 17 июни соли 1996 самти рушди қонунҳои қаблиро ҷонибдорӣ намуда, барои сусттар намудани назорати судҳои давлатӣ аз болои арбитражро таъкид менамояд [48, с. 51].

Созишномаи арбитражӣ дар кишварҳои низоми ҳуқуқии англо-саксонӣ ба институти ҳуқуқи шартномавӣ мансуб аст ва барои ҳамин, нисбати он қоидаҳои ба шартномаҳо татбиқшаванда паҳн мегардад.

Дар кишварҳои ҳуқуқи умумӣ муқаррарсозии мушаххаси доираи салоҳияти судҳои ҳакамӣ дида намешавад. Лекин бояд қайд намуд, ки салоҳияти судҳои ҳакамӣ дар кишварҳои ҳуқуқи умумӣ вобаста ба ҳаҷми салоҳияти намояндагони тарафҳо барои баррасӣ ва ҳалли мунокишаҳо

ва бо ҳамин бастани шартномаи нави бо меъёрҳои ҳуқуқи маданӣ танзимшаванда мууайян карда мешавад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон низ пай дар пай ва ботадриҷ дар ин роҳи мушкил, дуру дароз ва пур аз нишебу муаммоҳои ҳалталаб қадамҳои аввалини худро гузошта истодааст. Аз ҷумла, дар эъмори давлатдории навини худ, сохтмони низоми судии ҷавобгӯ ба талаботи замони нав тадбирҳои зарурию судмандро пешбинӣ намуда, онро амалӣ карда истодааст.

Заминаҳои ҳуқуқии низоми судии мавҷудаи ҷумҳурӣ дар нахустин Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994 гузошта шудааст. Конститутсия ҳокимияи судиро ба сифати ҳокимияти мустақил дар радифи ҳокимияти қонунгузор ва иҷроия эътироф намуда (моддаи 9), асосҳои конститутсионии онро дар боби алоҳида (боби 8) танзим намудааст.

Пеш аз ҳама дар Конститутсия низоми судии кишвар якчанд намуди судҳоро пешбинӣ кардааст. Аз ҷумла, низоми судии Ҷумҳурии Тоҷикистон Суди конститутсионӣ, судҳои салоҳияти умумӣ - Суди Олӣ, судҳои вилоятӣ, шаҳри Душанбе, шаҳрҳо ва ноҳияҳо; судҳои ҳарбӣ - судҳои гарнизонҳои ҳарбӣ (шаҳри Душанбе, вилоятҳои Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, Суғд, Хатлон) ва Коллегияи ҳарбии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон; судҳои иқтисодӣ - Суди Олии иқтисодӣ, судҳои иқтисодии вилоятҳо ва шаҳри Душанберо дар бар мегирад.

Конститутсия ҳангоми муайян намудани низоми судии мамлакат ба принсипи махсусгардонии судҳо такя намудааст, ки тибқи он вобаста ба соҳаҳои муҳимму асосии муносибатҳои ҷамъиятӣ судҳои алоҳида созмон дода мешаванд. Ин тартиб бештар дар давлатҳои аврупоӣ инъикосу инкишофи худро пайдо намудааст. Чунин махсусгардонӣ имкон медиҳад, ки ҳаллу фасли парвандаҳои судӣ аз ҷониби судяҳо мутахассисони дорои дараҷаи баланд сурат гирад.

Низоми судии зикргардида бояд ҳокимияти судиро аз номи давлат ва тибқи қонун, беғаразона ва мустақилона амалӣ намояд.

Суди ҳакамӣ як ҳакам (судя) ё ҳайати ҳакамоне мебошад, ки бо мувофиқаи мутақобилаи тарафҳо интихоб ё аз ҷониби муассиси суди ҳакамӣ (ташкилоти ҷамъиятӣ) таъин карда мешаванд ва баҳсҳоеро, ки аз муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ бармеоянд, ҳал мекунанд. Қонуни амалкунанда метавонад маҳдудиятҳоро барои фиристодани баъзе категорияҳои баҳсҳо ба ҳакамият муқаррар кунад. Он баҳсҳоро байни шахсони ҳуқуқӣ, шахсони ҳуқуқӣ, воқеӣ ва байни шахсони воқеиро баррасӣ мекунад. Он суди миёнарав ё миёнаравон (бар хилофи қарори худи тарафҳо) ва шахси воқеӣ (бар хилофи суди давлатӣ) мебошад.

Судҳои ҳакамӣ сохтори худтанзимкунандаи ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошанд, ки фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (ҳалли баҳсҳои маданӣ)-ро дар асоси изҳороти мутақобилаи иродаи тарафҳо (созишномаи ҳакамӣ) амалӣ мекунанд. Дар баррасии суди ҳакамӣ, нисбати мурофиаи суди босалоҳият, усулҳои алтернативии ҳалли баҳсҳо татбиқ мешаванд.

Таъсиси ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлати ҳуқуқбунёд бар пояи қонун, рушди муносибатҳои озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ ва тиҷорат тақозо мекунад, ки илова бар судҳои давлатӣ, механизмҳои ғайридавлатӣ (алтернативӣ) барои ҳалли баҳсҳои иқтисодӣ ва маданӣ низ вуҷуд дошта бошанд, то ки тарафҳои баҳс имкон дошта бошанд, ки ихтилофоти худро бо ризоият ва машварати якдигар бо истифода аз ин механизмҳо ҳал кунанд [91, с. 262].

Дар таърих ва дар ҷомеаи мутамаддини имрӯзаи ҷаҳон намудҳои гуногуни тарзу воситаҳои алтернативии ҳалли баҳсҳо вуҷдуд доштанд ва ҳоло низ амал мекунанд.

«Албатта, бо баробари инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ онҳо хеле инкишофёфта, дигаргун шуданд ва шаклҳои нави ба талаботи имрӯзаи ҷомеа ҷавобгӯ пайдо гаштаанд. Табиати инсон чунин аст, ки барои ба ҳам овардани тарафҳо ҳама гуна мунокиша, аз ҷумла баҳсҳо, таъсиру кӯмаки тарафи сеюм (тарафи беғараз) зарур аст. Шахси сеюм, бояд тарафҳоро ба оштӣ биёрад ва масъалаҳоеро, ки мавриди баҳс қарор

гирифтаанд, бо дарназардошти манфиати тарафҳо ва қонунияту адолат ҳал намояд» [103, с. 102].

Бо ин мақсад воситаҳои гуногуни алтернативии баррасию ҳаллу фасли ин баҳсҳо ба вуҷуд оварда шудаанд, ки онҳо механизми муҳимми таъминкунандаи ҳалли баҳсҳо мебошанд. Ба ин воситаҳо, асосан, инҳо дохил мешаванд:

1) миёнаравӣ (медиатсия);

2) оштӣ додани тарафҳо;

3) гуфтушунидҳо;

4) баҳои пешакии ҷониби бетараф;

5) мини-суд; (суди хурд)

6) судҳои ҳакамӣ (муҳокимаи ҳакамӣ).

Таҳлили масъалаи мансубияти соҳавии воситаҳои ҳуқуқӣ ба мо имкон фароҳам овард, то хулоса намоем, ки воситаҳои ҳуқуқӣ вобаста ба хосиятҳои гуногуни худ ба соҳаҳои гуногун ба воситаҳои байни соҳавӣ мансуб ҳастанд.

Аз ин рӯ, мувофиқи мақсад мегардад, агар воситаҳои ҳуқуқиро вобаста ба таснифоте, ки дар боло оварда шуд, ба амал барорем.

«Бо назардошти хусусияти мақсаднок ва субъективии шартнома, инчунин усулҳои мушаххаси истифодаи он, тақсим кардани он ба санадҳои ҳуқуқии марбут ба соҳаҳои гуногун мувофиқ аст. Вобаста ба хусусияти субъектии онҳо, шартномаҳои маданӣ ва ҳуқуқиро метавон ба тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ тақсим кард, ки табиатан хусусияти асосии мақсадноки онҳо - ба фоида нигаронидашуда мебошад.

Бояд қайд кард, ки ченакҳои дар боло зикршудаи санадҳои ҳуқуқӣ метавонанд ҳамчун асоси мустақил барои таснифоти онҳо хизмат кунанд. Ғайр аз ин, таснифоти таҳияшуда на танҳо аҳамияти назариявӣ, балки амалӣ низ дорад. Донистани ин таснифот имкон медиҳад, ки он дар амалияи ҳуқуқӣ дуруст татбиқ карда шавад» [67, с. 90]. Ба андешаи мо, набояд таснифоти воситаҳои ҳуқуқиро вобаста ба якчанд ченак ба

асос гирифт. «Вобаста ба ин, муҳаққиқ Б.И. Пугинский ҳамчун воситаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ таклиф менамояд, ки: «шартномаҳо, чораҳои ҷавобгарии молумулкӣ, чораҳои таъсиррасонии фаврӣ» фаҳмида шаванд. Чунин ба назар мерасад, ки муҳаққиқ бо чунин тақсимбандии воситаҳои ҳуқуқӣ онҳоро аз рӯйи усули истифодабарӣ ва мақсадҳои истифодашавӣ ҷудо менамояд» [67, с. 90].

«Вобаста ба функсияҳои ҳуқуқи маданӣ боз як тақсимбандии воситаҳои маданӣ-ҳуқуқиро ба амал баровардан мумкин аст. Тавре ки маълум аст, соҳаи ҳуқуқи маданӣ ду функсияро иҷро мекунад – функсияи танзимнамоӣ ва муҳофизатӣ» [67, с. 90]. Баробари ин, функсияи аввал, дар соҳаи ҳукуқи маданӣ бештар ташаккул ёфта, вобаста ба ин функсияи бештар фарққунанда, соҳаи мазкурро аз дигар соҳаҳо, масалан, аз ҳуқуқи ҷиноятӣ ҷудо менамояд. Ҳуқуқи маданӣ муносибатҳои ҷамъиятиро дар ҳолати муътадили онҳо танзим менамояд, инчунин муносибатҳои дар ҷараёни вайрон кардани ҳуқуқҳои субъективӣ бавуҷудоянда, иҷро накардани уҳдадориро фаро мегирад. «Ба ҳамин монанд, чораҳои ҳуқуқӣ бояд фарқ карда шаванд. Баъзеи онҳо одатан ҳатто вақте татбиқ мешаванд, ки қонун вайрон карда нашудааст» [119, с. 132]. Хусусан, чунин восита, ба монанди ба шаҳрванд – истеъмолкунанда пешниҳод намудани чек, он вақт амалӣ мегардад, ки агар вайрон шудани ҳуқуқи истеъмолкунда ба чашм нарасад. Дигар, баръакс, танҳо дар мавриди ҷой доштани ҳуқуқвйронкунӣ, рӯёнидани ноустуворона, зиён ва диг. истифода бурда мешавад.

Якумин гурӯҳи воситаҳо, асосан барои танзими муносибатҳои мадании «вайроннашуда» истифода гардад ҳам, мумкин аст дар мавриди бараъкс, барои ҳалли ин ё он масъалаҳои ҳаётӣ дар мавриди ҷой доштани ҳуқуқвайронкунии маданӣ, истифода гардад. Масалан, шартномаи ҳуқуқи маданӣ барои мавриди муомилоти муътадили маданӣ нигаронида шудааст. Баробари ин, он мумкин аст дар мавриди ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ (созишнома дар бораи кам кардани ҷавобгарӣ ва ғ.) истифода гардад.

Гурӯҳи дуюми воситаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ хусусияти хоси дар табиати ҳуқуқии вай аксёфтаро доро мебошад. Чунин табиат аксар вақт дорои хусусияти дучонибагӣ (ҳам моддӣ-ҳуқуқӣ ва ҳам мурофиавӣ-ҳуқуқӣ) буда, бо хусусияти истифодаи воситаи ҳуқуқӣ – мустақилона аз тарафи ҷабрдида ва ё бо ёрии суд маънидод карда мешавад. Масалан, рӯйпӯш намудани зарар мумкин аст чӣ ба таври мустақил ва чӣ бо ёрии тартиби судӣ руйпӯш гардад [119, с. 132]. Айнан чунин нишондодро нисбати ноустуворона ва дигар чораҳои ҷавобгарии ҳуқуқи маданӣ қайд кардан мумкин аст.

«Таҳлили умумии воситҳои маданӣ-ҳуқуқии ба гурӯҳи дуюмӣ шомилбуда нишон медиҳад, ки бо ёрии ин гурӯҳ ҳуқуқҳои субъективии вайроншуда ҳимоя карда мешаванд. Ҳамчун шахсони аз воситаҳои гурӯҳи мазкур истифодабаранда, шахсони аз муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ ҷабрдида (кредитори аз рӯи шартнома пардохти маблағро қабул накарда ва диг.) баромад менамоянд.

Бояд ишора намуд, ки таснифоти воситаҳои маданӣ-ҳуқуқии вобаста ба функсияҳои соҳаи ҳуқуқ ба амал баровардашуда хосияти нисбиро доро мебошанд. Сухан дар бораи он меравад, ки воситаҳои муҳофизатии ҳуқуқӣ як дараҷа функсияҳои батанзимдарориро низ иҷро менамоянд. Ин, махсусан,ба ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ дахл дошта, мавҷудияти он аҳаммияти на фақат барқароркунанда, балки боз тарбиявӣ-пешгирикунандагиро доро мебошанд.

Ҳамин тавр, хулоса кардан мумкин аст, ки дар мавриди воситаҳои маданӣ-ҳуқуқии гурӯҳи якум, вақте ки воситаҳои танзимкунанда бо мақсадҳои муҳофизати ҳуқуқҳои маданӣ истифода мегарданд, воситаҳои гурӯҳи дуюм, метавонанд бо мақсадҳои батанзимдарорӣ истифода гарданд» [119, с. 132].

«Аз нигоҳи мо, мисоли равшани ин дохил кардани банди озодкунӣ аз масъулият дар шартнома мебошад. Ҳангоми иҷрои шартнома, барои таъмини иҷрои дурусти он (бе вайронкунӣ), озодкунӣ аз масъулият,

ҳамчун усули васеъ истифодашавандаи таъмини иҷрои ӯҳдадорӣ, вазифаи танзимкунандаро иҷро мекунад» [119, с. 133-134]. Вай барои маҷбур сохтани қарздор дар зери таҳдиди ҷавобгарии молиявӣ, барои ба таври бояду шояд иҷро намудани уҳдадорӣ равона гардидааст. Чунин хулоса аз нишондоди КМ ҶТ оид ба ноустуворона бармеояд. «Тибқи нишондоди моддаи 381 КМ ҶТ ноустуворона (ҷарима, пеня) маблағе мебошад, ки тибқи қонун ё шартнома муайян гардидааст ва қарздор уҳдадор аст, ҳангоми иҷро накардан, ё иҷрои номатлуби уҳдадорӣ, онро ба кредитор пардохт кунад. Зимни талаби пардохти ноустуворона, кредитор уҳдадор нест, ки зиёни ба он расондашударо исбот кунад» [72, с. 500; 76, с. 720; 77, с. 162].

Тибқи талаби пардохти ноустуворона, кредитор ба исботи зиёни ба ӯ расонидашуда вазифадор намебошад. Ба ғайр аз ин, хулосаи ишорашуда ба муқаррароти умумии усули таъмини иҷрои уҳдадорӣ, ки дар таълимоти маданӣ-ҳуқуқӣ оварда шудааст, асос ёфтааст. «Пас, ба андешаи мо, воситаҳои маданӣ-ҳуқуқии танзимнамоӣ ва муҳофизатӣ имконият медиҳад хулоса намоем, ки воситаҳои танзимнамоӣ метавонанд дар нақши воситаҳои муҳофизатӣ истифода шаванд ва воситаҳои муҳофизатӣ бошанд, метавонанд чун воситаи танзимнамоӣ истифода гарданд. нишон медиҳад, ки дар якҷоягӣ онҳ

Тақсимбандии воситаҳои ҳуқуқии баамаловардашуда о низоми муайянро ташкил дода, аз воситаҳои зерсохторӣ иборат мебошанд» [72, с. 500; 76, с. 720; 77, с. 162].

- аз рӯи сохти соҳаи ҳуқуқи маданӣ (воситаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ, ки дар қисми умумии ҳуқуқи маданӣ, дар соҳа ва зерсоҳаҳои он ташаккул ёфтаанд);

- аз рӯи функсияҳо (функсияҳои танзимнамоӣ ва муҳофизатӣ).

«Аз ин рӯ, бояд қайд кард, ки ҳуқуқи муосири маданӣ воситаҳои гуногуни алтернативии баррасӣ ва ҳалли баҳсҳои ҳуқуқиро таҳия кардааст, ки ҳамчун механизми муҳими ҳалли чунин баҳсҳо ҳисобида

мешаванд» [72, с. 500]. Инҳо: миёнаравӣ (медиатсия); оштӣ додани тарафҳо; гуфтушунидҳо; баҳои пешакии ҷониби бетараф; мини-суд; судҳои ҳакамӣ (муҳокимаи ҳакамӣ).

Маҳз чунин тақсимбандӣ низоми ташаккулёфтаи воситаҳои маданӣ-ҳуқуқиро таҷассум менамояд. Табиист, ки чунин тақсимбандӣ бечуну чаро дорои аҳаммияти амалӣ мебошад. Он имкон медиҳад, ки барои истифодаи амалӣ воситаи ҳуқуқии дахлдорро интихоб карда шавад. Аз тарафи субъекти ҳуқуқи маданӣ интихоб бо назардошти ченакҳои дар боло зикргардидаи меъёрии воситаи ҳуқуқӣ ба амал бароварда мешавад.

### 1.2 Воситаҳои маданӣ-ҳуқукии таъмини ҳимояи ҳакамии ҳуқуқҳои субъективӣ

Масъалаи воситаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ дар илми ҳуқуқи мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи марказӣ маҳсуб ёфта, низоми воситаҳоеро нишон медиҳад, ки баҳри ҳимояи ҳуқуқҳои субъективии иштирокчиёни муносибатҳои молумулкӣ равона гардидааст.

Суди ҳакамӣ яке аз куҳантарин судҳо дар таърихи ҷомеа ва, бемуҳобот, мақоми демократӣ дар баррасии баҳсҳои маданӣ – ҳуқуқӣ маҳсуб меёбад. Оид ба истеҳсолоти судии ҳакамӣ ҳанӯз Гомер дар асараш «Иллиада» навишта буд. Баъзе муҳаққиқон ба таври асоснок ишора менамоянд, ки суди ҳакамӣ дар пешомади судҳои давлатӣ қарор гирифтаанд [83, с. 128].

Дар ҳолати имрӯза дар ҷаҳон намудҳои гуногуни судҳои ҳакамӣ (арбитражҳои тиҷоратӣ) вуҷуд доранд. Бо вуҷуди чунин гуногунӣ, моҳияти асосии онҳо якхела мебошанд: ду тарафи низои ҳуқуқӣ аз ҷониби сеюм хоҳиш менамоянд, то низои ҳуқуқӣ баррасӣ ва ҳал карда шавад. Аз ин ҷо номи ин суд – суди ҳакамӣ, яъне суди ҳакам (довар, додрас) аст. Ҳангоми интихоби ҳаками суди ҳакамӣ, тарафҳо пешаки розӣ ҳастанд, то қарори вайро эътироф намоянд.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон судҳои ҳакамиро ба сифати шакли алтернативии ҳимояи ҳуқуқҳои маданӣ эътироф намуда, то онҳо, амалан, дар як сатҳ бо судҳои салоҳияташон умумӣ қарор дода бошанд [77, с. 88].

Алтернативӣ будани суди ҳакамӣ дар он зоҳир меёбад, ки фаъолият оид ба таъсис ва баррасии суди ҳакамии баҳсҳо тибқи тобеияти идоравӣ худ таҷрибаи хусусии татбиқи қонун дониста мешавад [131, с. 340].

Иштирокчиёни баҳсҳои аз муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқӣ бароянда ҳуқуқ доранд, онро на ба суди давлатӣ, балки ба баррасии суди ҳакамӣ пешниҳод намоянд. «Зери истилоҳи суди ҳакамӣ, якум, шакли баррасии баҳсҳои маданӣ-ҳуқуқӣ, дуюм, мақоми баррасии чунин баҳсҳоро ташкилкунанда ва охирон, ҳайати суд ва ё ҳаками ягонаро, ки аз ҷониби тарафҳои баҳс барои ҳалли ҳамин баҳс интихоб кардаанд, фаҳмида мешавад» [109, с. 46-47].

Суди ҳакамӣ судест, ки бо созиши тарафҳо барои ҳалли баҳси мушаххаси хусусияти маданӣ - ҳуқуқидошта ва айни ҳол ба вуҷуд омада, бо уҳдадории ҳалномаи судро қабул кардан баромад менамояд [78, с. 66-68].

Баррасии ҳакамӣ ин шакли алтернативии баррасӣ ва ҳалли баҳс нисбат ба судҳои босалоҳияти давлатӣ мебошад. Моҳияти баррасии ҳакамӣ дар он зоҳир меёбад, ки ҳар ду тараф баррасӣ ва баровардани ҳалномаро ба шахсони сеюм бовар мекунанд (аз ҳамин сабаб, суд ҳам ҳакамӣ номида мешавад). Дар ин фарқияти ҷиддии баррасии ҳакамии парвандаҳои маданӣ аз дигар шаклҳои ҳимояи ҳуқуқҳои субъективии маданӣ мушоҳида мегардад.

Мақсади баррасӣ ва ҳалли парвандаи маданӣ дар суди ҳакамӣ ин танзими муноқишаҳои ҳуқуқӣ ва таъмини иҷрои ихтиёронаи уҳдадорӣ мебошад. Ва ниҳоят баррасии ҳакамии баҳсҳои ҳуқуқӣ барои тарбияи эҳтиром нисбати қонун, баланд бардоштани шуури ҳуқуқӣ, дарки зарурати иҷрои уҳдадорӣ ба хизмат менамояд [101, с. 127-128].

Агар баҳс барои баррасӣ ба суди ҳакамӣ ва ё ба суди босалоҳияти давлатӣ бо назардошти тарафҳои баҳскунанда мансуб пешниҳод шуд бошад. Пас баррасии ҳакамӣ бар ихтиёрдории тарафҳо асос меёбад. Барои он ки баҳс ба тариқи суди ҳакамӣ баррасӣ гардад, созишномаи хаттӣ лозим аст, ки оид ба хусусияти шартномавӣ доштани ин муносибатҳо далолат диҳад. Дар мавриди набудани имконияти созиш, ҷониби манфиатдор метавонад ба суди босалоҳияти давлатӣ бо даъво муроҷиат намояд. Ҳеҷ кас ҳуқуқ надорад тарафҳоро барои супоридани баҳс ба баррасии суди ҳакамӣ маҷбур созад.

«Новобаста ба он ки суди ҳакамӣ суди давлатӣ намебошад ва ба низоми судии ҶТ дохил намешавад, ҳалномаи он мисли ҳалномаи суди босалоҳияти давлатӣ қувваи ҳуқуқӣ дорад» [76, с. 720]. Судҳои ҳакамӣ баробари судҳои салоҳияташон умумӣ фаъолият мебаранд ва дар ин радиф, оид ба зарурати дар низоми судӣ дохил намудани судҳои ҳакамӣ савол ба миён меояд.

«Зарурати шакли ҳакамии баррасии масъалаи ҳифзи ҳуқуқҳои субъективӣ дар сурате ба миён меояд, ки бо ин ё он сабаб хоҳиши шикоят кардан аз қарор дар суди юрисдиксияи умумӣ вуҷуд надошта бошад». [83, с. 138]. Масалан, хориҷиёни дар ин ё он мамлакат иқоматдошта, баррасии баҳси байни онҳо пайдогардидаро мехоҳанд то бо тартиби ҳакамӣ, на дар суди босалоҳияти давлатӣ, баррасӣ ва ҳал карда бошанд.

Масъалаи муҳиме, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои ҳакамӣ» ин масъалаи хароҷоти ҳалли баҳс дар суди ҳакамӣ мебошад. Ба сифати хароҷоти ҳалли баҳс қонун инҳоро номбар кардааст: 1) ҳаққи хизмати ҳакамон; 2) дигар хароҷотҳое, ки ҳакамон вобаста ба иштирок дар муҳокимаи ҳакамӣ доштанд, масъалаи ҳаққи роҳкирои ҳакамон; 3) маблағи барои тарҷумон, коршиносон пешбинӣ шуда ва ғайра.

Хароҷоти ҳакамӣ хароҷоти ташкил ва гузаронидани мурофиаи ҳакамӣ, аз ҷумла хароҷоти ҳакам ё ҳакамон, хароҷоти тарҷумонҳо, шоҳидон, коршиносон, расмиёти ташхисӣ, хароҷоти сафар ва пардохти ҳама гуна пардохтҳо ва пардохтҳоро дар бар мегирад.

Бояд гуфт, ки тибқи қонун ҳама гуна хароҷотҳо бо созиши тараҳо аз ҳисоби онҳо ба амал бароварда мешавад. Оид ба ин ҳолат алҳол ҳангоми бастани созишномаи ҳакамӣ тарафҳо бояд ба мувофиқа омада, иродаи худро мустақилона баён кунанд. «Ин нуқта дар моддаи 15-и Қонун вобаста ба тақсимоти хароҷоти ҳакамӣ ба таври мушаххас зикр шудааст, ки дар он гуфта мешавад, хароҷоти ҳалли баҳс мувофиқи созишномаи ҳакамӣ муайян карда мешавад ва дар сурати набудани чунин созишнома, байни тарафҳои баҳс баробар тақсим карда мешавад» [83, с. 138]. Истеҳсолоти суди ҳакамӣ барои баррасӣ ва ҳалли баҳсҳо оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ амал мекунад ва барои ҳамин чун истеҳсолоти даъвогӣ арзёбӣ мегардад. Ба ҳамин хотир, барои истеҳсолоти суди ҳакамӣ истилоҳҳои даъво, даъвогар, ҷавобгар, воситаи даъвогии ҳимояи ҳуқуқ хос буда, баррасии суди ҳакамӣ ба мурофиаи маданӣ наздик дониста мешавад.

Ба андешаи мо, воситаҳои ҳуқуқии мазкурро вобаста ба давраҳои фаъолиятбарии шакли номбурдаи ҳимоя тақсимбандӣ кардан мумкин аст.

- аз ҷониби шахсони манфиатдор андешида шудани чораҳое, ки баҳри ташкили фаъолияти суди ҳакамӣ (якдафъаина ва ё доимӣ амалкунанда) равона мешавад;
- таъсиси ҳайати ҳакамӣ;
- баргузории мурофиаи судӣ ва қабули ҳуҷҷатҳои дахлдор;
- иҷрои қарори суди ҳакамӣ (қарори ҳакамӣ).

Албатта, мӯҳлати иҷрои қарори суди ҳакамӣ мустақиман ба шакли ҳифзи ҳакамӣ дохил карда шудааст. Сухан дар бораи он меравад, ки иҷрои ҳалномаи суди ҳакамӣ чун фаъолияти мустақил нисбат ба

мурофиаи маданӣ ва иқтисодӣ баромад мекунад. Далели бевоситаи гуфтаи боло он аст, ки иҷрои ҳалномаи суди ҳакамӣ аз рӯйи қоидаҳои қонунгузории махсус дар бораи судҳои ҳакамӣ амалӣ мегардад. Дар ҳолати мазкур, пеш аз ҳама, сухан дар бораи Қонуни ҶТ «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» аз 08.06.2022, № 1873 [21] меравад.

Баробари ин, иҷрои ҳалномаҳои судҳои ҳакамӣ дорои хусусияти худ мебошад. Масалан, моддаи 44 Қонуни ҶТ «Дар бораи судҳои ҳакамӣ» [23] муайян менамояд, ки тарафҳои созишномаи ҳакамиро баимзорасонида «уҳдадор мешаванд ҳалномаи суди ҳакамиро ихтиёран иҷро намоянд. Тарафҳо ва суди ҳакамӣ тамоми тадбирҳоро меандешанд, то ки ҳалномаи суди ҳакамӣ аз ҷиҳати ҳуқуқ қобили иҷро бошад. Ҳалномаи суди ҳакамӣ бо тартиб ва дар муҳлати муқаррарнамудаи ҳамин ҳалнома иҷро карда мешавад. Агар дар ҳалномаи суди ҳакамӣ муҳлати иҷро муқаррар нашуда бошад, он бояд бетаъхир иҷро карда шавад» [83, с. 138].

Хусусиятҳои умумии ишорагардидаи иҷрои ҳалномаи судҳои ҳакамӣ, инчунин робитаи мавҷудаи давраи иҷро ва дигар давраҳои шакли ҳакамии ҳимоя ба имконпазирии иҷро дар шакли ҳимояи ҳуқуқҳои субъективии маданӣ роҳ медиҳад. Илова бар ин, робитаи ишорагардида дар барқарор гардидани ҳуқуқҳои вайронгардида (пардохтани маблағ, пешниҳоди амвол ва ғайра), маҳз дар доираи иҷро, на дигар давраҳои фаъолиятбарии шакли ҳакамии ҳимояи ҳуқуқҳои маданӣ таҷассум меёбад. Ҳамин тариқ, вобаста ба вазъияти мушаххас, шакли ҳакамии ҳифзи ҳуқуқҳои маданиро метавон ҳамчун марҳилаи фаъолияти ташкилот ва дар дигар ҳолатҳо ҳамчун самти мустақили фаъолияти ҳуқуқӣ баррасӣ кард.Қарори суди ҳакамӣ метавонад дар суди босалоҳият бо асосҳои зерин зери баҳс карда шавад:

- агар қарор хилофи қонун бошад;

- қарор принсипҳои асосии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро вайрон кунад;

- яке аз тарафҳо дар бораи мурофиаи ҳакамӣ, сана, макон ва вақти он огоҳ карда нашудааст ё бо сабабҳои узрнок натавонист дар он иштирок кунад [51, с.84; 123, с. 190];

- ҳайати суди ҳакамӣ ё худи тартиб ба қонун ё созишномаи тарафҳо мувофиқат накарда бошад;

- қарори суди ҳакамӣ барои парвандае қабул карда шудабошад, ки дар шартнома пешбинӣ нашудааст ва бо шартҳои созишнома фаро гирифта нашуда бошад;

- мувофиқи қонун баҳс умуман баррасӣ карда нашуда бошад.

Барои ҳамаи давраҳои шакли ҳакамии ҳимояи ҳуқуқҳои маданӣ истифодаи воситаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ хос аст. Аз ин рӯ, таҳлили адабиёти ҳуқуқӣ ба мо имкон пеш овард, то чунин тақсимбандии воситаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ пешниҳод карда шавад: воситаҳои маданӣ-ҳуқуқии вобаста ба қобилияти соҳибҳуқуқӣ (намояндагӣ ва диг.); воситаҳои сохта, аз ҷумла шартномавӣ; воситаҳои моливу ҳуқуқӣ, ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ, ки дар соҳаи истеҳсолоти иҷро истифода мешаванд [51, с.84; 123, с. 190].

Ба таври умум, тақсимбандии воситаҳои маданӣ-ҳуқуқии номбаршударо ҷонибдорӣ намуда, мехостем онро пурратар намоем. «Аввалан, нисбат додани ваколат танҳо ба қобилияти ҳуқуқӣ комилан дуруст нест, зеро дар баъзе мавридҳо он аз шартнома ё созишнома бармеояд. Яъне, ваколат ҳамчун воситаи омехта амал мекунад, ки дорои унсурҳои сохта ва қобилияти ҳуқуқӣ мебошад. Дуюм, дуруст мебуд, ки шартномавӣ ва дигар воситаҳои сохтаро ҳамчун омилҳои ҳатмии ҳуқуқӣ баррасӣ кунем, зеро дар вақти истифодаи онҳо муносибатҳои мадании ухдадоркунанда ба вуқуъ мепайванданд» [121, с. 65]. Сеюм, ба андешаи мо, дар асари В.Е. Бондаренко на он қадар доир ба воситаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ сухан рафтааст, балки дар бораи воситаҳои тамаддунӣ дар соҳаи ҳуқуқи оммавии истеҳсолоти иҷро андешаҳо баён шудааст. Чунин

тақсимбандии олатҳо барои нишондодани хосиятҳои ташкил ва фаъолияти судҳои ҳакамӣ беҳтар мебошад [121, с. 65].

Ҳамин тавр, тақсимбандии зерини воситаҳои маданӣ-ҳуқуқии барои корбарии муътадили шакли ҳакамии ҳимояи ҳуқуқҳои маданӣ муфидбударо пешниҳод кардан мумкин аст:

1. Воситаҳои бо қобилияти соҳибҳуқуқӣ алоқамандбуда. Дар ин ҷо, пеш аз ҳама, сохтори шахси ҳуқуқӣ дар назар дошта мешавад. Масалан, суди ҳакамии доимоамалкунандае, ки дар назди шахси ҳуқуқӣ ташкил шуда, яке аз самтҳои фаъолияти он ба ҳисоб меравад. Имконияти ташкил намудани намояндагӣ ва ё филиали суди ҳакамии доимоамалкунанда низ бояд дар доираи воситаи маданӣ-ҳуқуқии таҳлилшудаистода омӯхта шавад. Масалан, суди ҳакамии дар назди Палатаи Савдо ва Саноати вилояти Суғд дар шаҳри Хуҷанд таъсисдодашударо намуна овардан мумкин аст.

Ба андешаи мо, дар қонунгузории амалкунанда пешбинӣ нашудани имконияти таъсис дода нашудани намояндагӣ ва ё филиал ҳамчун нуқсони қонун арзёбӣ шуда, барои ҳамин бо мақсади беҳтар намудани фаъолияти судҳои ҳакамии доимоамалкунанда хуб мешуд, дар санади мазкур имконияти аз тарафи шахсони ҳуқуқие, ки дар назди он суди ҳакамӣ таъсис ёфтааст, ташкил кардани намояндагӣ ва ё филиалдида баромада шавад. Баробари ин, дар доираи филиал мумкин аст, сохтори суди ҳакамии амалкунанда ва ё суди ҳакамии нав, вобаста ба талаботи Қонуни ҶТ «Дар бораи судҳои ҳакамӣ», созмон дода шавад. Бояд қайд намуд, ки қонуни номбурда шумораи судҳои ҳакамии дар назди як шахси ҳуқуқӣ таъсисдодашавандаро муайян накардааст.

«Бо дарназар дошти ин, қисми 7-уми моддаи 3-и Қонун «Дар бораи судҳои ҳакамӣ» бояд тағйир дода шуда, чунин баён карда шавад: «Вобаста ба шароит, шахси ҳуқуқӣ, ки дар асоси он суди ҳакамӣ таъсис дода шудааст, метавонад филиал ё намояндагии суди ҳакамиро таъсис диҳад».

2. Воситаҳои ухдадоркунандаи ҳуқуқӣ, шартномаҳои гуногун ё унсурҳои алоҳидаи онҳо (маҷмӯи шартҳо), ки ба татбиқи ҳифзи ҳакамӣ алоқаманданд (шартҳои созишнома дар бораи таъсиси як суди ҳакамӣ, созишномаҳои ҳакамӣ дар бораи баррасии баҳс аз ҷониби суди ҳакамӣ доимӣ ва ғайра). Созишномаҳои ҳакамӣ асоси ин зерсистемаи санадҳоро ташкил медиҳанд. Созишномаи ҳакамӣ созишномаи байни тарафҳо дар бораи пешниҳоди баҳс ба суди ҳакамӣ мебошад (моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои арбитражӣ »). [119, с. 135-136].

3. Дигар аз воситаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ, ки фаъолияти муътадили шакли ҳакамии ҳимояи ҳуқуқҳои маданиро таъмин мекунанд – аҳдҳои дигар (ваколатнома оид ба дар суди ҳакамӣ бурдани парванда ва ғ.), воситаҳои молияву-ҳуқуқӣ, ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ, мебошанд, ки бо речаи фаъолиятбарии шакли ҳимояи ҳакамӣ алоқаманд мебошад.

«Низоми се унсури сохтори воситаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ, ки фаъолияти муътадили шакли ҳакамии ҳимояи ҳуқуқҳои субъективиро таъмин менамояд, пеш аз ҳама, ба хосияти мақсадноки он асос меёбад» [100, с. 296 ]. Ҳамин тавр, воситаҳои бо қобилияти соҳибҳуқуқӣ алоқамандбуда, ба ташкили суди ҳакамӣ ҳамчун институти ҳалли баҳсҳои ҳуқуқӣ нигаронида мешаванд. «Гурӯҳи сеюми воситаҳои ҳимояи маданӣ аз ду гурӯҳи дигар бо аҳамияти худ барои татбиқи ҳифзи ҳакамӣ фарқ мекунад. Дар ҳоле ки воситаҳои ҳимояи ду гурӯҳи аввал ҳамеша мавриди ҳимояи ҳакамӣ қарор доранд, воситаҳои ҳимояи гурӯҳи сеюм на ҳамеша истифода мешаванд (масалан, агар соҳибкори инфиродӣ, тарафи парванда, шахсан дар мурофиаи ҳакамӣ ҳозир шуда бошад ва ваколатнома пешниҳод накунад, масъулияти маданӣ татбиқ намегардад). ва ғ.) ва онҳо хосияти барои тақсимбандии дар доираи шакли ҳимояи ҳакамӣ истифодашавандаро соҳиб нестанд» [100, с. 296 ].

Таҳлили низоми воситаҳои маданӣ-ҳуқуқии барои таъмини ташкил ва фаъолияти судҳои ҳакамӣ истифодашаванда имконият медиҳад, инчунин ба муаммои барасмиятдарории меъёрии он низ таваҷҷуҳ

намоем. Аз лиҳози сарчашмаҳои ҳуқуқ низоми номбурда, якум, дар Кодекси мадании ҶТ, дигар қонунгузории мадании аҳаммияти умумдошта дарҷ гардидааст. Масалан, агар шахси ҳуқуқие, ки дар назди он суди ҳакамӣ фаъолият мебарад, дар шакли ташкилоти ғайритиҷоратӣ ташкил шуда бошад, пас дар ин ҷо, пеш аз ҳама, Қонуни ҶТ «Дар бораи ташкилотҳои ҷамъиятӣ» аз 12 майи соли 2007 ба роҳбарӣ гирифта мешавад [22].

Дуюм, ба сифати санадҳои марказии муайянкунандаи мақоми воситаҳои маданӣ-ҳуқуқии таҳлилшаванда санадҳои махсус, ба монанди Қонуни ҶТ «Дар бораи судҳои ҳакамӣ», «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 18.03.2015, №1183 баромад мекунанд.

Сеюм, воситаҳои маданӣ-ҳуқуқии дар доираи шакли ҳимояи ҳуқуқҳои маданӣ истифодашаванда, дар меъёрҳои ҳуқуқии локалии нисбати фаъолияти судҳои ҳакамии доимоамалкунанда пешбинӣ гардида баромад мекунад. Агар сухан дар бораи сарчашмаҳои меъёрии гурӯҳи якум ва воситаҳои маданӣ-ҳуқуқии таҳлилшаванда равад, дар санадҳои гурӯҳи дуюм ва сеюм чунин воситаҳо бо воситаҳои мурофиавии маданӣ алоқаманд дониста мешаванд.

Пас, хулоса кардан мумкин аст, ки усули асосӣ дар қонунгузории амалкунанда доир ба шакли судии ҳакамии ҳимояи ҳуқуқҳои маданӣ ин танзими ҳуқуқии байнисоҳавӣ, ки бо ёрии воситаҳои ҳуқуқии гуногунсоҳавӣ амалӣ мегардад, ҳисобида мешавад. Моҳиятан, дар чунин ҳолат шакли ҳуқуқии маҷмуавӣ ба миён меояд, ки он ҳамчун «суди ҳакамӣ» арзёбӣ мегардад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ вобаста ба масъалаи соҳаҳои ҳуқуқии комплексӣ ду намуди муносибат мавҷуд мебошад. Як гурӯҳи олимон чунин меҳисобанд, ки соҳаҳои ҳуқуқии комплексӣ вуҷуд надошта, танҳо меъёрҳои ҳуқуқии комплексӣ мавҷуд мебошанд [40, с. 121]. Дигар гурӯҳи олимон, баръакс, назарияи мазкурро дастгирӣ менамоянд. Ҳамин тавр,

ба сифати соҳаҳои комплексии ҳуқуқӣ ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи истеъмолӣ ва ғайраро ҷудо мекунанд [35, с. 15].

Ба ақидаи мо, бо ҷудо намудани соҳаҳои ҳуқуқии комплексӣ дар низоми ҳуқуқи ҶТ бояд розӣ шуд. Пас, бояд эътироф намуд, ки ишорати дар боло овардашудаи ҳуқуқи ҳакамӣ ин соҳаи комплексӣ буда, меъёрҳои ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи мурофиавии маданӣ ва ҳуқуқи мурофиавии иқтисодиро дар бар гирифтааст. Барои чунин хулоса намудан ҳамаи нишонаҳои лозимае, ки алҳол В.К. Райхер [70, с. 189-190] муайян намудааст, дида мебароем:

- мувофиқии маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқӣ ба доираи муносибатҳои ҷамъиятии муайян – мавҷудияти алоқамандии матлабӣ (матлаби мустақили танзимнамоӣ);

- тадриҷан аҳаммиятнокии доираи муносибатҳои ҷамъиятии танзимшаванда;

- васеъ будани ҳаҷми маводи меъёрии дахлдор.

Дар ҳақиқат, тамоми нишонаҳои дар маҷмуи меъёрҳои ба соҳаҳои ҳуқуқӣ гуногун мутааллиқ ҳисобида, дар соҳаи ҳуқуқи ҳакамӣ ҷой дорад. Ин нишонаҳоро бевосита нисбат ба ҳуқуқи ҳакамӣ дида мебароем. Якум, матлаби мустақили танзими ҳуқуқиро доро мебошанд. Ин муносибатҳои ҷамъиятии дар раванди ташкил ва ба амалбароии шакли ҳакамии ҳимояи ҳуқуқҳои маданӣ ба миён меоянд, дониста мешавад. Ин ҷо ду гурӯҳи муносибатҳоро фарқ кардан лозим аст:

- муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ, ки ба нишондоди моддаи 2 КМ ҶТ мувофиқат менамоянд, «аз ҷумла муайян кардани асосҳои пайдоиш ва тартиби татбиқи ҳуқуқи молу мулкӣ ва дигар ҳуқуқҳои моликият, ҳуқуқ ба натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ, инчунин уҳдадориҳои шартномавӣ ва дигар, инчунин дигар муносибатҳои моликият ва муносибатҳои шахсии ғайримолумулкии марбут ба онҳо, ки ба баробарӣ, мустақилияти ирода ва истиқлолияти амволии иштирокчиён асос ёфтаанд. [111, с. 92]. Тамоми ин муносибатҳо бар баробарии тарафҳо, мухторияти ирода ва

мустақилияти молиявии тарафҳо асос меёбанд. Дар доираи муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ воситаҳои ҳуқуқӣ-мадании ташкил ва фаъолияти судҳои ҳакамӣ муайян ва амалӣ мегарданд:

- муносибатҳои оммавӣ, ки аксар хусусияти меъёрҳои мурофиавиро доро мебошанд. Дар мисоли шакли ҳакамии ҳимояи ҳуқуқи маданӣ дар раванди расмиёти баррасии ҳакамӣ муносибатҳои дахлдор ба миён меоянд. Дар ин ҷо истифодаи воситаҳои мурофиавӣ-ҳуқуқӣ мушоҳида мешавад.

Бояд ишора намуд, ки муносибатҳои маскур бо ҳам алоқаманд мебошанд. Робита дар он зоҳир меёбад, ки он дар доираи шакли ягонаи ҳимояи ҳакамии ҳуқуқҳои маданӣ амалӣ мегардад. Пас, чунин хулоса кардан мумкин аст, ки истифодаи якҷояи воситаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ ва мурофиавӣ-ҳуқуқӣ низ имконпазир мебошад [111, с. 92]. Лекин дар моҳияти воситаҳои таҳлилшаванда фарқият низ мушоҳида мешаванд. «Агар мо дар ин бора ба таври умумӣ сухан кунем, онро метавон чунин баён кард: агар воситаҳои фарҳангӣ ва ҳуқуқӣ ташкил ва фаъолияти судҳои ҳакамӣ, инчунин иҷрои қарорҳои онҳоро таъмин кунанд, пас воситаҳои мурофиавӣ ва ҳуқуқӣ танҳо иҷрои қарорҳои қабулшударо дар назар доранд». [119, с. 132].

Ҳамин тавр, дар хулоса бояд иброз намуд, ки гурӯҳбандии воситаҳои ҳуқуқӣ бояд вобаста ба хосияти мақсаднокии он гузаронида шавад. Аз ин рӯ, ин ба мо имкон медиҳад, ки дар бораи санадҳои ҳуқуқии соҳаи мураккаби ҳуқуқӣ, ки бо унсури маданӣ -ҳуқуқӣ алоқаманданд, хулоса барорем: санадҳои ҳуқуқии соҳаи мураккаб бар асоси принсипи ягонагӣ ва тафриқабандӣ инъикос меёбанд. Ин принсипи ташкили санадҳои ҳуқуқӣ аз соҳаҳои гуногун, аз ҷумла санадҳои маданӣ -ҳуқуқӣ, дар дохили як системаи ягона нишонаи нишон додани истиқлолияти низоми мураккаби ҳуқуқӣ ҳисобида мешавад. [111, с. 92].

Дуюм, барои ҳуқуқи ҳакамӣ, инчунин аҳаммиятнокии доираи васеи муносибатҳои ҷамъиятии танзимшаванда хос мебошад. Аҳаммияти муносибатҳои ҷамъиятии аз ҷониби ҳуқуқи ҳакамӣ танзим шаванда, вобаста ба манфиати оммавии он муқаррар мешавад. Мақсади чунин танзим муомилоти маданиро ба мувозинат овардан буда, он бо корбасти воситаҳои махсуси ҳалли мунокишаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ ташкил карда мешавад. «Дар ин робита, системаи воситаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ ва тартибӣ-ҳуқуқӣ на танҳо барои қонеъ кардани манфиатҳои шахсии иштирокчиёни алоҳида дар муомилоти амволӣ, балки барои қонеъ кардани манфиатҳои тамоми ҷомеа низ равона шудааст». [70, с. 189-190].

Сеюм, тавре ки В.К. Рейхер ишора намуда буд, ба соҳаҳои комплексӣ, инчунин вуҷуд доштани шумораи зиёди маводи меъёрӣ хос мебошад [70, с. 189-190]. «Ба ин меъёрҳои Қонуни ҶТ «Дар бораи судҳои ҳакамӣ», «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ» нишондоди қонунгузории мурофиавӣ доир ба шакли ҳакамии ҳимоя, санадҳои локалии ба фаъолиятбарии судҳои ҳакамӣ дахлдошта мансуб мебошанд» [70, с. 189-190].

Воситаҳои таъмини ҳифзи ҳакамии ҳуқуқҳои мадании субъективӣ низоми ташаккулёфта арзёбӣ гардида, дар байни воситаҳои маданӣ-ҳуқуқии барои мунокишаҳои ҳуқуқӣ истифодагардида, мақоми мустақилро ишғол менамоянд. «Чунин мавқеъ ба таври зайл шарҳ дода мешавад:

1) бо соҳаи истифода шудани воситаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ – баҳсҳои ҳуқуқии дар миқёси амали ҳуқуқи маданӣ бавуҷудоянда;

2) нишонаҳои субъектӣ – нишонаҳое ҳастанд, ки танҳо субъектони ҳуқуқи маданӣ истифода мебаранд;

3) бо таъиноти воситаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ – олатҳои номбурда дар доираи ҳимояи ҳакамии ҳуқуқҳои мадании субъективӣ, барои таъмини фаъолиятбарии муътадил нигаронида шудаанд» [119, с. 132].

# БОБИ II. МАСОИЛИ МАДАНӢ-ҲУҚУҚИИ БАРАСМИЯТДАРОРИИ ҲИМОЯИ ҲАКАМИИ ҲУҚУҚҲОИ СУБЪЕКТИВӢ

## 2.1 Масъалаҳои маданӣ-ҳуқуқии таносуби шахсони ҳуқуқӣ ва суди ҳакамӣ

Ҷомеаи инсонӣ сохтор ва таркиби мураккаб дорад, ки аз афрод, гурӯҳҳои одамон ва иттиҳодияҳои гуногуни одамон (табақаҳо, миллатҳо ва ғайра) иборат аст ва ин қишрҳо дар алоқамандӣ ва ҳамбастагии байниҳамдигарӣ (муносибатҳои байни ҳамдигар) кору фаъолият бурда, умр ба сар мебаранд. Ин муносибатҳо гуногун ҳастанд, ба соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва фаъолияти одамон (муносибатҳои соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, муносибатҳои оилавӣ, меҳнатӣ ва ба мисли онҳо) вобаста буда, пайдо мешаванд, тағйир меёбанд ва қатъ мегарданд [105, с. 78].

Албатта, муносибатҳои густаришёфтаи байни шахсони ҷудогона, иттиҳодияҳои онҳо, ташкилоту муассисаҳо, инчунин давлатҳо метавонанд ба ихтилофу зиддиятҳо оварда, мавриди муҳокима қарор дода шуда, ниёз ба ҳалли дуруст, одилона ва қонунӣ пайдо намояд.

Дар соҳаи муносибатҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва маданӣ қонунгузор (КММ ҶТ, КМИ ҶТ, Қонуни ҶТ «Дар бораи судҳои ҳакамӣ») истилоҳи «баҳс»-ро истифода мебарад. Истифодаи вожаи мазкур дар ин соҳа бештар мувофиқ аст, зеро соҳаи муносибатҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва шаҳрвандӣ асосан моҳияти хусусӣ дошта, оғозу ҷараёни минбаъдаи онҳо аз хоҳишу иродаи тарафҳо вобаста аст [119, с. 135-137].

Истилоҳи «баҳс» дар забони тоҷикӣ бештар ба маънои гуфтушунид (мубоҳиса) оид ба масъалаи муайянро мефаҳмонад. Албатта, ин истилоҳ оддӣ ва танҳо барои гуфтушунид истифода намешавад. Баҳс оид ба чизе ё масъалае пайдо мешавад, ки нисбати онҳо байни тарафҳо ихтилоф мавҷуд аст, яъне тарафҳо оид ба ин ҳолат ё масъала, ҳалли дуруст, одилона ва қонуниро ҷустуҷӯ менамоянд.

Ҳама гуна муносибатҳои субъектони ҳуқуқи маданӣ ва ё иқтисодӣ ё ин ки низоъҳои дар ин муносибатҳо пайдошуда мураккаб ва серсоҳа буда, ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилоту созмонҳоро ташкил дода метавонанд. Ба доираи муносибтҳои соҳаи ҳуқуқи маданӣ ва иқтисодӣ муносибатҳо вобаста ба моликият (доштан, истифода бурдан ва ихтиёрдори намудани молу мулк, ба иҷора додан, фурӯхтан ё туҳфа кардани молу мулк), муносибатҳо вобаста ба маҳсулотсупорӣ, (контрактатсия), пудрат, ҳамлу нақл (боркашонӣ), қарз ва ғайра дохил мешаванд.

Пас, дар раванди баамалбарории муносибатҳои иқтисодӣ ва маданӣ эҳтимол аст баҳсҳои ҳуқуқӣ ба вуҷуд омада, он ҳалли дуруст ва одилонаю қонуниро тақозо менамояд. Ҳангоми баррасӣ ва ҳалли дуруст, одилона ва қонунӣ, баҳсҳои бамиёномада, муносибатҳои иқтисодӣ ва маданӣ тадриҷан устувор шуда, инкишоф ва пешрафти босуботи тарафҳоро заминаи устувор мегузорад. Шароити фароҳам барои пайдо шудани эътимод нисбати қонун ва мақомоти баамалбарорандаи адолати судӣ пайдо мешавад. «Дар ин робита, бояд қайд кард, ки кафолати ҳифзи ҳуқуқҳои тарафҳои баҳс аз баррасии саривақтӣ ва одилонаи баҳси ҳуқуқӣ дар доираи қонун муайян карда мешавад». [96, с. 84-85].

Амалӣ намудани ин ҳадаф воситаю тарзҳои мукаммалу зарурии ҳалли баҳсҳоро тақозо менамояд. Дар таҷрибаи давлатҳои ҷаҳон, хусусан, давлатҳои аз лиҳози таҷрибаи ҳуқуқтатбиққунӣ пешрафта шаклу тарзҳои гуногуни ҳалли баҳсҳои зикргардида мавҷуд аст. Ҳамаи ин тарзу воситаҳо ба ду гурӯҳ тақсим карда мешаванд: 1) Тарзу воситаҳои давлатии ҳалли баҳсҳо. 2) Тарзу воситаҳои ғайридавлатии (алтернативии) ҳалли баҳсҳо [101, с. 127-130].

Ба тарзу воситаҳои давлатии ҳалли баҳсҳо, пеш аз ҳама, низоми судии давлати алоҳида ва судҳои байнидавлатӣ шомиланд. Бояд қайд намуд, ки ҳанӯз аз давраи ҷомеаи инсонӣ (инсони бошуур) ба вуҷуд омадани баҳсҳо, механизмҳои ҳалли ин баҳсҳо низ пайдо шудаанд.

Онҳо, асосан дар худ мақомоти судиро ифода карда, бахри амалӣ намудани адолати судӣ кӯшиш ба харҷ медоданд. Бояд қайд кард, ки мақомоти судӣ дар ҷомеа ду вазифаи асосиро иҷро менамояд: 1) дар асоси қонуни давлат одилонаю холисона ҳаллу фасл намудани баҳсҳои байни шаҳрвандон, гурӯҳи онҳо, ташкилоту муассисаҳо ва давлат; 2) аз номи давлат таъин намудани ҷазо барои ҳуқуқвайронкуниҳо.

Ин вазифаҳои асосии хешро иҷро намуда, ҳокимияти судӣ кафили асосии адолату қонуният дар ҷомеа мебошад. Адолату қонуният арзишҳои муҳим ва асоси устувори тартиботи зарурӣ ва пешрафти ҷомеа мебошанд. Ҳамон қадаре, ки адолату қонуният дар ҷомеа мустаҳкам ва бенуқсон бошанд, ҷомеа ва давлат таҳким ёфта, мураттабгаштаю муназзамгашта ва пешрафта арзёбӣ мегарданд.

Мақомоти судии давлатӣ бо пайдоиши давлат алоқаманд буда, яке аз рукнҳои асосии он мебошад. Давлат бе мақоми судӣ вуҷуд дошта наметавонад ва, баръакс, мақомоти судӣ низ бе давлат буда наметавонад. Бинобар ин, суд низ ба мисли давлат таърихи чандҳазорсола дорад. Дар ин муддат низоми судӣ инкишофу такмил ёфта, шаклу тарзҳои фаъолияти он низ мукаммал гаштаанд.

Низои ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи маданӣ аксар вақт ҳусусияти иқтисодӣ, хоҷагидориро касб менамояд. Ба ақидаи олими ватанӣ Д.Ш. Сангинзода «соҳибкорӣ фаъолияти мустақили ба таваккалии худ амалишавандаи шахсони ба чунин сифат бо тартиби муқарраркардаи қонун бақайдгирифташудае мебошад, ки барои мунтазам ба даст даровардани фоида аз истифодаи молу мулк, фурӯши мол, иҷрои кор ё расонидани хизмат равона карда шудааст. Бинобар ин, баҳсҳои иқтисодӣ яке аз намудҳои низоъ ва мунокишаҳои ҳуқуқӣ арзёбӣ карда мешавад. Ба сифати субъектони ин баҳсҳо шахсони ҳуқуқӣ, соҳибкорони инфиродӣ бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ ва шаҳрвандон – шахсони воқеӣ баромад менамоянд» [72, с. 144].

Тибқи муқаррароти моддаи 10 КМ ҶТ «ҳифзи ҳуқуқҳои мадании вайронгардида ё мавриди баҳс қарордоштаро тибқи мансубияти бо

қонунҳои мурофиавӣ муқарраршудаи парвандаҳо аз ҷониби суд, суди иқтисодӣ, суди ҳакамӣ ё арбитраж ба амал бароварда мешавад» [10]. Дар меъёри қонуни мазкур ба шумораи судҳои ҳимоякунандаи ҳуқуқҳои маданӣ судҳои ҳакамӣ низ дохил шудаанд.

Судҳои ҳакамӣ ба низоми судҳои давлатӣ шомил намебошанд. Судҳои ҳакамӣ бо мақсади баррасӣ ва ҳалли баҳсҳои байни иштирокчиёни муносибатҳои молумулкии дар соҳаи фаъолияти хоҷагидорӣ пайдошуда, ташкил мешавад.

«Дар раванди муайян намудани вазъи ҳуқуқии судҳои ҳакамӣ ва мақоми ҳимояи ҳакамии ҳуқуқҳои мадании субъективӣ мумкин аст, истилоҳи «шахси ҳуқуқӣ» дар таълимоти ҳуқуқи маданӣ ташаккул ёфта, дар қонунгузории маданӣ истифода гардад.

Ҳамин тариқ, гарчанде Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷати муҳиме ҳисобида мешавад, ки мақоми судҳои ҳакамиро муайян мекунад, бинобар мақсади асосии онҳо, судҳои ҳакамӣ наметавонанд ҳамчун субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ-маданӣ амал кунанд, зеро онҳо ба ҳалли дигар масъалаҳои муҳими иҷтимоӣ нигаронида шудаанд. Бояд қайд кард, ки назарияи ҳуқуқи маданӣ мавҷудияти ташкилотҳои ба истилоҳ квазисубъектӣ, яъне ташкилотҳоеро баррасӣ мекунад, ки мақоми шахси ҳуқуқӣ надоранд, аммо дар муносибатҳои ҳуқуқӣ-маданӣ ё иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ ба дараҷаҳои гуногун иштирок мекунанд. [111, с. 98-100].

Судҳои ҳакамӣ яке аз шакли муҳим ва ташаккулёфтаи алтернативии ҳалли баҳсҳои иқтисодӣ ва маданӣ мебошанд. Дар таҷрибаи фаъолияти давлатҳои муосири ҷаҳон онҳо зарурату аҳаммияти худро собит намуда, пайваста мукаммалу инкишоф ёфта истодаанд.

Тарафҳои мусбии баррасии суди ҳакамӣ:

- одатан, баррасии судии ҳакамӣ нисбат ба мурофиаҳои судии босалоҳият тезтар мебошад;

- барассии судии ҳакамӣ махфӣ мебошад, ки як омил барои обрӯи тиҷоратӣ муҳим аст;

- имконоти интихоби ҳакамҳо ва тартиботе вуҷуд дорад, ки барои баҳси мушаххас мувофиқтар бошанд;

- қарорҳои ҳакамӣ метавонанд дар дигар кишварҳо тибқи созишномаҳои байналмилалӣ эътироф ва иҷро карда шаванд [78, с. 23-24].

Тавре ки қайд гардид, яке аз хусусиятҳои ҳама гуна низоъҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла баҳсҳои иқтисодӣ ва маданӣ, аз он иборат мебошанд, ки онҳо ба кӯмаки ҷониби сеюм (шахси сеюм) эҳтиёҷ доранд. «Зеро ду тарафи даргир наметавонанд ба созиш бирасанд ва баҳсҳои мавҷудаи худро мустақилона ҳал кунанд. Тарафи сеюм (ё шахси сеюм) бояд ихтилофоти онҳоро бартараф кунад, бурду бохти тарафҳоро оид ба баҳсу низоъ фаҳмонад, то ки онҳоро ба созиш биёрад ё баҳси онҳоро ҳаллу дар асоси қонун одилона ва холисона фасл намояд» [78, с. 23-24].

Судҳои ҳакамӣ - чунин шакли алтернативии ҳалли баҳсу низои иқтисодӣ ва маданӣ мебошад, ки дар асоси хоҳиш ва пешниҳоди тарафҳои баҳс таъсис ёфта (интихоб шуда), ҳалли баҳси миёни онҳоро, одилона ва тибқи қонун ҳаллу фасл менамояд. Судҳои ҳакамӣ ду намуд доранд: 1) судҳои ҳакамии доимоамалкунанда ва 2) судҳои ҳакамии якдафъаина [105, с. 80; 78, с. 24].

Мақсади таъсиси судҳои ҳакамии доимоамалкунанда аз он иборат аст, ки мутахассисони зарурӣ гирд оварда шуда, шароиту воситаҳои зарурии корӣ пешакӣ муҳайё карда мешаванд, инчунин, ин судҳо ба субъектҳои хоҷагидор маълуманд, то ки субъектҳо дар шартномаҳои маданӣ - ҳуқуқии худ тавзеҳоти ҳакамиро дарҷ намоянд, зеро тавзеҳоти ҳакамӣ, пеш аз ҳама, тарафҳоро водор месозад, ки шартномаро ба таври дахлдор иҷро намоянд, аз дигар тараф, ҳангоми иҷро нанамудан, ё ба таври дахлдор иҷро нагардидани шартнома онҳо пешакӣ медонанд, ки онҳо метавонанд ба суди ҳакамии муайяншуда муроҷиат намоянд.

«Мавҷудияти судҳои ҳакамии доимоамалкунанда, дар навбати худ, мусоидат менамоянд, ки тарафҳо баҳси худро дар ин судҳо ҳар чӣ тезтар ва дар вақти кӯтоҳ ҳаллу фасл намоянд» [78, с. 23-24].

Инкишофи муносибатҳои иқтисодӣ, молию пулӣ ва дигар омилҳои инкишофи муносибатҳои хусусӣ тақозо менамоянд, ки судҳои ҳакамӣ низ дар соҳаҳои алоҳидаи ин муносибатҳо фаъолият намоянд, яъне ба тариқи махсусгардонидашуда амал намоянд, зеро соҳаҳои ҳаёти ҷомеа бисёрҷабҳа, мухталиф ва мураккаб буда, донишҳои зиёд ва махсус, мутаххасисони ин соҳаҳоро талаб менамоянд, то ки баҳсҳои дар соҳаҳо бавуҷудомадаро ҳамаҷониба, воқеъбинона ва беғаразона ҳаллу фасл намоянд. Аз ин ҷо, масалан, судҳои ҳакамӣ дар соҳаи аграрӣ, қарздиҳӣ, сохтмон ва дигар соҳаҳо дар давлатҳои инкишофёфта таъсис ёфтаанд [131, с. 176].

Махсусгардонии судҳои ҳакамӣ ҳамчунон барои дар як вақти кӯтоҳ ва дар сатҳи баланди касбӣ ҳал намудани баҳсҳои тарафҳо низ муфиду зарур мебошад. «Албатта, дар давлатҳое, ки ҷараёни таъсисёбии судҳои ҳакамӣ акнун оғоз ёфтааст, махсусгардонии судҳои ҳакамӣ вақти муайянеро талаб менамояд, ки он барои ташаккулёбӣ ва мустаҳкамшавии судҳо, ҳамчунон инкишофи муносибатҳои иқтисодӣ ва баҳсҳое, ки дар ин ҷода ба вуҷуд меоянд, зарур мебошад» [78, с. 9-10].

Қайд кардан бамаврид аст, ки бояд судҳои ҳакамии як маротиба амалкунанда таъсис дода шуда, ба воситаи онҳо баҳсҳои иқтисодӣ ва маданӣ баррасӣ ва ҳал карда шаванд. Судҳои ҳакамии як бор амалкунанда бо розигии тарафҳои баҳс таъсис дода мешаванд ва ҳайаташро тарафҳо пешбарӣ менамоянд, яъне таъсис додани судҳои ҳакамӣ барои баррасии баҳси мушаххаси бавуҷудомада аз иродаю хоҳиши тарафҳо вобаста аст. Қонунгузорӣ дар ин ҷо низ хусусияти соҳаи фаъолияти хусусии шахсро ба инобат гирифта, имкон додааст, ки худи тарафҳо ин навъ судро таъсис диҳанд ва баҳси пайдошударо бо истифода аз он ҳал намоянд. Баъди ҳалли баҳси мушаххас фаъолияти судҳои ҳакамии як бор амалкунанда қатъ карда мешавад.

Албатта, интихоби тарзу воситаҳои ҳалли баҳсҳо аз иродаи тарафҳо вобаста аст. Тарафҳо мустақилона, бо назардошти манфиатҳояшон, ҳуқуқи комил доранд, то воситаҳои заруриро интихоб намоянд.

Аз дигар тараф, амалияи фаъолияти судҳои давлатӣ, аз лиҳози таҷрибаи ҳуқуқтатбиқкунӣ собиқаи зиёд дошта, нишон медиҳад, ки дар баррасӣ ва ҳаллу фасли баҳсҳои иқтисодӣ ва маданӣ бештар судҳои ҳакамии доимоамалкунанда муфидтар ва самараноктар мебошанд, зеро онҳо ҳам аз нигоҳи ташкилӣ ва ҳам аз нигоҳи ихтисоснокию таҷрибаи фаъолияти ҳакамот, ба ин кор хубтар омода мебошанд [117, с. 74].

Афзалияти асосии баррасии суди ҳакамии баҳс дар чунин ҳолатҳо мушоҳида карда мешавад: 1) сарфаи вақти тарафҳои баҳскунанда, зеро ҳаҷми хироҷи ҳакамӣ ва хароҷот, одатан аз ҳаҷми боҷи барои суди давлатӣ пардохташаванда камтар аст; 2) имконоти интихоби судяҳо аз ҷониби тарафҳои баҳс аз рӯйи ҳисси ботинии худ; 3) босуръат будани баррасии баҳс; 4) расмиёти соддакардашудаи баррасии судии ҳакамӣ, зеро суди ҳакамӣ ба меъёрҳои мурофиаи маданӣ ва ё мурофиаи иқтисодӣ дар рафти маҷлисҳо вобаста намебошад; 5) фориғ будан аз тобеияти судии ҳудудӣ, ки хоси судҳои босалоҳияти давлатӣ мебошад, аз ҷумла доштани имконоти баррасии баҳс бевосита дар маҳалли ҷойгиршавии тарафҳои баҳс (чӣ вобаста ба маҳалли воқеъшавии ҷавобгар, чӣ вобаста ба маҳалли воқеъшавии даъвогар); 6) зудҳаракатии баррасии ҳакамӣ, ки вобаста ба он судҳои ҳакамӣ метавонанд маҷлисҳои судиро дар маҳалли воқеъшавии амволи баҳснок, дар ҷойи пурсиш, санҷиши нишондод ва дигар амалҳои мурофиавиро гузаронанд; 7) махфӣ будани баррасии судии ҳакамӣ; 8) имконияти ба таври суди ҳакамии якдафъаина аз ҷониби тарафҳои баррасии судии ҳакамӣ; 9) имконияти аз тарафи суди ҳакамии доимоамалкунанда мустақилона муқаррар намудани қоидаҳои танзимкунандаи фаъолияти он, расмиёти баррасии судии ҳакамӣ; 10) муайян намудани муаммои калидии таҷрибаи ҳуқуқтатбиқнамоӣ; 11) имконияти дар асоси худмаблағгузорӣ фаъолият намудан; 12) сарфаи воситаҳои тарафҳои баҳскунанда, зеро онҳо вазифадор нестанд барои

намояндагони касбӣ маблағ харҷ намоянд. Ҳамаи маълумоти лозимаро дар рафти кори суди ҳакамӣ пайдо карда метавонанд; 13) ба сифати эксперт ва судяҳо на танҳо ҳуқуқшиносон, балки мутахассисони дигар соҳаҳои бо мавзуи баҳс алоқамандбуда ҷалб гардида метавонанд; 14) кӯмаки воқеии суди ҳакамӣ барои расидан ба созиши оштӣ, ки барои қонеъ кунонидани манфиати мутақобилаҳои тарафҳо равона шудааст; 15) ба таври маҷбурӣ иҷро намудани қарори суди ҳакамӣ бо тартиби истеҳсолоти иҷро ҳангоми аз тарафи қарздор рад гардидани иҷрои ихтиёрии варақаи иҷро; 16) фоизи баланди иҷрои ҳалномаи суди ҳакамӣ [111, с. 92-94].

Ҳамчун камбудии баррасии судии ҳакамӣ чунин омилҳоро номбар кардан мумкин аст: 1) дар қонунҳои ҷорӣ нисбати судҳои ҳакамӣ пешбинӣ нагардидани имконоти татбиқи чораҳои маҷбурсозии таъминоти даъво; 2) аз мавқеи иштирокчиёни баҳс вобаста будани истеҳсолоти судии ҳакамии самаранок;

Боиси қайд аст, ки дар муносибатҳои тиҷоратии байналмилалӣ ҳангоми сар задани баҳсҳои ҳуқуқӣ бештар арбитражҳои байналмилалии тиҷоратӣ ташкил гардида фаъолият мекунанд. Чун қоида ин мақомот дар назди палатаҳои савдо ва саноат таъсис дода мешаванд, зеро ин палатаҳо бевосита бо ташкили муносибатҳои савдои хориҷӣ ва бо субъектҳои хориҷии хусусӣ бештар сарукор доранд.

Судҳои ҳакамӣ ҳамчун механизми алтернативии ҳалли баҳсҳои иқтисодӣ ва маданӣ дар асоси принсипҳои хоса таъсис ёфта, фаъолият мебаранд. Ин принсипҳо аз моҳияти демократӣ, беғаразона, холисона ва мустақилияти судҳои ҳакамӣ бармеоянд. «Ба ин принсипҳо дохил мешаванд:

1) таъсиси ихтиёрии судҳои ҳакамӣ бо дархости тарафҳо;

2) интихоби судяҳои судҳои ҳакамӣ дар асоси интихоботӣ;

3) истиқлолияти фаъолияти судҳои ҳакамӣ аз қонунгузории мурофиавии маданӣ ва мурофиаҳои иқтисодӣ;

4) бастани фаъолияти судҳои ҳакамӣ;

5) иҷрои ихтиёрии қарорҳои судҳои ҳакамӣ;

6) дастгирии давлатӣ аз фаъолияти судҳои ҳакамӣ» [72, с. 156].

Яке аз принсипҳои асосии ташкили судҳои иқтисодӣ созишномаи ҳакамӣ барои баррасӣ ва ҳалли баҳсҳо дар судҳои ҳакамӣ мебошад.Тибқи розигии тарафҳо онҳо метавонанд аз судҳои ҳакамии доимоамалкунанда ва ё якдафъаина истифода баранд [131, с. 78].

Ба таври ихтиёрӣ ва дар асоси розигии тарафҳо ташкил шудани судҳои ҳакамӣ муайянкунандаи дигар принсипҳо ва ҷанбаҳои фаъолияти судҳои ҳакамӣ мебошад. Моҳияти судҳои ҳакамӣ ҳам аз ҳамин принсип бармеояд.

Аз ҷониби тарафҳо интихоб шудани судяҳои судҳои ҳакамӣ низ бо моҳияти демократии судҳои ҳакамӣ иртиботи бевосита дорад. Тарафҳои баҳс ҳангоми мурочиат ба судҳои ҳакамии доимоамалкунанда судяҳоро бо хоҳиши худ мустақилона интихоб менамоянд. Судяҳо аз ҷониби тарафҳо бояд дар асоси ихтисосмандӣ, кордонӣ, таҷрибадорӣ ва беғаразӣ интихоб карда шаванд. Агар манфиатдории судя нисбат ба баҳси баррасишаванда маълум гардад, худи судя ё тарафе нисбати он бояд раддия пешниҳод намояд.

Ба қонунгузории мурофиавии маданӣ ва мурофиаи судии иқтисодӣ вобаста набудани судҳои ҳакамӣ. Маълум аст, ки мурофиаи маданӣ ва мурофиаи судии иқтисодӣ тибқи кодексҳои ин соҳаҳо дар судҳои давлатӣ сурат мегирад ва қоидаҳои мурофиавии онҳо хеле мураккаб мебошанд. Дар судҳои ҳакамӣ, ки тарафҳо бо хоҳиши худ мустақилона онҳоро ташкил медиҳанд ва дар асоси розигии онҳо муҳокимаи ҳакамӣ оғоз мегардад, зарурат ба чунин қоидаҳои мураккаби мурофиавӣ намемонад. Мурофиа дар судҳои ҳакамӣ ба таври содда мегузарад. Мурофиа дар асоси қоидаҳои судҳои ҳакамии доимоамалкунанда ё дар асоси созишномаи ҳакамӣ, ки барои таъсиси судҳои ҳакамии якдафъаина баста мешавад, сурат мегирад.

Ба таври пӯшида гузаронидани муҳокимаи ҳакамӣ. Маҷлисҳои судҳои ҳакамӣ чун қоида пӯшида гузаронида мешаванд. Пӯшида гузаронидани ин маҷлисҳо ба он вобаста аст, ки масъалаҳои дар ин судҳо баррасишаванда моҳияти хусусӣ дошта, ба манфиати тарафҳои баҳс дахл доранд ва ташкилшавии фаъолияти судҳои ҳакамӣ низ бо ташаббуси тарафҳои баҳс вобаста аст.

Ба андешаи олимони соҳа, принсипи «дарҳои боз», ки дар судҳои давлатӣ амал мекунад, барои судҳои ҳакамӣ ҳатмӣ нест. Шахсоне, ки иштирокчии муҳокимаи ҳакамӣ нестанд, метавонанд танҳо бо розигии тарафҳои баҳскунанда дар маҷлиси судӣ иштирок намоянд [95, с. 79-81].

Ба таври ихтиёрӣ иҷро намудани ҳалномаи судҳои ҳакамӣ. Ин припсип аз он бармеояд, ки суди ҳакамӣ, ки дар асоси ихтиёрӣ ва бо майлу хоҳиши тарафҳо ташкил карда мешавад, иҷрои санади он низ бояд ба таври ихтиёрӣ амалӣ карда шавад. Қобили зикр аст, ки судҳои ҳакамӣ бояд тамоми чораҳоро бинанд, то ки тарафҳои баҳс ба созиш биёянд. Дар асл ҳам ҳамин тавр аст. Дар бисёр ҳолатҳо баҳс дар судҳои ҳакамӣ бо созиши тарафҳо анҷом меёбад.

Албатта, дар баъзе мавридҳо тарафҳо, мумкин аст, ба созиш наоянд. Дар ин ҳолат, суди ҳакамӣ қарори ниҳоии худро қабул нанамояд. Барои ба таври ихтиёрӣ иҷро намудани қарорҳои судҳои ҳакамӣ, тарафҳо пеш аз оғози муҳокимаи ҳакамӣ дар созишномаи ҳакамӣ дар ин бора огоҳ карда мешаванд.

«Агар ҳалномаи суди ҳакамӣ аз ҷониби тарафи дахлдор ба тариқи ихтиёрӣ иҷро карда нашавад, дар ин маврид тарафи дигар ҳуқуқ дорад мувофиқи КММ ҶТ ба судҳои ноҳиявӣ (шаҳрӣ) барои ба тариқи маҷбурӣ иҷро кардани қарори суди ҳакамӣ муроҷиат менамояд». [119, с. 139]. Суди ноҳиявӣ (шаҳрӣ) барои ба тариқи маҷбурӣ иҷро кардани ҳалномаи суди ҳакамӣ варақаи иҷро медиҳад ва тибқи он иҷрочиёни суд ҳалномаи суди ҳакамиро ба иҷро мерасонанд.

Дастгирии давлатии судҳои ҳакамӣ. Ҳамон тавре, ки дар боло ишора гардид, яке аз асосҳои барпо намудани ҷомеаи шаҳрвандӣ ва

давлати ҳуқуқбунёд ин ривоҷу равнақ додани муносибатҳои хусусӣ, таҳкими ин муносибатҳо ва аз тарафи худи субъектҳои ин муносибатҳо ҳаллу фасл гардидани баҳсҳои вобаста ба онҳо пайдошуда мебошад. Таҷрибаи кишварҳои аз нигоҳи иқтисодӣ пешрафта нишон медиҳад, ки дар мақомоти давлатӣ, ашхоси мансабдор ба кори судҳои ҳакамии дар доираи қонунгузории амалкунанда таъсисёфта дахолат намекунад, яъне дахолати давлатӣ дар соҳаи манфиати ҳуқуқӣ дар сатҳи камтарин қарор мегирад. Ҳолатҳои болозикр давлатро ҳавасманд менамоянд, ки механизми алтернативии ҳалли ин баҳсҳоро ҳамаҷониба дастгирӣ намояд.

Аз ҷониби дигар, давлат заминаҳои ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти судҳои ҳакамиро ба воситаи қабули қонунҳо ва дигар санадҳои дахлдори ҳуқуқӣ муҳайё месозад. Инчунин, иҷрои маҷбурии ҳалномаҳои судҳои давлатиро таъмин мекунад.

Дар илми ҳуқуқи маданӣ чунин ақида вуҷуд дорад, ки суди ҳакамӣ, гарчанде ки ба сохтори хусусии ҳуқуқӣ тааллуқ дорад, қобилияти ҳуқуқии худро танҳо дар доираи ҳуқуқи маданӣ муайян намекунад. Ин бо он шарҳ дода мешавад, ки суди ҳакамӣ, бо вуҷуди ин, вазифаҳои дорои аҳамияти ҷамъиятӣ, ҳифзи ҳуқуқҳои маданиро иҷро мекунад ва дар ин замина, судҳои ҳакамӣ дорои ваколатҳои муҳими давлатии давлат мебошанд. Аз ин рӯ, ин ниҳод на танҳо барои иштирок дар муомилоти маданӣ, ки мақоми ҳуқуқии онҳо қобилияти ҳуқуқии маданиро талаб намекунад, балки барои иҷрои вазифаҳои мушаххаси давлатӣ низ пешбинӣ шудааст [131, с. 79-80]. Дар натиҷа қобилияти соҳибҳуқуқии судҳои ҳакамӣ бояд бо воситаи ҳуқуқи оммавӣ баҳо дода шавад.

Ба андешаи мо, муносибати яктарафа имконият намедиҳад, то моҳияти судҳои ҳакамӣ ба пуррагӣ муайян карда шавад. Меъёрҳо оид ба судҳои ҳакамӣ дорои хусусияти байнисоҳавӣ буда, меъёрҳои ҳуқуқи хусусӣ ва ҳуқуқи оммавӣ дар алоқамандии байни ҳам мушоҳида

мешаванд. Пас, меъёрҳои ҳуқуқи хусусӣ (маданӣ) дар ташкил гардидани судҳои ҳакамӣ ҳамчун меъёрҳои марказӣ баромад мекунанд. Аз ин ҷо, бармеояд, ки ташкили фаъолият, қатъ гардидани фаъолияти судҳои ҳакамӣ, маҳз бо меъёрҳои ҳуқуқи хусусӣ (маданӣ) танзим мегардад. Ҳуқуқи оммавӣ (маъмурӣ) дар соҳаи мурофиаи ҳакамӣ дар ҳолатҳои шикоят аз қарорҳои суди ҳакамӣ дар судҳои юрисдиксияи умумӣ ё судҳои иқтисодӣ, инчунин дар ҳолатҳое, ки иҷрои қарорҳои суди ҳакамӣ ва пешниҳоди ҳуҷҷат барои иҷрои қарорҳои суди ҳакамӣ зарур аст, татбиқ карда мешавад.

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки соҳаи ҳуқуқи ҳусусӣ – ҳуқуқи маданӣ дар ташкил ва фаъолияти судҳои ҳакамӣ ба сифати соҳаи аҳаммиятнок баромад мекунад. Аз ин рӯ, дар рисолаи мазкур зарур шуморида мешавад, ки судҳои ҳакамӣ маҳз ҳамчун ташкилоти маданӣ-ҳуқуқӣ дида баромад шуда, нисбати он институтҳои маъмули ҳуқуқи маданӣ – субъекти ҳуқуқи маданӣ, қобилияти соҳибҳуқуқӣ, нишонаҳои шахсони ҳуқуқӣ, ташкил, фаъолият ва қатъ гардидани фаъолияти ташкилот истифода шуда, таснифоти судҳои ҳакамӣ аз нуқтаи назари таснифи субъектони муносибатҳои маданӣ ва диг. дида баромада шавад [91, с. 230].

Чунин амал на ҳама вақт осон аст, зеро қонунгузории амалкунандаи ҶТ, гарчанде ба тағйироти доимӣ нигаронида шуда бошад ҳам, ҳоло ҳам аз камбудӣ холӣ нест. Ба андешаи мо, таҳлили амиқи қонунгузории амалкунанда оид ба ҳимояи ҳакамии ҳуқуқҳои субъективии маданӣ зарур мебошад ва дар ин радиф баъзе фикр, ақидаҳо ва пешниҳодҳои мо, мумкин аст, бо нишондоди қонунгузории амалкунанда мувофиқат накунанд, зеро онҳо бояд ҳамчун пе шниҳоди мо дар соҳаи фаъолияти судҳои ҳакамӣ дида баромада шаванд.

«Дар қонунгузории амалкунандаи ҶТ мафҳуми «суди ҳакамӣ» ба ду намуди асосӣ оварда шудааст: «суди ҳакамии доимоамалкунанда» (чунин судҳоро баъзан «институтсионалӣ», «институтсионӣ» номгузорӣ

менамоянд) ва «суди ҳакамии як бор амалкунанда» ва ё суди аз руйи принсипи ad hoc – «барои як вақт амалкунанда»» [60, с. 120].

«Бо мақсади муайян кардани мафҳуми «суди ҳакамӣ» интихоби қонунгузорӣ, ба андешаи мо, мақсаднок ва пурра намебошад, зеро, якум, таърифи умумии суди ҳакамӣ дар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ оварда нашудааст» [60, с. 120]. Дуюм, моҳияти ҳуқуқии судии ҳакамӣ муайян намекунад. Сеюм, судҳои ҳакамии Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз судҳои ҳакамии кишварҳои хориҷӣ ва ё судҳои ҳакамии байналмилалӣ бо мақоми ҳуқуқии худ фарқ мекунад. Чорум, судҳои ҳакамиро ҳамчун «судҳои хусусӣ» ишора намуда, аз судҳои давлатӣ фарқ намекунонад. Ба ғайр аз ин, дар раванди мураттаб сохтани таърифи суди ҳакамӣ, истифодаи усуле, ки ба овардани номгӯи намуди он машғул асту хусусиятҳои таърифи ташаккулёфтаистодаро дар бар намегирад, аҳаммияти дахлдорро дошта наметавонад.

Моҳияти институти мазкур дар он аст, ки табиати ҳуқуқӣ, новобаста аз он ки дар кадом намуд вуҷуд дорад, ҳамчун ташкилоти ҳуқуқии дорои аломати хусусӣ ва барои ҳалли баҳсҳои маданӣ-ҳуқуқии нигаронидашуда, баҳо дода мешавад.

Баробари ин, бо мураттаб сохтани мафҳуми марбута нисбат ба судҳои ҳакамии «дохилӣ», қонунгузори ҶТ бино ба таҷриба ва асосҳои дар Қонуни моделии ЮНСИТРАЛ «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ» [81, с. 10] ва Қонуни ҶТ «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ» ба миён омадааст, рафтор намуд. Ба андешаи мо, айни замон чунин рафтор дуруст арзёбӣ карда мешавад, зеро ба таври баробар мувофиқнамоии (унификатсия) қонунгузории ҶТ ва ҳуқуқи байналмилалӣ бояд ба амал барояд. Маҳз дар ҳамин санадҳо, ҳангоми ташаккули мафҳуми «суди ҳакамӣ», муносибат маҳз ба ду намуди ташкилгардӣ ишора шуда, бе нишон додани моҳияти ягонаи институти ҳуқуқии суди ҳакамӣ, дида баромада шудааст.

Он ҳолат, ки қонунгузор аз мураттаб сохтани таърифи суди ҳакамӣ, моҳияти ҳуқуқии вай даст кашидааст аз баҳснок будан ва рақобатнокии

назарияҳои истеҳсолоти суди ҳакамӣ шаҳодат медиҳад. Бояд ишора намуд, ки маҳз дар доираи назарияҳои ишорашуда табиати ҳуқуқӣ, мундариҷаи муносибатҳои ҳуқуқӣ, мақоми субъектон ва дигар институтҳои мурофиаи ҳакамӣ муайян карда нишон дода мешаванд. Тавре ки маълум аст, дар илми ҳуқуқшиносӣ чор назария коркард гардида, моҳияти суди ҳакамиро муайян менамоянд: шартномавӣ (консенсуалӣ), мурофиавӣ, омехта ва мухторӣ [107, с. 82-84].

Дар адабиёти ҳуқуқӣ муқарраротн доктриналии судҳои ҳакамӣ вуҷуд дорад. Масалан, Е.А. Виноградова чунин ишора намудааст: «Суди ҳакамӣ – ин шахсест, ки аз ҷониби тарафҳо дар асоси созиши байни онҳо бо тартиби муайяншуда интихоб ва ё таъин гардида, баҳсҳои байни онҳоро баррасӣ ва ҳал менамояд» [41, с. 10-12]. Ба ақидаи муаллиф таърифи пешниҳодгардида хусусияти универсалиро доро аст, зеро вобаста ба намуди баҳс, матлаби он ва ҳайати субъекти баҳсҳои маданӣ-ҳуқуқии аз тарафи суди ҳакамӣ баррасишаванда, мушаххас карда мешавад.

В.Ф. Попондопуло зери мафҳуми суди ҳакамӣ судҳои ғайридавлатии мустақилона фаъолиятнамудаистода, аз ҷониби иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ барои ҳалли баҳси байни худ созмондодашударо мефаҳмад [49, с. 605]. Дар таърифи пешниҳодгардида ба таври мушаххас моҳияти суди ҳакамӣ нишон дода шуда, нишонаҳои фарқкунандаи он баён гардидаанд: хусусияти ғайридавлатӣ доштан; фаъолияти мустақилона бурдан; аз ҷониби тарафҳо интихоб шудан; барои ҳалли баҳс нигаронида шудан.

Дар ин бора Р.Ф. Каллистратова низ чунин зикр менамояд: «Ҳуқуқшинос дар мавриди шарҳ додани истилоҳи «суди ҳакамӣ» бояд қайд намояд, ки чун ташкилоти доимоамалкунанда ва мақоми ғайридавлатии ҳифзи ҳуқуқ фаъолияти худро дар асоси худидоракунӣ пеш бурда, қарорҳои суди ҳакамӣ аз тарафи давлат бо ҳамаи оқибатҳои он эътироф ва иҷозат дода мешавад» [99, с. 239].

Ба андешаи Я.В. Фахриддинов: «Судҳои ҳакамӣ новобаста аз шакли ташкилёбӣ мақоми аз тарафи давлат барои ҳалли баҳсҳои маданӣ-ҳуқуқӣ ваколатдор дониста шуда, фаъолияти он хусусияти ҳуқуқӣ, ҳуқуқтатбиққунӣ, бо тамоми оқибатҳои чунин фаъолият. ба шумор меравад» [118, с. 35].

Зери истилоҳи суди ҳакамӣ мақоми ғайридавлатие фаҳмида мешавад, ки мақсади ҳалли баҳсҳои маданӣ-ҳуқуқиро дошта, аз тарафи иштирокчиёни муносибати баҳси маданӣ-ҳуқуқӣ интихоб мегардад ва дар ин ҳолат доштани хосияти шахси ҳуқуқӣ тамоман ҳатмӣ намебошад, вале, аз тарафи дигар, инкор намудани имконияти вуҷуд доштани суди ҳакамии дар намуди шахси ҳуқуқӣ ташкил гардида низ ғайриимкон мебошад.

Муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои ҳакамӣ» муқаррар мекунанд, ки истилоҳи «суди ҳакамӣ» бо ду маъно истифода мешавад:

- Аввалан, истилоҳи «суди ҳакамӣ» ба ташкилоти институтсионалӣ ишора мекунад, ки дар ду шакли гуногун вуҷуд дорад (суди ҳакамии доимӣ ва суде, ки барои ҳалли баҳси мушаххас таъсис дода шудааст);

- Дуюм, суди ҳакамӣ ба ҳайати ҳакамӣ ишора мекунад, ки барои баррасӣ ва ҳалли баҳси мушаххас интихоб ё таъин карда мешавад. Баробари ин, дар кадом намуд ҳайати суд амал менамояд (суди ҳакамии доимоамалкунанда ва барои ҳалли як баҳси мушаххас созмонёфта) барои мақсадҳои мафҳуми ин ташкилот фарқ надорад.

Дуализми мазкур дар ишорати истилоҳи «суди ҳакамӣ» ба муайян намудани моҳияти суди ҳакамӣ низ таъсир мерасонад.

Вобаста ба сифати ташкилоти институтсионалӣ арзёбӣ гардидан, суди ҳакамӣ бояд дорои қобилияти ҳуқуқдории умумӣ (мустақил) ва ё махсус (маҳдуд) бошад. Дар қонун дар бораи судҳои ҳакамӣ зикри ибораи «дар назди ташкилотҳо - шахсони ҳуқуқӣ амал кардан» усули ҳуқуқиест, ки имкон медиҳад қобилияти махсуси ҳуқуқии суди ҳакамӣ

қайд карда шавад, яъне мувофиқи қонун, он қобилияти маҳдуди ҳуқуқӣ дорад. Ба ибораи дигар, суди ҳакамиро субъекти одии муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқӣ арзёбӣ намудан номумкин аст. Э.Н. Гимазова дар таҳқиқотии илмии худ ишора менамояд, ки: «дар таҷрибаи судии ФР суди ҳакамӣ ҳамчун шахси иштирокчии парванда эътироф нашуда, ҳуқуқи шикоят овардан аз болои санади судиро низ надорад» [124, с. 47].

Агар суди ҳакамиро ҳамчун ишора ба ҳайати суди ҳакамии (суди ҳакамии доимоамалкунанда ва ё якдафъаина) парвандаи мадании мушаххасро баррасикунанда гӯем, пас дар бораи қобилияти ҳуқуқдории он гуфтан зарурат надорад. Дар ин маънӣ суди ҳакамӣ танҳо салоҳият оид ба баррасии парвандаи мадании мушаххасро дошта, дар ягон шакли ташкилию ҳуқуқӣ оварда нашудааст, он ба ҳайси шахси ҳуқуқӣ баромад намекунад. Конструксияи шахси ҳуқуқӣ барои суди ҳакамӣ хусусияти таъминкунандаро доро мебошад. Мо консепсияи қонунгузориро, ки дар Қонуни ҶТ «Дар бораи судҳои ҳакамӣ» оид ба он, ки суди ҳакамии доимоамалкунанда дар назди шахси ҳуқуқӣ ташкил карда мешавад, инкор намекунем, лекин таклиф намудан мумкин аст, ки дар оянда суди ҳакамӣ дар шакли шахси юридикии хусусияти ғайритиҷоратидошта ташкил гардад.

Бо дар назардошти гуфтаҳои боло, судҳои ҳакамиро ҳамчун сохтори институтсионӣ дида баромада, ба ҷанбаи дар суди ҳакамӣ мушоҳидашавандаи хосиятҳои шахси ҳуқуқӣ муроҷиат менамоем.

Сохтори ҳуқуқии шахси ҳуқуқӣ ва нишонаҳои суди ҳакамӣ. Масъалаи оё суди ҳакамӣ бояд дорои ҳуқуқҳои шахси ҳуқуқӣ бошад, дар адабиёти соҳавӣ то қабул гардидани қонун дар бораи судҳои ҳакамӣ муҳокима гардидааст? Ба ин масъала дар илми ватанӣ З. Ализода дар тафсири Қонуни ҶТ «Дар бораи судҳои ҳакамӣ» таваҷҷуҳ кардааст [81, с. 10-11].

Э.Н. Гимазова доир ба ин масъала қайд мекунад, ки дар ФР ҳангоми коркарди лоиҳаи аввали қонун дар бораи судҳои ҳакамӣ, таъсис дода

шудани он дар шакли ҳам шахси ҳуқуқӣ ва ҳам бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ, пешбинӣ гардида буд [138].

Таҷриба собит месозад, ки имрӯз судҳои ҳакамӣ дар шакли шахси ҳуқуқӣ ташкил гардида, фаъолияти худро пеш мебаранд. Қонунгузории қаблан амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи судҳои ҳакамӣ – Низомнома дар бораи судҳои ҳакамӣ барои ҳалли баҳсҳои иқтисодӣ ва Низомнома дар бораи судҳои ҳакамӣ – ба масъалаи мақоми судҳои ҳакамии доимоамалкунанда эътибор надода буд. Номуайян будани вазъи судҳои ҳакамӣ масъалаи дар ҳаёти ҷамъиятӣ чун субъекти баррасӣ ва ҳалкунандаи баҳсҳои ҳукуқӣ аниқ ва муайян нагардида буд.

«Таҷрибаи солҳои охир нишон медиҳад, ки судҳои ҳакамии доимӣ аксар вақт ҳамчун воҳидҳои муассисони онҳо таъсис дода мешаванд. Аз ин рӯ, судҳои ҳакамӣ мақоми шахси ҳуқуқӣ надоранд ва ягон шакли ташкилӣ ё ҳуқуқӣ надоранд. Аммо, ин тасаввуроти мавҷудияти судҳои ҳакамии доимиро ҳамчун шахсони ҳуқуқӣ дар адабиёти ҳуқуқӣ, ки онҳоро ҳамчун ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ пешбинӣ мекунад, истисно намекунад». [99, с. 248].

Ба замми ин сохтори амалии судҳои ҳакамӣ маҳз ба вай додани намуди шахси юридикиро дар назар дошт. Бо ин роҳ як зумра масъалаи амалии бо институтсионалӣ гардидани суди ҳакамӣ, ба сифати субъектони мустақили барои ҳалли баҳсҳои ҳусусӣ-ҳуқуқӣ ташаккул ёфтани онҳо, ҳалли худро ёфтаанд.

Бояд иброз намуд, ки то қабули қонунгузории нав таҷрибаи дар назди мақомоти вазифаҳои оммавиро иҷрокунанда ташкил шудани судҳои ҳакамӣ роҳ дода шудааст.

Суди ҳакамӣ ҳамаи баҳсҳоеро, ки аз муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ бармеоянд, ба истиснои масъалаҳои зерин баррасӣ мекунад: 1) шикоятҳо аз қарорҳо ва дигар амалҳо (беамалии, рад кардани андешидани чораҳо)-и иҷрочии суд; 2) муқаррар кардани далелҳои дорои аҳамияти ҳуқуқӣ (фактҳои ҳуқуқӣ); 3) барқарор кардани ҳуқуқ ба гаравпулии

гумшуда; 4) оид ба муфлисшавӣ; 5) оид ба ҷуброн кардани зарари ба ҳаёт ва саломатии шаҳрванд расонида шуда; 6) оид ба ҳимояи шаъну шараф ва эътибории корӣ; 7) аз муносибатҳои меросӣ бавуҷудомада; 8) дар бораи тартиб ва шартҳои бастан ва қатъ кардани шартномаи никоҳ; 9) дар бораи муносибатҳои шахсӣ ва ғайримолумулкии байни зану шавҳар, волидон ва фарзандон, инчунин байни дигар аъзои оила; 10) дар бораи муносибатҳо оид ба фарзандхондӣ, васоят ва парасторӣ, инчунин қабули кӯдак ба оила; 11) дар бораи муносибатҳо оид ба бақайдгирии ҳуҷҷатҳои ҳолати шаҳрвандӣ; 12) дар бораи баҳсҳое, ки тибқи қонун ба мурофиаи ҳакамӣ тааллуқ надоранд.

Чунин таҷриба соли 2009 дар вилояти Суғд мушоҳида шудааст. Суди ҳакамии солҳои 2009 то 2011 дар вилояти Суғд фаъолият бурда, тақрибан 150 парвандаро баррасӣ намуда, зиёда аз 85% он ҳал гардида буд [135]. Бояд тазаккур дод, ки масъалаи оё суди ҳакамии доимоамалкунанда мақоми шахси юридикиро дорад ё не, асосаш он аст, ки муассис тибқи қоидаҳои умумии қонунгузории маданӣ ҳуқуқи таъсис додани суди ҳакамии дар тавозуни худ бударо дорад. Баробари ин, номуайянии мақоми суди ҳакамии доимоамалкунанда муҳаққиқон – ҳуқуқшиносонро водор намудааст, ки дар қонунгузорӣ оид ба суди ҳакамӣ, пешбинӣ гаштани нишондоди ҳатми будани дар шакли шахси ҳуқуқӣ таъсис додани суди ҳакамиро пешниҳод намоянд. Ба андешаи мо, дигар хел муносибат ба суст шудани эътимод нисбати принсипи истеҳсолоти суди ҳакамӣ, ба монанди мустақилияти судяҳо, дар маҷмуъ, таваҷҷуҳи соҳибкоронро нисбат ба баррасии парванда дар суди ҳакамӣ паст менамояд [99, с. 248].

Ба андешаи С.Ш. Болтуев, «мавҷуд будани суди ҳакамӣ дар шакли шахси ҳуқуқӣ на он қадар мувофиқи мақсад мебошад. Умуман, судҳои ҳакамӣ дар назди иттиҳодияҳои соҳибкорон, палатаҳои савдо, биржаҳо таъсис дода мешаванд» [90, с. 265-267]. Мувофиқи қонун дар бораи биржаи фондӣ ва қонун дар бораи коғазҳои қиматнок, баррасии

ибтидоии баҳсҳо дар сурате зарур ва мувофиқ мегардад, ки агар он дар судҳои ҳакамии таъсисёфта дар назди биржаи фондӣ гузаронида шавад. Е.А. Суханов ишора менамояд, ки: «Истилоҳи «дар назди» маънои тамоми масъулияти таъсис додани суди ҳакамии доимоамалкунандаро мақоме, ки шахси ҳуқуқӣ аст, чӣ палатаи савдо ва ё дигар иттиҳодияи соҳибкорӣ бар дӯш мегирад ва суди ҳакамӣ бошад, бо баррасии бевоситаи баҳси мавҷуда машғул мегардад» [116, с. 21-22].

Баробари ин, ба қонунгузорие, ки ташкили судҳои ҳакамиро дар шакли шахси ҳуқуқӣ роҳ надодааст, эрод ҳам гирифта мешуд. Баъзе аз чунин эродгирӣ воқеабинона ҳам буданд: дар мавриде, ки суди ҳакамии доимоамалкунанда дар назди ташкилот созмон дода шавад ва он фаъолияти суди ҳакамиро таъмин намояд, эҳтимол нисбат ба раисикунандаи суди ҳакамии доимоамалкунанда аз тарафи роҳбарияти ташкилоти созмондодаи ин суд таъсир расонида мешавад. Ба ғайр аз ин, маблағгузории суди ҳакамии доимоамалкунанда низ бо дар назардошти роҳбарияти ташкилоти муассис алоқаманд аст ва, аз ин рӯ, таъсиррасонии молиявӣ ба суди ҳакамии доимоамалкунанда ҷой дошта метавонад. Баъзе таҳқиқоти фаъолияти судҳои ҳакамии дар назди ташкилотҳои муассис созмондодашуда шаҳодат медиҳанд, ки муассисон кӯшиш мекунанд, то ба фаъолияти суди ҳакамӣ дахолат карда, фаъолияти молиявиашро назорат намоянд. Чунин ҳолат ба обрӯ ва нуфуз, мустақилият ва бемайлонии судҳои ҳакамӣ ҷиҳати баррасии баҳсҳои ҳуқуқӣ бе таъсири манфӣ боқӣ монда наметавонад.

Қонунгузории амалкунандаи ҶТ номуайяниро дар масъалаи мақоми судҳои ҳакамӣ бартараф накардааст. Аз ин рӯ, чунин масъалаҳо аҳаммиятнок мебошанд: суди ҳакамӣ бояд дар кадом шакли ташкилию ҳуқуқӣ таъсис дода шавад? Аз 5 январи соли 2008 бо қабули Қонуни ҶТ «Дар бораи судҳои ҳакамӣ» масъалаи гузошташуда низ ҳалли худро наёфт. Аз ин рӯ, масъалаи муайянкунии мақоми ҳуқуқии суди ҳакамӣ аз тарафи ҳуқуқшиносон - олимони соҳа ба миён гузошта шудааст [81, с. 12]. Дар адабиёти ҳуқуқӣ ақидае мавҷуд аст, ки судҳои ҳакамии

доимоамалкунанда чун шахси ҳуқуқӣ дар шакли ташкилию ҳуқуқии ташкилоти ғайритиҷоратии мухтор таъсис дода мешаванд. Чунин ақида бо ишора ба Қонуни ҶТ «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» [22] асоснок карда мешавад.

Ба ҳар ҳол, дар қонунгузории ҶТ манъ намудани дар шакли шахси ҳуқуқӣ ташкил кардани суди ҳакамӣ дида намешавад. Инчунин, дар шакли шахси ҳуқуқӣ фаъолият бурдани суди ҳакамӣ низ иҷозат дода нашудааст. «Аз ин рӯ, тафсири масъалаи мақоми шахсии ҳуқуқии суди ҳакамӣ бояд мувофиқи рӯҳияи қонунгузории амалкунанда муайян карда шавад.

Гарчанде ки қонун бақайдгирии давлатии суди ҳакамиро ҳамчун шахси ҳуқуқӣ пешбинӣ накардааст, баъзеҳо изҳор медоранд, ки чунин бақайдгирӣ бояд дар асоси аризаи муассисон анҷом дода шавад». [41, с. 218-219]. Ба андешаи мо, ин навъ ақидаронӣ на асоси амалӣ ва на расмӣ-ҳуқуқиро дорад. Аз сабаби он ки тибқи нишондоди моддаи 3 Қонуни ҶТ «Дар бораи судҳои ҳакамӣ» судҳои ҳакамии доимоамалкунанда дар назди ташкилотҳои ба сифати шахси юрдикӣ баромадкунанда таъсис дода мешаванд ва дар ин ҷо бояд бо хулосаҳои Е.А. Виноградова розӣ шавем: «Мавҷуд набудани талабот оид ба бақайдгирии давлатӣ ва ё ҳама гуна дигар намуди бақайдгирии судҳои ҳакамии ҳар ду намуд, ба нишонаи фарққунонандаи речаи умумии ҳуқуқии баррасии судии ҳакамии баҳсҳо баҳо дода мешавад» [41, с. 218-219]. Бо истилоҳи «таъсиси суди ҳакамии доимӣ» қонун таъсис ва бақайдгирии мақомоти махсусро дар назар надорад, балки таъсиси яке аз намудҳои ташкилотҳоро бо мақоми шахси ҳуқуқӣ дар назар дорад. Ба ақидаи як зумра олимон нофаҳмии дағали моҳияти суди ҳакамӣ ҳаммаъно донистани шакли ташкилию ҳуқуқии вай бо ташкилоти дар назди кадоме, ки он таъсис дода шудааст, мебошад. Дар чунин ҳолат истилоҳи истифодакардаи Қонун «суди ҳакамии доимоамалкунанда»-ро набояд ба

иштибоҳ барад. Бо истифодаи истилоҳи мазкур на мақоми мустақил, на ташкилот ва на шакли махсус ишорат намешавад [61, с. 146].

Мавҷуд набудани қобилияти ҳуқуқдории мадании суди ҳакамӣ дар нишонаҳои расмӣ мушоҳида мешавад. Қонунгузории амалкунанда ҷиҳати ташкили суди ҳакамӣ муқаррарот оид ба бақайдгирии давлатиро талаб намекунад. Ташкили суди ҳакамӣ ба иродаи муассисон вобаста мебошад. «Суди ҳакамӣ дар сурате таъсисёфта ҳисобида мешавад, ки се шарт риоя карда шаванд: якум, шахси ҳуқуқӣ дар бораи таъсиси суди ҳакамии доимӣ қарор қабул мекунад; дуюм, ба шарте ки шахси ҳуқуқӣ оинномаи суди ҳакамии доимиро тасдиқ карда бошад»; сеюм, муассиси суди ҳакамии доимоамалкунанда рӯйхати судяҳо (ҳакамон) суди ҳакамии доимоамалкунандаро тартиб дода, тасдиқ намуда бошад» [61, с. 146]. Пас, хулоса кардан мумкин аст, ки ташкил гардидани суди ҳакамии доимоамалкунанда моҳияти мурофиатиро соҳиб мебошад.

Бештари судҳои ҳакамии доимоамалкунанда дар шакли сохтори таркибии ташкилотҳои ғайритиҷоратии ин судҳоро таъсисдода баромад мекунанд. Вобаст ба ин, қайд кардан бамаврид аст, ки номуайянии имконоти пайдо кардани ҳуқуқ ва доштани уҳдадории маданӣ, ҷавобгарӣ аз рӯи масъулияти маданӣ-ҳуқуқӣ, масъалаи қобилияти ҳуқуқдории онҳоро муайян менамояд.

Лекин ба назар мерасад, ки агар суди ҳакамӣ на ҳамчун шахси ҳуқуқӣ баромад намояд ягон муаммо намешавад. Таъминоти моддӣ аз тарафи муассиса ва ё ташкилоти муассис, мисли дигар сохторҳои таркибии ин муассиса ва ё ташкилот ба амал бароварда мешавад. Агар дигар хел баён намоем, ташкилоти муассисе, ки дар назди вай суди ҳакимӣ созмон дода шудааст, фаъолияти маъмурии суди ҳакамиро ба амал мебарорад. Суди ҳакамӣ дорои хусусиятҳои зарурии ташкилоти дорои салоҳияти ҳуқуқӣ нест, яъне суди ҳакамӣ наметавонад дар муомилоти маданӣ аз номи худ амал кунад, масъулияти маданиро ба дӯш

нагирад, соҳиби ҳуқуқ ва уҳдадориҳои маданӣ набошад, ҳамчун даъвогар ё ҷавобгар баромад карда натавонад ва ғайра.

Чунин ҳолат бо он маънидод карда мешавад, ки дар муомилоти маданӣ баромад намудан мақсади ташкил ва фаъолияти суди ҳакамӣ нест. Вай барои мақсадҳои дигар барои иҷро намудани вазифаҳо доир ба ҳимояи ҳуқуқҳои маданӣ ташкил карда мешавад. Маҳз ин ҳолат асос аст, то қонунгузор аз масъалаи нисбат ба суди ҳакамӣ истифода намудани нишонаҳои шахси ҳуқуқӣ даст кашад. Бо вуҷуди ин, бо чунин ҳолат мо розӣ шуда наметавонем.

Дар амалия ҳолатҳое ба чашм мерасанд, ки суди ҳакамӣ маҷбур мегардад, то ба монанди ташкилотҳои қобилияти соҳибҳуқуқидошта рафтор намоянд. Чунин ҳолат бо зарурати аз шахсони ба суди ҳакамӣ барои ҳалли баҳс муроҷиатнамуда, ситондани хироҷи ҳакамӣ алоқаманд аст. Дар ин маврид ба сифати ташкилоти қобилияти соҳибҳуқуқӣдошта ташкилоте баромад мекунад, ки дар назди он суди ҳакамӣ созмон дода шудааст.

Дар айни замон, пайдоиши ташкилоте, ки дорои қобилияти ҳуқуқӣ ҳамчун ташкилоте мебошад, ки дорои хусусиятҳои шахси ҳуқуқӣ нест, як қатор мушкилотро ба вуҷуд меорад. Танҳо шахси ҳуқуқӣ метавонад манфиатҳои амволии худро амалӣ кунад: аз номи худ дар муомилоти маданӣ амал кунад, дар суд даъво пешниҳод кунад ва дар даъвоҳои пешниҳодшуда ҳамчун ҷавобгар баромад кунад ва ғайра [68, с. 24-25]. Суди ҳакамӣ шахси ҳуқуқӣ намебошад ва манфиатҳои молу мулкии онро ташкилоти муассиси суди ҳакамӣ таъмин менамояд. Чунин ҳолат, инчунин ба масъалаи ситонидани хироҷи ҳакамӣ, ки асоси моддии фаъолияти суди ҳакамиро таъмин менамояд, дахл дорад, лекин ин муаммо масъалаи ҳалшаванда мебошад. Тавре ки амалияи истеҳсолоти ҳакамӣ нишон медиҳад, дар қоидаҳои судҳои ҳакамии доимоамалкунанда қоидаи ҷалби тараф (созишномаи ҳакамӣ) барои

ситонидани хироҷи ҳакамӣ ба нафъи созмондиҳандаи суди ҳакамии доимоамалкунанда пешниҳод гаштааст [68, с. 24-25].

Дигар масъалаи мубрам масъалаи таҷдид ва аз нав ташкил гардидани суди ҳакамӣ аз рӯйи он қоидаҳое, ки қонунгузории маданӣ нисбати шахси ҳуқуқӣ пешбинӣ намудааст, мебошад. Бояд қайд намуд, ки маънои суди ҳакамӣ ин ташкилоти шахси ҳуқуқӣ набуда, як қатор оқибатҳоро дар назар дорад. Таҷдиди суди ҳакамӣ ворисии ҳуқуқиро аз рӯйи созишномаҳои ҳакамӣ, ки доир ба баррасии баҳс дар суди ҳакамӣ баста шуда буданд, ба миён намеорад. Бо таҷдиди мадании ҳуқуқӣ монандӣ надорад. Сабаби чунин ҳолат дар он аст, ки дар «таҷдиди маданӣ - ҳуқуқӣ» ворисии уҳдадории маданӣ-ҳуқуқӣ ба миён меояд. Ҳол он ки дар мавриди таҷдиди суди ҳакамӣ аз байн рафтан ва ташкил гардидани суди ҳакамии нав ба вуҷуд меояд. Тарафҳои созишномаи ҳакамиро имконияти ба субъекти нав ирсол намудани баҳсро дар назар надоштанд. Айнан бо чунин роҳ таҷрибаи судию арбитражӣ низ инкишоф намудааст.

Дар ин ҷо боз як ҳолати аҷиб мушоҳида мешавад. Тибқи нишондоди моддаи 3 Қонуни ҶТ «Дар бораи судҳои ҳакамӣ» «судҳои ҳакамии доимоамалкунанда аз тарафи ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ – шахсони ҳуқуқӣ таъсис дода мешаванд. Судҳои ҳакамӣ аз тарафи палатаи савдо, биржаҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятии соҳибкорон ва истеъмолкунандагон, дигар ташкилотҳо-шахсони ҳуқуқӣ, иттиҳодияҳои онҳо (ассотсиатсияҳо, иттифоқҳо) мутобиқи қонунгузории ҶТ созмон дода, таъсис ёфта метавонанд» [23].

Баробари ин, дар ҳуқуқи маданӣ ба ғайр аз шахсони ҳуқуқӣ, инчунин субъектони дигар – шаҳрвандон, аз ҷумла бо фаъолияти соҳибкорӣ машғулбуда маълум мебошанд. «Мувофиқи муқаррароти моддаи 24 КМ Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандон метавонанд аз лаҳзаи бақайдгирии давлатӣ ҳамчун соҳибкорони инфиродӣ, бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ, фаъолияти соҳибкорӣ анҷом диҳанд. Нисбати фаъолияти

соҳибкорие, ки аз ҷониби шаҳрвандон бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ анҷом дода мешавад, агар қонун ё хусусияти муносибати ҳуқуқӣ тартиби дигареро талаб накарда бошад, муқаррароти дахлдори КМ Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки фаъолияти шахсони ҳуқуқӣ ва ташкилотҳои тиҷоратиро танзим мекунанд, татбиқ мегарданд» [90, с. 265-267]. Бинобар меъёри конститутсионӣ оид ба озодии фаъолияти соҳибкорӣ ва кафолати ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусӣ (моддаи 12 Конститусияи Ҷумҳурии Тоҷикистон); баробарии ҳама дар назди қонун ва суд (моддаи13 17 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон) хулоса карда мешавад, ки маҳдуд намудани доираи шахсони ҳуқуқӣ барои созмон додани судҳои ҳакамии доимоамалкунанда беасос мебошад. Гумон карда мешавад, ки ба сифати ташаббускори ташкил, суди ҳакамӣ шаҳрвандон – соҳибкорони инфиродӣ низ баромад карда метавонанд.

«Дар ин робита, мавқеи қонунгузор, чунон ки дар моддаи 3 Қонун «Дар бораи судҳои ҳакамӣ» зикр шудааст, қисман асоснок аст, зеро шаҳрвандон - соҳибкорони инфиродӣ - дар амал ба тиҷорати хурду миёна машғуланд ва судҳои ҳакамӣ асосан ба ҳалли баҳсҳо байни соҳибкорони миёна ва калон нигаронида шудаанд» [68, с. 24-25]. Лекин ин, ба фикри мо, асосноккунии ноустувор буда, дурнамои ҷиддии дарозмуддат надорад.

Агар судҳои ҳакамӣ субъекти муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқии аз рӯи моҳият баҳсҳоро ҳалкунанда, ба тарафҳои истеҳсолоти судӣ хизмат расонанда бошанд, пас нишонаҳои онро ҳамчун субъекони муносибатҳои маданӣ - ҳуқуқӣ вобаста ба шакли ташкилию ҳуқуқӣ, мумкин аст, муайян карда шавад.

Дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таърифи истилоҳи «шакли ташкилию ҳуқуқӣ» вуҷуд надорад. Аз ин рӯ, ба андешаи Э.Н. Гимазова, зери ин истилоҳ «шакли мустаҳкамгардӣ ва истифодаи амволи субъекти хоҷагидор, ҳолати ҳуқуқии вай ва мақсадҳои фаъолияти соҳибкорӣ» фаҳмида мешаванд. «Бинобар ақидаи олим, ишора ба ду намуди шакли

ташкилию ҳуқуқӣ - шакли ташклию ҳуқуқии субъекти дорои қобилияти соҳибҳуқуқӣ дошта ва шакли дорои қобилияти соҳибҳуқуқӣ набуда (ташкилоти бе ҳуқуқи шахси ҳуқуқӣ) кардааст» [124, с. 58-59]. Ба охирон рафоқатҳои оддӣ фондҳои гуногун ва ғ. дохил намудааст.

«Шахсони ҳуқуқӣ, соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони воқеӣ дар ҳолати ба вуҷуд омадани баҳс баҳри ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои хеш – судҳои ҳакамии якдафъаинаро ташкил медиҳанд, ки дар ҳайати суд метавонанд танҳо намояндагони тарафҳо шомил бошанд» [124, с. 58-59].

Ба андешаи мо, судҳои ҳакамӣ дар баъзе мавридҳо (масалан, суди ҳакамӣ барои ҳалли баҳси мушаххас) ба сифати ташкилоти дорои қобилияти соҳибҳуқуқӣ надошта (сохтори бе ҳуқуқи шахси ҳуқуқӣ таъсис гардида) дониста шавад ҳам, вале субъекти муносибатҳои ҳуқуқи мадании бо ҳал намудани баҳсҳои маданӣ-ҳуқуқӣ алоқаманд буда, баромад мекунад.

Дуюм намуди судҳои ҳакамӣ - судҳои ҳакамии доимоамалкунанда, ба андешаи мо, дорандаи қобилияти соҳибҳуқуқӣ буда, барои ҳамин ҳамчун сохтори ғайритиҷоратӣ бояд эътироф гарданд. Дар як вақт нишонаҳои суди ҳакамӣ, ҳамчун шахси ҳуқуқӣ чун нишонаҳое, ки ба кулли шахсони ҳуқуқӣ хос мебошанд, баромад мекунанд.

Муайян намудан ва мавҷудияти нишонаҳои шахси ҳуқуқӣ дар судҳои ҳакамӣ усули таъмини мустақилияти суди ҳакамӣ ба шумор меравад. Лозим ба қайд аст, ки бо эътироф накардани қонунгузор судҳои ҳакамиро ҳамчун шахсони ҳуқуқӣ худ усули таъмини мустақилияти онҳо ба ҳисоб меравад. Маҳз дар ҳамин хусусияти ташкил ва фаъолияти суди ҳакамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода меёбад.

Дар ин ҷо нишонаҳои умумии шахсони ҳуқуқӣ, ки дар моддаи 49 КМ ҶТ оварда шудаанд, бояд баён гарданд: ягонагии ташкилёбӣ, мустақилияти молумулкӣ, ҷавобгарии мустақили молумулкӣ, қобилияти аз номи худ дар муомилоти маданӣ баромад кардан. Дар маҷмуъ, нишонаҳои номбурда дар маънии васеъ қобилияти соҳибҳуқуқии суди ҳакамиро ташкил медиҳанд.

Ягонагии ташкилӣ чун нишонаи суди ҳакамии доимоамалкунанда. Моҳияти ягонагии ташкилӣ дар он зоҳир меёбад, ки бо ёрии вай фаъолияти якчанд нафарон ба фаъолияти як субъект – шахси ҳуқуқӣ мубаддал меёбад [46, с. 66].

Хусусият ва дараҷаи ташкилии шахси ҳуқуқӣ дар ҳуҷҷатҳои муассиси он, ки ё ойинннома ва ё шартномаи муассисӣ мебошад, дарҷ мегардад. Барои судҳои ҳакамии доимоамалкунанда ҳамчун ҳуҷҷати асосии муассисӣ ойиннома баромад менамояд. Пештар қайд шуда буд, ки шакли бештар мувофиқи ташкили суди ҳакамӣ ташкилоти ғайритиҷоратии мухтор мебошад ва барои ҳамин талаботи қонун дар бораи ташкилотҳои ҷамъиятӣ доир ба ҳуҷҷатҳои муассисии ташкилоти ғайритиҷоратӣ низ бояд ба назар гирифта шаванд. Лекин агар ташкилот аз тарафи ду ва ё зиёда шахсон созмон дода шавад, пас танҳо як ойиннома кифоягӣ намекунад, зеро муассисон бо ташкилот ва ё байни ҳам на бо муносибатҳои молумулкӣ, на уҳдадорӣ ва ё на бо муносибатҳои аъзогӣ пайваст намебошанд. Пас аз ин, масалан, то қабули ойинномаи ташкилоти ғайритиҷоратии мухтор, муассисон байни ҳам бояд шартномаи муассисӣ банданд ва дар он ҳамаи шартҳои иштироки онҳо дар ташкили шахси ҳуқуқии мазкур бояд нишон дода шаванд. Маҳз шартномаи муассисӣ, ки аз лаҳзаи қувваи қонунӣ пайдо намудан ва то мавҷудияти ташкилот амал намуда, на танҳо муассисонро байни ҳам мепайвандад, балки муассисонро бо ташкилот бинобар муносибатҳои ӯҳдадоркунандаи пайваст намуда, имконият медиҳад, то дар мавриди рух додани ҳолатҳои гуногун ба таврӣ осон онҳоро ҳаллу фасл намояд. Ҷиҳати мусбии шартномаи байни муассис ва суди ҳакамӣ дар он аст, ки чун санади устувори ҳуқуқӣ ойиннома имкон медиҳад,ки масъалаи ташкили кори суди ҳакамӣ, вобаста ба маблағгузорӣ, интихоби мақоми идоракунанда, ивази мақоми иҷроия ва ғайра ҳалли худро ёбад. Қонун ягон талаботи махсусро нисбати матни ойинномаи ташкилот муайян накардааст.

Баробари ин, аз матни қонун муайян намегардад, ки чӣ тавр муносибати байни муассисон, муносибат байни муассисон ва ташкилот дар ҷараёни созмон додан ва фаъолияти он тарҳрезӣ карда мешавад. Фарз карда мешавад, ки дар ойиннома матлаб ва мақсади фаъолият, сарчашмаи ташкилёбӣ ва тартиби истифодаи моликият, ҳайат ва ваколатҳои мақоми идоракунӣ, самтҳои истифодаи амволи боқимонда баъди бартарафнамоӣ бояд дарҷ гардад.

Қонун муайян сохтааст, ки муассисон назоратро аз болои фаъолияти ташкилоти ғайритиҷоратии мухтор бо тартиби дар ҳуҷҷатҳои муассисӣ пешбининамуда, ба амал мебароранд. Лекин тарзи баамалбарории чунин назорат муқаррар нашудааст. Аз ин хулоса намудан мумкин аст, ки дар ташкилоти ғайритиҷоратии мухтор бояд мақоми олии дастаҷамъона (коллегиалӣ)-и дорои ваколатҳои истисноӣ вуҷуд дошта бошад. Ба ҳайати он ҳам муассисон (намояндагони онҳо) ва ҳам кормандони кирошудаи ин ташкилот, ки наметавонанд зиёда аз се як ҳиссаи шумораи умумии аъзои ин мақомро ташкил диҳанд, дохил мешавад Масъалаҳои ба ваколати мақоми олӣ вориднагардида, аз тарафи мақоми якка идоракунандаи ташкилоти мазкур ҳал карда мешавад [102, с. 85-86].

Ба сифати нишонаи суди ҳакамии доимоамалкунанда мустақилияти молу мулкӣ ба маъное истифода мешавад, ки амволи аз тарафи муассис ба суди ҳаками доимоамалкунанда пешниҳодгардида ҳамчун моликияти ин мақом баромад мекунад.

Ҷавобгарии мустақили молумулкӣ чун нишонаи суди ҳакамии доимоамалкунанда. Ба ақидаи мо, ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ нисбати фаъолияти судҳои давлатӣ, аз рӯйи қоидаи умум набояд ба миён ояд. Қоидаи номбурда нисбати ҳам суди ҳакамии доимоамалкунанда ва ҳам судҳои як бор таъсисшаванда бояд паҳн гардад. Моҳиятан, ин бояд кафолати фаъолиятбарии муътадили институти шакли ҳакамии ҳимояи ҳуқуқҳои маданӣ баҳо дода шавад. Ваҷҳи асосӣ бар фоидаи мавқеи мазкур мустақилияти суди ҳакамӣ ва он шахси ҳуқуқие, ки дар назди вай

суди номбурда созмон дода шудааст, баромад менамояд. Ҳамин тавр, вобаста ба мустақилияти мавҷуда, ҷавобгарӣ на дар суди ҳакамӣ ва на дар шахси ҳуқуқии вайро ташкил намуда, ба вуқуъ намепайвандад [109, с. 45-46].

Барои пайдо гардидани мустақилияти судҳои ҳакамии доимоамалкунанда дар Қонуни ҶТ «Дар бораи судҳои ҳакамӣ» истилоҳи «суди ҳакамӣ аз тарафи шахси ҳуқуқӣ», на «суди ҳакамӣ дар шакли шахси ҳуқуқӣ» истифода гардидааст. Ҳамин тавр, моддаи 3 қонуни зикршуда муайян намудааст, ки «судҳои ҳакамии доимоамалкунанда аз тарафи ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ – шахсони ҳуқуқӣ таъсис дода мешаванд. Аз ин бармеояд, ки палатаи савдо, биржаҳо, ташкилотҳои ғайритиҷоратии соҳибкорон ва истеъмолкунандагон, дигар шахсони ҳуқуқии тибқи қонунгузории ҶТ таъсис додашуда метавонанд дар назди худ судҳои ҳакамии доимоамалкунандаро таъсис диҳанд» [23].

Албатта, ба назари аввал барои ҳуқуқи маданӣ мустақилияти суди ҳакамии доимоамалкунанда ва шахси ҳуқуқие, ки вайро таъсис додааст, аҳаммияти ҳуқуқиро надорад. Боиси қайд аст, ки аз рӯйи муҳтавои нишондоди қонун, суди ҳакамӣ қисми махсуси таркибии шахси ҳуқуқӣ мебошад [81, с. 12-13]. Сохтори таркибӣ дар муносибатҳои маданӣ ҷавобгарии мустақилонаро доро намебошад, ҷавобгариро ба ҷои онҳо шахси ҳуқуқии суди ҳакамиро ташкилнамуда дорост, яъне сохтори таркибии шахси ҳуқуқӣ дар ҳуқуқи маданӣ дорои қобилияти соҳибҳуқуқӣ намебошад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки суди ҳакамӣ бо фаъолияти оммавӣ оид ба ҳалли ҳолатҳои баҳснок дар соҳаи амали ҳуқуқи маданӣ машғул мебошад, пас вазифаҳои онҳо на танҳо аҳаммияти ҳуқуқӣ-оммавӣ, балки аҳаммияти ҳуқуқӣ-оммавӣ доранд. Барои ҳамин, дар доираи реҷаи ҳуқуқии фаъолиятбарии он бояд ҷузъи ҳуқуқӣ-оммавиро ҷудо намудан лозим аст. Пас, хулоса кардан лозим аст, ки мустақилияти таҳлил гардидаистодаи суди ҳакамӣ аз шахси ҳуқуқӣ, ки бо мақсади таъмини муътадили фаъолиятбарии шакли ҳакамии ҳимояи судии ҳуқуқҳои

маданӣ (манфиатҳои оммавӣ) ба амал баровarda мешавад, ҷузъи ҳуқуқи-оммавӣ чун мақоми суди ҳакамӣ баромад намуда, ба реҷаи ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқии марбута таъсир мерасонад.

Истиснои ягона аз қоидаи бамиёномадаи ҷой надоштани ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ барои фаъолияти суди ҳакамӣ – нишондоди қ.3 моддаи 1196 Кодекси мадании ҶТ ҳисобида мешавад. Тибқи нишондоди моддаи номбурда «зараре, ки дар натиҷаи баровардани санади ғайриқонунии судӣ расонда шудааст, дар ҳолате ҷуброн карда мешавад, ки агар гуноҳи судя тибқи ҳукми эътибори қонунӣ пайдокардаи суд муқаррар гардида бошад» [10].

Қобилияти дар муомилоти маданӣ аз номи худ баромад намудан чун нишонаи суди ҳакамии доимоамалкунанда. «Суди ҳакамӣ аз ҷониби ташкилоти ғайритиҷоратӣ созмон дода мешавад ва дар ҷараёни бақайдгирӣ, дар муҳри доирашакл бо забони давлатӣ маълумот дар бораи номи пурраи суди ҳакамӣ, маълумот дар бораи суроғаи ҷойгиршавии он дарҷ мешавад» [10]. Суди ҳакамӣ ҳуқуқ дорад, муҳр, ҳуҷҷати шакли муайяншуда бо нишон додани номи суди ҳакамӣ ва дигар нишонаҳои фардикунонандаро дошта бошад. Инчунин, дар баробари нишонаҳои қайдгардида, шахси ҳуқуқие, ки дар наздаш суди ҳакамӣ ташкил гардидааст ҳамчун субъекти муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқӣ, бояд мақсадҳои муайянро дошта бошад. Хусусияти навбатии шахси ҳуқуқӣ тақсимоти амволи мушаххас ва ворид кардани он ба гардиши маданӣ мебошад. Ду хусусияти дигари муҳими таъсиси шахси ҳуқуқӣ қобили зикр аст:

- муқаррар ва ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои коллективӣ дар соҳаҳои амволӣ ва ғайриамволӣ, махсусан ҳангоми ба даст овардани даромад барои шахсони ҳуқуқии тиҷоратӣ;

- коҳиши сатҳи хатари тиҷоратӣ, ки дар ҷамъиятҳои саҳҳомӣ ба вуҷуд омадааст, ки мувофиқи он саҳмдорон дар назди якдигар масъул нестанд. Дар ин ҷо хатар бо арзиши саҳмияҳои ширкат маҳдуд аст.

Ҳамчунин бояд қайд кард, ки мақсади ҳар як шахси ҳуқуқӣ бояд қонунӣ бошад ва ҳамзамон ба талабот барои шахсони ҳуқуқии фарҳангӣ ҷавобгӯ бошад [81, с. 12-13].

Мақсади таъсис додани суди ҳакамӣ дар Қонуни ҶТ «Дар бораи суди ҳакамӣ» дар санадҳои таъсисии суди ҳакамӣ муайян карда мешавад. Баробари таъсис додани суди ҳакамии доимоамалкунанда бояд шарти иловагӣ ба назар гирифта шавад. Ҳангоми таъсис дода шудани суди ҳакамӣ зарур аст, суди салоҳияташ умумии маҳалли ҷойгиршавии он оид ба таъсис дода шудан хабардор карда шавад. Лекин дар ҳамин маврид антқ нест, ин кор чӣ тавр анҷон дода мешавад ва хабардоркунӣ чӣ тавр ба мақоми суди ҳакамӣ метавонад таъсир расонад? Таъкид кардан ҷоиз аст, ки оё мавҷуд набудани  чунин хабардорнамоӣ ба ғайриқонунӣ эътироф кардани суди ҳакамӣ меоварад? Фарз карда мешавад, ки тибқи маънии қонунгузории амалкунанда, қонунӣ будани суди ҳакамӣ аз факти хабардорсозии суди босалоҳияти давлатӣ алоқаманд намебошад. Нодида гирифтани шарти қонун бобати хабардоркунии суди салоҳиятноки маҳаллӣ метавонад ба оқибатҳои номатлуб оварда расонад. Масалан, дар вақти баррасии ариза оид ба таври маҷбурӣ ба иҷро расонидани ҳалномаи суди ҳакамӣ, суди салоҳиятноки давлатӣ салоҳияти онро бояд санҷида бароядд. Дар ҳолати ғайр, иҷрои чунин кор бе санҷидани ҳуҷҷати таъсисёбии суди ҳакамӣ ғайриимкон аст. Пас ҷой надоштани маълумот оид ба таъсисёфтани суди ҳакамӣ ҳамчун асос барои ба таври маҷбурӣ ба иҷро расонидани ҳалнома баромад мекунад. Бохабарнамоии суди босалоҳияти давлатӣ оид ба таъсис дода шудани суди ҳакамӣ, оқибати ҳуқуқӣ, аз қабили эътироф, ба иҷрорасонии ҳалномаи қабулкардаи суди ҳакамиро ба миён меорад.

Пас, хулоса кардан мумкин аст, ки суди ҳакамӣ мумкин аст дар намуди ташкилоти ғайритиҷоратӣ вуҷуд дошта бошад. Дар ин маврид вай дорои ҳамаи нишонаҳои шахси ҳуқуқӣ мегардад. Изофа аз ин, ба андешаи мо, дар намуди шахси ҳуқуқӣ вуҷуд доштани суди ҳакамӣ бештар кафолати мустақилияти судро нисбат ба он ки суди ҳакамӣ аз

тарафи ягон ташкилоти барои ин мақсад махсус таъсиснаёфта, таъсис дода шуда, тасдиқ ёфтааст, ба миён меоварад.

Дар анҷоми баррасии фасли мазкури рисола чунин хулосаҳоро қайд кардан мумкин аст:

1) Гарчанде ҷиҳати муайян намудан ва баррасии мақоми ҳуқуқии суди ҳакамӣ қонунгузории маданӣ мақоми марказиро ишғол намояд ҳам, суди ҳакамӣ наметавонад ҳамчун субъекти муносибатҳои ҳуқуқӣ-маданӣ баромад кунад, зеро вай баҳри ҳаллу фасли вазифаҳои назарраси дигари иҷтимоӣ фаъолият менамояд.

2) Судҳои ҳакамӣ шакли алтернативии ҳалли баҳсу низои иқтисодӣ ва маданӣ буда, дар асоси хоҳиш ва пешниҳоди тарафҳои баҳс таъсис ёфта (интихоб шуда) баҳсу низоъҳоро одилона ва тибқи қонун ҳаллу фасл менамоянд. Судҳои ҳакамӣ ду намуд доранд: 1) судҳои ҳакамии доимоамалкунанда; 2) судҳои ҳакамии як бор амалкунанда.

3) Афзалияти асосии баррасии суди ҳакамии бо чунин ҳолатҳо арзёбӣ карда мешавад: 1) сарфаи вақти тарафҳои баҳскунанда, зеро ҳаҷми хироҷи ҳакамӣ ва хароҷотҳо одатан аз ҳаҷми боҷи барои суди давлати пардохташаванда камтар аст; 2) имконоти интихоби судяҳо аз ҷониби тарафҳои баҳс аз рӯйи ҳисси ботинии худ; 3) босуръат будани баррасии баҳс; 4) расмиёти соддакардашудаи баррасии судии ҳакамӣ, зеро суди ҳакамӣ дар рафти маҷлисҳо бо меъёрҳои мурофиаи маданӣ ва ё мурофиаи иқтисодӣ вобаста намебошад; 5) озод будан аз тобеияти судии ҳудудӣ, ки хоси судҳои босалоҳияти давлатӣ мебошад, аз ҷумла доштани имконоти баррасии баҳс бевосита дар маҳаллии ҷойгиршавии тарафҳои баҳс (чӣ вобаста ба маҳалли воқеъшавии ҷавобгар, чӣ вобаста ба маҳалли воқеъшавии даъвогар); 6) зудҳаракатии баррасии ҳакамӣ, ки вобаста ба он судҳои ҳакамӣ метавонанд маҷлисҳои судиро дар маҳалли воқеъшавии амволи баҳснок, дар ҷой пурсиш, санҷиши нишондод ва дигар амалҳои мурофиавиро гузаронанд; 7) махфӣ будани баррасии судии ҳакамӣ; 8) имконияти ба таври суди ҳакамии якбора аз ҷониби тарафҳои баррасии судии ҳакамӣ; 9) имконияти аз тарафи суди ҳакамии

доимоамалкунанда мустақилона муқаррар намудани қоидаҳои танзимкунандаи фаъолияти он, расмиёти баррасии судии ҳакамӣ; 10) муайян намудани муаммои калидии таҷрибаи ҳуқуқтатбиқнамоӣ; 11) имконияти дар асоси худмаблағгузорӣ фаъолият намудан; 12) сарфаи воситаҳои тарафҳои баҳскунанда, зеро онҳо вазифадор нестанд барои намояндагони касбӣ маблағ харҷ намоянд. Ҳамаи маълумоти лозимаро дар рафти кори суди ҳакамӣ пайдо карда метавонанд; 13) на танҳо ҳуқуқшиносон, балки мутахассисони дигар соҳаҳои марбут ба мавзӯи баҳс низ метавонанд ҳамчун коршиносон ва судяҳо ҷалб карда шаванд; 14) кумаки воқеии суди ҳакамӣ дар ба даст овардани созиш оид ба ҳалли баҳс, ки ба қонеъ кардани манфиатҳои мутақобилаи тарафҳо нигаронида шудааст; 15) ба таври маҷбурӣ иҷро намудани қарори суди ҳакамӣ, бо тартиби истеҳсолоти иҷро ҳангоми аз тарафи қарздор рад гардидани иҷрои ихтиёрии варақаи иҷро; 16) фоизи баланди иҷрои ҳалномаи суди ҳакамӣ.

Ба андешаи мо, судҳои ҳакамӣ дар мавриди, воқеан.таъмин намудани пайдо намудани мавқеи худ дар ҷомеа, расонидани кумак ба амалишавии адолати судӣ ва бо ин восита ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии иштирокдорони муносибатҳои мухталифи ҷамъиятӣ, метавонад рисолати аслии хешро иҷро намоянд. Маҳз фаъолияти судҳои ҳакамӣ метавонад нишондиҳандаи сатҳи инкишофи ҷомеаи шаҳрвандиро дар пойдор будани давлати, воқеан, ҳуқуқбунёди Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷассум намояд.

### 2.2. Шаклҳои маданӣ-ҳуқуқии намудҳои ташкили суди ҳакамӣ

Ҳимояи ҳакамии ҳуқуқҳои субъективии маданӣ дар низоми воситаҳои муосири истифодашавандаи маданӣ-ҳуқуқӣ ва мурофиавӣ-ҳуқуқӣ таҷассум меёбад. Аз эҳтимол дур нест, ки бо истифода аз воситаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ гурӯҳи масъалаҳои бо таъмини ҳимояи ҳакамии ҳуқуқҳои субъективии маданӣ алоқамандбуда, ҳал гардад:

1) масъалаи таъсиси, пеш аз ҳама, ташкили додгоҳи ҳакамӣ ва салоҳияти он;

2) дигар ҳадафҳои амниятӣ, ки ба ҳифзи ҳакамии ҳуқуқҳои субъективии маданӣ (таъмини чаҳорчӯбаи мустақилияти ирода, тақсими амвол ва масъулияти мустақили амволӣ, ки барои муносибатҳои танзимшавандаи қонуни мадани заруранд) алоқамананд. Новобаста аз он ки соли 2008 Қонуни ҶТ «Дар бораи судҳои ҳакамӣ» қабул гардид ва дар КММ ҶТ [8] ва КМИ ҶТ [9] бобҳои алоҳида доир ба муносибати мутақобилаи судҳои ҳакамӣ, судҳои салоҳияташон умумӣ ва судҳои иқтисодӣ ба вуҷуд омаданд, баъзе муаммоҳо то ҳол ҳалли худро наёфтаанд. Яке аз чунин муаммоҳо ин масъалаи салоҳияти судҳои ҳакамӣ оид ба ҳалли намудҳои гуногуни баҳсҳои маданӣ-ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад.

Салоҳияти судҳои ҳакамӣ. Масъалаи вобаста ба салоҳияти судҳои ҳакамӣ алоқамандбуда, дар илми ҳуқуқи мурофиавии ватанӣ то охир ҳалли худро наёфтааст. Як қатор сабабҳо барои ин вуҷуд доранд: ташаккули низоми судҳои ҳакамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноустувории қонунгузории мурофиавӣ ва тағйироти назарраси ахири он, инчунин мураккабӣ ва номуайянии амалия.

Вобаста ба ҳолатҳои номбурда зарурати таҳлили назариявии масъалаи нақши суди ҳакамӣ дар муносибатҳои мурофиавии маданӣ ва мурофиавии иқтисодӣ, аз ҷониби судҳои ҳакамӣ ба иҷро расонидани вазифаҳои таъмини самаранокии ҳуқуқтатбиқнамоӣ ба миён меояд.

Ба таърифи истилоҳи салоҳият рӯй оварда, қайд кардан бамаврид аст, ки Ю.М. Лебедев онро чунин шарҳ додааст: «Салоҳият – маҷмуи ваколатҳои мақоми юрисдиксионие буда, барои амалӣ намудани вазифаҳои хоса, функсияҳои дахлдори дар қонунгузор пешбинишуда мавқеи онро дар низоми ҳуқуқӣ муайян менамояд» [129, с. 158]. Бо чунин шарҳи истилоҳи «салоҳият» баҳс кардан мумкин аст.

Муҳаққиқ Ю.К. Осипов ишора намудааст, ки нисбати мафҳуми «тобеияти идоравӣ» ва «тобеияти судӣ» категорияи салоҳият фарқ мекунад. Муҳаққиқи номбурда тақсимбандии зеринро таклиф намудааст: 1) салоҳияти хусусияти функсионалидошта (ба маънои тобеияти идоравӣ); 2) салоҳияти хусусияти мушаххасдошта (ба маънои тобеияти судӣ); 3) салоҳияти хусусияти ҳудудидошта (ба маънои тобеияти ҳудудӣ).

Консепсияи салоҳият ишорагардидаро қонунгузории мурофиавии арбитражии ФР пешбинӣ намуда, бобҳои «тобеияти иродавӣ» ва «тобеияти судӣ»-ро муайян кардааст.

Амсоли гуфтаи боло, дар КМИ ҶТ боби 4 ҷой дода шуда бошад ҳам, дар он моддаи алоҳида дар бораи мафҳуми «салоҳияти суди иқтисодӣ» пешбинӣ нашудааст. Боби 4 КМИ ҶТ маҷмуи меъёрҳоеро дар бар гирифтааст, ки қоидаҳои муайянкунии тобеиятии идоравӣ ва тобеияти судии парвандаҳои иқтисодӣ пешбинӣ намудаанд. Вобаста ба ин, доираи парвандаҳои ба суди иқтисодӣ тобеиятдошта мавҷуд бошад ҳам, муқаррар намудани тобеияти универсалии он алоқаманд кардан ба суди иқтисодии мушаххас ва ё парвандаи алоҳида дар суди иқтисодӣ баррасишаванда ғайриимкон аст. Бинобар нишондоди КМИ ҶТ (боби 4) доир ба салоҳияти суди иқтисодӣ ҳамчун доираи парвандаҳои ба суди иқтисодӣ тобеиятдошта ва дар суди иқтисодии мушаххас тибқи қоидаҳои тобеияти судӣ баррасигарданда сухан ронда хулоса кардан мумкин аст, ки танҳо салоҳияти суди иқтисодии мушаххас муайян шуда метавонад, зеро ҷузъи таркибии мафҳуми салоҳияти суди ҳакамӣ доираи парвандаҳои ба суди иқтисодӣ тобеият дошта баромад менамояд.

Истифодаи истилоҳи «тобеият» нисбати истеҳсолоти суди ҳакамӣ мушкил аст, чун ки судҳои ҳакамӣ дорои низоми хосаи худ буда, нисбат ба судҳои салоҳияташон умумӣ ва ё судҳои иқтисодӣ асоси ташкилёбии дигарро соҳиб аст. Пас, ба фикри мо, истифодаи категорияи «тобеияти судӣ» мумкин аст, нисбати суди ҳакамӣ истифода шавад.

Ба андешаи мо, салоҳияти судҳои ҳакамӣ бо соҳаи маданӣ-ҳуқуқии фаъолиятбарии ин судҳо ва воситаҳои мадании ҳуқуқии

истифодашаванда алоқаманд мебошад. Дар таълимоти истеҳсолоти суди ҳакамӣ оид ба салоҳияти судҳои ҳакамӣ ва судҳои давлатӣ фикру ақидаҳо гуногун вуҷуд доранд. Масалан, ақидае вуҷуд дорад, ки судҳои ҳакамӣ бо фаъолияти ба хизматрасонии музднoки ҳуқуқӣ монанд ва аз тарафи судҳои салоҳияти умумӣ ва судҳои иқтисодӣ назоратшаванда машғул мебошанд. Баробари ин, оддитарин эътироз оид ба баррасии парванда дар суди ҳакамӣ монеа барои дар суди ҳакамӣ дида баромада шудани парванда мегардад. Чунин мавқеъ як муддат дар таҷрибаи судӣ дастгирӣ шудааст, зеро раъдияи як тарафаи созишномаи ҳакамӣ роҳ дода мешуд. «Аммо, ба гуфтаи муҳаққиқ Е.Н. Гимазова, Раёсати Суди Олии Арбитражи ФР бо андешаи дар боло зикршуда розӣ набуд ва изҳор дошт, ки агар яке аз тарафҳо, новобаста аз эътибори созишномаи арбитражӣ, ба баррасии баҳс аз ҷониби суди ҳакамӣ эътироз кунад, пас суди ҳакамӣ салоҳияти баррасии баҳсро аз даст медиҳад» [124, с. 72].

Дигар нуқтаи назар ин аст, ки суди ҳакамӣ мисли судҳои салоҳияти умумӣ ва судҳои иқтисодӣ, адолати судиро ба амал мебарорад. Масалан, А.И. Зайтсев қайд менамояд, ки расмияти баррасии парванда дар суди ҳакамӣ наметавонад ба сифати адолати судии алтернативӣ эътироф карда шавад [126, с. 10]. Бо ақидаи олим, фаъолияти суди ҳакамӣ бо баамалбарории адолати судии алтернативӣ алоқамандбуда дониста намешавад. Вай ишора мекунад, ки суди ҳакамӣ адолати судиро амалӣ намекунад ва мурофиаи ҳакамӣ метавонад танҳо ҳамчун тартиби алтернативӣ ба адлияи судӣ, ки аз ҷониби суди салоҳиятдори юрисдиксияи умумӣ амалӣ карда мешавад, хизмат кунад. Ҳакамият, ки як шакли ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрванд вобаста ба баррасӣ ва ҳалли баҳси ҳуқуқӣ мебошад, шакли алтернативии ҳифзи судии давлатӣ ҳисобида мешавад.

Бевосита судҳои ҳакамӣ бошанд, мақоми юрисдиксионии ғайридавлатӣ (хусусӣ) буда, дорои ҳуқуқи ҳалли баҳси маданӣ-ҳуқуқӣ ба шумор меравaнд. Моҳияти баррасии ҳакамии баҳсҳои аз муносибатҳои

маданӣ-ҳуқуқӣ бароянда дар он зоҳир меёбад, ки тарафҳои муносибат бо созиши ҳамдигар баррасӣ ва ҳалли баҳси бавуҷудомада ва ё дар оянда эҳтимолан бавуҷудояндаро ба тарафи сеюми интихобгардида (ва ё ба сифати судя таъингардида) супорида, уҳдадор мегарданд ба ҳалномаи вобаста ба моҳияти кор қабулшуда итоат намоянд. Бо ҳамин, онҳо аз адолати судии давлатӣ даст кашида, баҳсро аз доираи юрисдиксияи судҳои давлатӣ мебароранд.

Дар ҳамин ҷо бо А.И. Зайтсев доир ба масъалаи моҳияти истеҳсолоти судии ҳакамӣ мубоҳиса намудан мумкин аст. Муҳаққиқ қайд намудааст, ки баррасии парванда дар судӣ ҳакамӣ ҳамчун баррасӣ ва ҳалли парванда дар доираи истеҳсолоти судӣ азёбӣ гардида, дар навбати худ, чун зерсоҳаи ҳуқуқи мурофиаи маданӣ дониста мешавад [126, с. 53-55]. Илми мурофиавии маданӣ эътироф мекунад, ки дар баробари мурофиаи судӣ, шаклҳои ғайрисудии ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон иборатанд: инҳо ҳакамият, расмиёти нотариалӣ, муҳокимаҳо дар назди комиссияи баҳсҳои меҳнатӣ, истеҳсолоти иҷро ва ғайра. Ин хулоса аз хусусияти субъективии муносибатҳои ба миён омада бармеояд. Набудани суд ҳамчун мақомоти татбиққунандаи адолат ва риоя накардани шакли мушаххаси мурофиавии баррасии судии баҳси ҳуқуқӣ истифодаи истилоҳоти мурофиавии «мурофиаи нотариалӣ», «мурофиаи иҷро» ва «мурофиаҳои судӣ дар назди комиссияи баҳсҳои меҳнатӣ»-ро душвор мегардонад, агар ғайриимкон нагардонад. Барои истифодаи истилоҳи «мурофиаи ҳакамӣ» низ асосҳои монандро овардан мумкин аст.

Доир ба он ки истеҳсолоти суди ҳакамӣ ба сифати зерсоҳаи ҳуқуқи мурофиаи маданӣ баромад мекунад, чунин баён намудан мумкин аст. Пас, мурофиаи маданӣ ва истеҳсолоти суди ҳакамӣ дар алоқамандии том ва қисм қарор доранд, аз ин рӯ, қисм (истеҳолоти суди ҳакамӣ) ба том мухолифат накарданаш лозим аст. Масалан, ба истеҳсолоти суди ҳакамӣ инҳо хос мебошад: боварӣ, имконияти аз ҷониби тарафҳо интихоб

кардани судя; махфият. Аз ин рӯ, хулоса карда мешавад, ки шакли универсалии мурофиаи маданӣ дар истеҳсолоти суди ҳакамӣ истифода шуда наметавонад.

Салоҳияти суди ҳакамиро созиши тарафҳои баҳси ҳуқуқӣ муайян менамояд (моддаи 6 Қонун ҶТ «Дар бораи судҳои ҳакамӣ»). Ҳангоми ҷой доштани созишномаи ҳакамӣ, суди ҳакамӣ салоҳият пайдо мекунад, то баҳсҳои байни тарафҳои пайдошударо дар доираи ин салоҳият ба баррасии худ қабул намуда, ҳал намояд. Моддаи 6 Қонун «Дар бораи судҳои ҳакамӣ» ба масъалаи оё тарафҳои созишнома бо тартиби яктарафа аз он даст кашида метавонанд ва бо ҳамин салоҳияти суди ҳакамиро маҳрум менамоянд, ҷавоб намедиҳад. Таҷрибаи ҳакамӣ чунин масъаларо ба вобастагии мавқеи субъектии тараф вогузор наменамояд. Илова бар ин, дар моддаи 9 Қонуни ҶТ «Дар бораи судҳои ҳакамӣ» ташкил намудани ҳайати суди ҳакамии доимоамалкунанда тибқи қоидаҳои он ба амал бароварда мешавад. Чунин рафтор имконият медиҳад, то тарафи бевиҷдон аз баррасии суди ҳакамӣ дур гардида, созишномаи басташударо ҷиҳати бо воситаи халалдор шудан, дар ташкили ҳайати суди ҳакамӣ иҷро нанамояд.

Доир ба васеъ намудани салоҳияти суди ҳакамӣ чунин андешаҳоро М.Ю. Лебедев баён намудааст. Бо баъзе аз пешниҳодҳои муҳаққиқ доир ба такмили қонунгузорӣ, ки ба ҳимоя равона шудааст, розӣ шудан мушкил аст.

Масалан, М.Ю. Лебедев пешниҳод менамояд, ки қонун дар бораи судҳои ҳакамӣ бо меъёр оид ба ҳатмӣ гардонидани дар созишномаи ҳакамӣ нишон додани макони фаъолияти суди ҳакамии доимоамалкунанда пурра гардонида шавад. Аз як тараф, пешниҳодро мантиқан дуруст ҳисобидан мумкин, зеро мушаххассозии ахбор танҳо иҷрои пурраи чунин созишномаи ҳакамиро таъмин хоҳад намуд. Аз тарафи дигар, дар амалия мумкин чунин ҳолат сар занад, ки тараф баъди бастани созишнома оид ба пешниҳоди низои ҳуқуқӣ, ба муҳокимаи суди ҳакамӣ бо нишон додани ном ва макони ҷойгиршавии он, ба мақоми

мазкур баъди гузаштани вақти муайян муроҷиат намоянд ва дар ин фурсат номгузорӣ ва макони ҷойгиршавии он тағйир ёбад. Дар ин хусус, саволҳо ба вуҷуд меоянд: тарафҳо дар ин маврид бояд чи кор кунанд ва оё дар ин лаҳза созишномаи ҳакамӣ қувваи хешро гум намекунад? [129, с. 124]

Ба андешаи Ю.М. Лебедев бояд Кодекси оилавии ФР бо меъёр оид ба муҳокимаи судии ҳакамӣ пешниҳод кардани баҳсҳо бо бастан, тағйир додан ва қатъ кардани аҳдномаи никоҳ пурра карда шавад. Чунин пешниҳод то андозае ҷолиби диққат буда, то ин дам мавриди муҳокимаи илмӣ нагардида буд. Лекин хусусияти аҳдномаи никоҳ чун созишномаи муқарраркунандаи ҳуқуқ ва уҳдадории молумулкии шахсон на он қадар бо муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ, балки бештар бо муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқӣ алоқаманд мебошад. Аҳдномаи никоҳ – аҳди маданӣ- ҳуқуқӣ мебошад. Аз ин рӯ, «монеъгӣ барои баррасии чунин категорияҳои парванда дар суди ҳакамӣ, вуҷуд надорад. Аксар чунин ҳолат бо он алоқаманд аст, ки таҷрибаи бастани аҳдномаи никоҳӣ низ рушд накардааст. Ҳамин тавр, масъалаҳои назариявии муайян намудани салоҳияти судҳои ҳакамӣ ва ҳам масъалаҳои амали сохтани он тибқи қонунгузории муосир оид ба истеҳсолоти судии ҳакамӣ вуҷуд дорад» [129, с.130].

Хусусияти истиснoии маданӣ-ҳуқуқии аз ҷониби судҳои ҳакамӣ баррасишаванда собит месозанд, ки судҳои ҳакамӣ дар маънии институтсионалӣ воситаи ҳимояи ҳуқуқҳои хусусӣ-маданӣ ба шумор мераванд. Аз ин лиҳоз, дигар воситаҳои маданӣ-ҳуқуқии ташкили судҳои ҳакамӣ, тавсифи онҳо, намуд ва хусусияти онҳо таҳлил мешаванд.

Дар ин бора олими рус Б.И. Пугинский чунин қайд намудааст: «Воситаҳои ҳуқуқӣ чун алоқамандии амалҳои аз тарафи субъектон содиршаванда, дар доираи ҳадди иҷозатшуда ва барои ноил шудан ба мақсадҳои ин субъектон равонашуда буда, ба нишондиҳандаи қонун ва манфиати ҷомеа мухолиф намебошад, фаҳмида мешаванд. Дар маънии маҳдуд воситаҳои ҳуқуқӣ усулҳои юридикии ҳаллӣ вазифаҳои дахлдори

субъектон ба мақсадҳо, манфиатҳо баромад менамояд» [67, с. 87-88]. Воситаҳои ҳуқуқӣ на ҳамчун маҷмуи меъёрҳо, балки ҳамчун олат барои ҳалли масъалаҳои дар ҷараёни фаъолияти бавуҷудоянда баҳо дода мешаванд. Дар мавриди мо, доир ба масъалаи ташкили судҳои ҳакамӣ, инчунин воситаҳои маданӣ-ҳуқуқии ҳалли масъалаҳои дар назди судҳои ҳакамӣ дар марҳилаи аввали таъсиси он қароргирифта меистад.

Вобаста ба ташкил ва фаъолияти судҳои ҳакамӣ ду намуди воситаҳои маданӣ-ҳуқуқиро ҷудо кардан мумкин аст:

1) тартиби расмии маданӣ-ҳуқуқии таъсис додани суди ҳакамӣ;

2) ба имзо расонидани шартномаи маданӣ-ҳуқуқӣ ва созишномаи ҳакамӣ.

Вобаста ба намуди суди ҳакамии таъсисдодашуда воситаҳои маданӣ-ҳуқуқии истифодашаванда ҷудо карда мешаванд. Махсусан, воситаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ нисбати судҳои ҳакамии доимоамалкунанда ва ё судҳои ҳакамии як бор амалкунанда тафриқанок истифода шудаанд.

Воситаҳои маданӣ-ҳуқуқии ташкили судҳои ҳакамии як бор амалкунанда. Бо дарназардошти масъалаи салоҳияти судҳои ҳакамӣ зарур аст, хусусияти ташкил ва фаъолияти намудҳои алоҳидаи судҳои ҳакамӣ ва, пеш аз ҳама, судҳои ҳакамии як бор амалкунанда бояд мавриди таҳлил қарор гиранд.

Дар ҶТ масъалаи унификатсияи фаъолияти судҳои барои ҳалли як баҳс таъсисшаванда, мубрам намебошад. Талаботи умумии фаъолияти чунин судҳо дар қонун дар бораи судҳои ҳакамӣ муайян гардидааст. Дар доираи меъёрҳои муайянгардида тарафҳои созишкунанда ҳуқуқ доранд, қоидаҳои ҳалли баҳсро аз ҷониби судҳои ҳакамии ad hoc мустақилона муайян намоянд. Лекин ҳадди нишондоди тарафҳои манфиатдор дар судҳои ҳакамии доимоамалкунанда, аз як тараф, судҳои як бор амалкунанда (судҳои ҳакамии ad hoc) як хел намебошад. Судҳои ҳакамии доимоамалкунанда дар асоси низомнома, муқаррарот ва дигар санадҳои аз тарафи муассисон-ташкилкунандагони суди ҳакамӣ муайянгардида фаъолият мебаранд. Судҳои барои ҳалли як баҳси муайян

таъсисдодашуда аз суди ҳакамии доимоамалкунанда маҳз бо он фарқ мекунад, ки ягон қоидаи баррасии суди ҳакамии мушаххасро доро намебошанд. Барои бартараф намудани чунин нуқсон ва камбудӣ, тарафҳои баҳскунанда ё мустақилона чунин расмиятҳоро эъҷод кунонда ба низомномаи судҳои ҳакамии доимоамалкунанда ҳамроҳ мегарданд [110, с. 70].

Ба ғайр аз ин, дар байни фарқияти судҳои як бор амалкунанда аз судҳои ҳакамии доимоамалкунанда бояд мавҷуд набудани қоидаи барасмиятдарории ҳайати суди ҳакамии барои ҳалли баҳси мушаххас таъсис додашударо баён кард. Маҳз барои ҳамин дар моддаи 9 «Дар бораи судҳои ҳакамӣ» меъёри вуҷуд доштани чунин қоидаҳои баррасии баҳс дар суди ҳакамӣ нишон дода шудааст.

Судҳои як бор амалкунанда нисбат ба судҳои ҳакамии доимоамалкунанда ҳадди муайянгардидаи ҳаққи хизмати судяҳои ҳакамиро пешбинӣ накардааст. Ҳадди подоши хизмати судяҳои ҳакамӣ дар созишномаҳои тарафҳо пешбинӣ карда мешавад.

Нисбат ба судҳои доимоамалкунанда суди ҳакамии барои ҳалли масъалаи мушаххас маҳалли воқеъгардие, ки мақомҳои маъмурии он ҷойгир шудааст, надорад. Аз рӯи таҷрибаи ташаккулёфтаи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ идоракунии судҳои ҳакамӣ чун дастгирии назарраси фаъолияти мақоми мазкур баромад мекунад. Дастгирии ҳайати суди ҳакамӣ аз ҷониби суди ҳакамии доимоамалкунанда, чун қоида, дар оғози истеҳсолоти судии ҳакамӣ, ҳангоми таъин кардани ҳакам (судяҳои ҳакамӣ), инчунин дар ҷараёни гузаронидани истеҳсолот ва ба хотимарасонии он, расонида мешавад.

Баробари ин, суди ҳакамӣ маҳз барои каммасрафии вақт, баррасии босуръати баҳсҳои маданӣ-ҳуқуқии ба суд пешниҳодшуда пазируфта мешавад. Дар ин маънӣ судҳои барои баҳсҳои мушаххас таъсисдодашуда бо суръатнокӣ, чандирӣ ва бештар аз таъмини омилҳои бюрократӣ дур фарқ карда мешавад [102, с. 75-77].

Қонунгузор ҳангоми муайян кардани меъёрҳои фаъолияти судҳои ҳакамии доимоамалкунда ва судҳои ҳакамии як бор амалкунанда танзимкунанда эҳтимол ҳолатеро ба инобат гирифтааст, ки судҳои ҳакамии барои ҳалли баҳси мушаххас таъсисдодашуда дар мавриди мавҷуд будани боварӣ ва эътимоди мутақобилаи тарафҳои баҳси ҳуқуқӣ ба миён меояд. Ҳамин тавр, дар мавриди дар ташкили ҳайати суди ҳакамии доимоамалкуннанда ягон хел монеъгӣ ба вуҷуд омадан, мақоми ваколатдор, масалан, роҳбари Палатаи савдо ва саноат метавонад барои таъин намудани ҳакамони суди ҳакамӣ дахолат карда, вобаста ба ин ва ҷиҳати дуруст ба роҳ мондани фаъолияти суди ҳакамӣ қарори дахлдорро қабул намояд [139].

Дар ин ҷо вобаста ба судҳои ҳакамии як бор амалкунанда бояд қайд намуд, ки дар ҳолати ғайриимкон будани созиш ва ба мувофиқа наомадани иродаи тарафҳои баҳс нисбати масъалаи шахсияти судяҳои суди ҳакамии як бор амалкунанда, тамоми оқибатҳои аз баррасӣ нагардидани баҳси ба вуқуъоянда, пурра бар зиммаи тарафҳо вогузор карда мешавад. Дар чунин ҳолат бояд ҷараёни оғоз гардидани баррасии ҳакамӣ қатъ гардида, ҷониби манфиатдор ба суди салоҳиятноки маҳаллӣ муроҷиат намояд [127, с. 116].

Дар моддаи 3 «Дар бораи судҳои ҳакамӣ» пешбинӣ шудааст, ки тарафҳои баҳси ҳуқуқӣ бо созиши худ метавонанд тартиби таъсис ва фаъолияти суди ҳакамии як бор амалкунандаро пешбинӣ намоянд ва чунин тартиб набояд бар хилофи моддаҳои 7, 8, 10, 12 ва 13 «Дар бораи судҳои ҳакамӣ» бошад. Бар замми ин, дар мавриди мавҷуд набудани созиши тарафҳо дар бораи тартиби таъсис ва фаъолияти суди ҳакамии як бор амалкунанда, дар ин маврид муқаррароти моддаҳои 7 – 13 «Дар бораи судҳои ҳакамӣ» ба роҳбарӣ гирифта мешаванд.

Ҳамин тариқ, чун воситаи асосии маданӣ-ҳуқуқии ташкили суди ҳакамии як бор амалкунанда созишномаи тарафҳо бароmad мекунад, ки ҳамчун факти ҳуқуқӣ – аҳд, созишнома дар хусуси ба вуҷуд омадани муносибатҳои ҳакамии якдафъаина маҳсуб меёбад.

Ба фикри мо, бо дарназардошти таносуби хусусӣ ва оммавии истеҳсолоти ҳакамӣ, созишномаи зайл институти ҳуқуқи хусусӣ-маданӣ ва аз рӯи хусусият – расмиёти ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад.

Дар илми ҳуқуқи маданӣ таҳқиқоти махсуси ба расмиёти ҳуқуқӣ бахшидашуда мавҷуд мебошад. Масалан, дар бораи табиати ҳуқуқии шартнома дар ҳуқуқи маданӣ муҳаққиқ Г.Н. Давидов қайд менамояд, ки шартномаро дар давраи хотимаёбии танзими ҳуқуқӣ – давраи амалӣ намудани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъективӣ, ҳамчун расмиёти ҳуқуқӣ дида баромадан лозим аст, зеро шартнома дар ин ҷо табиати даврагиро доро мебошад: бастани шартнома, ба иҷро расонидани он, тағйир додан ва бекор кардани шартнома ва ғ. [125, с. 45].

Маълум аст, ки расмиёти ишорашуда ба давраҳои айнан такроршавандаи шартнома мувофиқат менамояд. Расмиёти мазкур бо меъёрҳои дахлдори ҳуқуқи уҳдадоркунанда, ки тартиби ба вукуъ омадани амалҳои ҳуқуқии бо шартнома алоқамандбударо муайян менамояд.

Нисбат ба шартнома мумкин аст расмиёти ҳуқуқӣ мушаххас карда шавад:

- расмиёти ҳуқуқие, ки дар давраи оғози муносибатҳои ҳуқуқӣ истифода мешавад;

- расмиёти ҳуқуқие, ки дар давраи амалигардии фаъоли мундариҷаи муносибати ҳуқуқӣ пешбинӣ мегардад;

- расмиёти ҳуқуқие, ки дар давраи қатъ гардидани муносибатҳои ҳуқуқӣ истифода мегардад.

Чунин раванд нисбати созишномаи тарафҳо дар истеҳсолоти суди ҳакамӣ низ истифода бурда мешавад. Ғайр аз ин, бояд қайд кард, ки дар мурофиаи ҳакамӣ расмиёти зерини ҳуқуқии шартномавӣ метавонанд истифода шаванд:

1) бастани шартнома;

2) иҷрои шартнома;

3) тағйир додани шартнома;

4) қатъ кардани шартнома.

Агар созишномаи тарафҳо тартиби таъсиси суди ҳакамиро барои баррасӣ ва ҳалли баҳси мушаххас пешбинӣ накунад, муқаррароти моддаҳои 8-14 Қонун «Дар бораи судҳои ҳакамӣ» бояд ҳамчун роҳнамо истифода шаванд. Ҳамин тавр, моддаи 3 «Дар бораи судҳои ҳакамӣ» дорои меъёрҳои мундариҷаи бланкетӣ буда, аз ба тартиби таъсиси судҳои ҳакамии як бор амалкунанда иборат аст ва он набояд ба нишондоди қонуни номбурда мухолифат намояд, махсусан:

1) бандҳои 1,2,3,4 ва 5 моддаи 7 «Талаботе, ки ба ҳаками суди ҳакамӣ пешниҳод карда мешаванд»;

2) бандҳои 1 ва 2 моддаи 8 «Шумораи ҳакамон»;

3) моддаи 13 «Иваз шудани ҳакам».

Дар моддаи 7 «Дар бораи судҳои ҳакамӣ» талаботи нисбати ҳаками судҳои ҳакамӣ пешниҳодшаванда муайян шудааст:

- ба сифати ҳаками суди ҳакамӣ шахси воқеие интихоб (таъин) карда мешавад, ки барои бемайлон, холисона баррасӣ ва ҳал кардани баҳс омода буда, ба оқибати баррасӣ ва ҳал гардидани парванда бевосита ё бавосита манфиатдор набуда, ба тарафҳои баҳс вобастагӣ дошта бошад ва барои иҷрои вазифи ҳаками суди ҳакамӣ розигии худро дода бошад;

- шахси ба сифати ҳаками суди ҳакамӣ интихоб ва ё таъин гардида, бояд таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ дошта, дорои тахассуси ҳуқуқшиносӣ бошад. Илова бар ин, дар мавриди ба таври дастаҷамъона баррасӣ ва ҳал кардани баҳс раисикунанада низ бояд дорои тахассуси ҳуқуқшиносӣ бошад;

- қонун ҳолатҳоеро пешбинӣ кардааст, ки шахсони алоҳида наметавонанд ба вазифаи ҳакам интихоб ва таъин гарданд. Аз ҷумла, шахси воқеие, ки қобилияти амали пурра нест, бо қарори суд зери васоят ё парастории шахси дигар қарор дорад, инчунин доғи судӣ дошта бошанд ва чунин доғ бо тартиби муқарраркардаи қонун барҳам нахӯрда

бошад, наметавонад ба сифати ҳаками суди ҳакамӣ интихоб ва ё таъин гардад;

- инчунин тибқи муқаррароти қонун шахсони иҷрокунандаи вазифаҳои судя, корманди прокуратура ва дигарҳо низ ҳаками суди ҳакамӣ интихоб (таъин) шуда наметавонанд [23].

Талаботи нисбати тахассусмандии ҳакам пешниҳодшаванда мумкин аст аз ҷониби тарафҳо бевосита ва ё дар қоидаҳои баррасии ҳакамӣ муайян гарданд.

Аз рӯи нишондоди моддаи 8 «Дар бораи судҳои ҳакамӣ» тарафҳои парванда дар муайян намудани шумораи ҳакамон мустақил буда, он бояд доим тоқ бошад. Дар мавриди натавонистани созиш бобати шумораи ҳакамон, ҷиҳати баррасӣ ва ҳалли баҳси алоҳида се нафар ҳакамон интихоб мегарданд. Қоидаи интихоб ва таъини се ҳакам ба фаъолияти суди ҳакамии доимоамалкунанда низ дахл дорад.

Ҳайати суди ҳакамӣ дар натиҷаи интихоби (таъин намудан) ҳакамон (ҳакам) ташкил ва фаъолият мебарад. Нисбати суди ҳакамии доимоамалкунанда коидаҳо ва тартиби ташкили суди ҳакамии доимоамалкунанда татбиқ карда мешавад. Нисбати судҳои ҳакамии як бор амалкунанда ҳайати суди ҳакамӣ бо тартиби ба мувофиқа овардани иродаи тарафҳо ташкил мегардад. Агар бо созиши тарафҳо дигар тартиб пешбинӣ нашуда бошад, пас ҳайати суди ҳакамии як бор амалкунанда бо чунин тартиб ташкил мегардад:

- аз се ҳакками пешбинишуда тарафҳои иштирокчии баррасии ҳакамӣ як нафари ҳакамро пешбирӣ менамоянд ва, дар навбати худ, ин ду ҳакками сеюмро дар мувофиқаи байни худ интихоб менамоянд;

- ҳангоми дар давоми 15 шабонарӯз аз ҷониби тарафҳо пешбарӣ нагардидани рӯйхати ҳакамон ва ё агар дар давоми 15 шабонарӯз ду ҳакками интихобнамудаи тарафҳо ҳакками сеюмро интихоб накунанд, пас баҳси пайдошуда дар суди ҳамакӣ баррасӣ ва ҳал нагардида, он бояд дар суди салоҳиятноки давлатӣ баррасӣ ва ҳал гардад.

Моддаи 10 қонун дар бораи суди ҳакамӣ имкони рад намудани ҳакамро пешбинӣ кардааст. Дар ҳолатҳои зайл ҳакам наметавонад дар баррасии парванда иштирок намояд, агар:

- шахси манфиатдор дар натиҷаи баррасӣ ва ҳалли парванда бошад;

- ба сифати хешу табори яке аз тараф ё шахсони дигаре бошад, ки дар парванда иштирок мекунанд;

- баррасӣ ва ҳалли баҳс бевосита ё бавосита ба доираи ваколатҳои хизматии ӯ вобаста ва алоқаманд бошад;

- агар манфиатдории ҳакам аз натиҷаи баррасӣ ва ҳалли баҳс ба тарафи иштирокчии парванда баъди оғози баррасӣ маълум гардида бошад;

- агар дар давоми як моҳи тақвимӣ ҳаками интихоб ва ё таъингардида вазифаҳои худро иҷро накарда бошад;

- номувофиқии ҳакам ба талаботи муқаррароти моддаи 7 қонуни номбурда ошкор шавад;

- то ин дам дар парвандаи мазкур ҳамчун ҳакам иштирок варзида, лекин ҳамчун тарафи парванда, намояндаи тараф ва ё дигар мақом вай раъд шуда бошад ва ё дар рафти баррасии парванда худрадкунӣ намуда бошад [81, с. 28-29].

Агар шахс дар бораи таъин шуданаш ба ҳайси ҳакам огоҳ карда шуда бошад ва барои иҷрои ин вазифа асосҳо мавҷуд бошанд, ӯ вазифадор аст, ки дар бораи имконнопазирии иҷрои вазифаҳои ҳакам хабар диҳад. Илова бар ин, асосҳои барои ичрои вазифаи ҳакам дар рафти баррасии ҳакамӣ пайдо шаванд, пас ҳакам фавран дар бораи асосҳои сарзада ба тарафҳо хабар дода, номзадиашро рад намояд.

Моддаи 10 Қонун «Дар бораи суди ҳакамӣ» пешбинӣ менамояд, ки тарафҳо ҳаками интихобшударо танҳо он вақт рад карда метавонанд, ба шарте ки ҳолатҳои барои рад гардидани ҳакам ба онҳо баъди интихоб шудани ҳакам маълум шуда бошанд.

Дар мавриди аз ҷониби тарафҳо мувофиқа нагардидани тартиби рад кардани ҳаками суди ҳакамии доимоамалкунанда муайян нашуда бошад, дар давоми панҷ рӯзи маълум гардидани асосҳо ҷиҳати рад кардани ҳакам, аризаи хаттии асосноки тараф барои раднамоӣ бояд пешниҳод карда шавад.

Қонунгузории амалкунанда ҳолатҳоеро пешбинӣ мекунад, ки агар эътироз ба қарори ҳакам аз ҷониби худи ҳакам қабул карда нашавад, масъала бояд аз ҷониби ҳакамҳои дигар дар давоми 10 рӯз ҳал карда шавад. Ҳаками танҳо баррасикунанадаи баҳс масъалаи рад карданашро, бевосита худи ӯ ҳал мекунад.

Мувофиқи нишондоди моддаи 13 «Дар бораи судҳои ҳакамӣ» ҳангоми ба хотима расидани ваколатҳои ҳакам, интихоб ва ё таъини ҳаками нав  тибқи қоидаҳо дар бораи интихоби (таъини) ҳакам татбиқ карда мешавад.

Воситаҳои маданӣ-ҳуқуқии ташкили судҳои ҳакамии доимоамалкунанда. Таҷриба нишон медиҳад, ки судҳои ҳакамии доимоамалкунанда дар назди ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, палатаҳои савдо ва саноат, биржаҳо, иттиҳодияи ҷамъиятии соҳибкорон, дигар шахсони ҳуқуқӣ, иттиҳодияҳои онҳо (ассотсиатсияҳо ва иттифоқҳо), ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфта, фаъолияти худро дар назди онҳо пеш мебаранд [94, с. 92]., таъсис дода мешаванд.

Дар боло ишора гардида буд, ки доир ба ҳайати субъектии он баъзе нофаҳмиҳо ба миён меоянд. Ҳамин тавр, аз эҳтимол дур нест, ки дар таъсис додани суди ҳакамии доимоамалкунанда, инчунин шаҳрвандон-соҳибкорони инфиродӣ низ иштирок карда метавонанд. Лекин дар қонунгузории амалкунанда доир ба ин масъала маҳдудият мавҷуд аст.

Судҳои ҳакамии доимоамалкунанда дар назди мақомоти давлатии ҳокимияти иҷроия, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ташкил шуда наметавонанд.

Пай бурдан душвор нест, ки ҳоло тибқи қонунгузории амалкунанда ба сифати муассисони судҳои ҳакамӣ, танҳо шахсони ҳуқуқӣ баромад карда метавонанд. Баробари ин, истилоҳи «шахсони ҳуқуқӣ» хеле васеъ мебошад. Тибқи нишондоди моддаи 48 КМ ҶТ ба сифати шахси ҳуқуқӣ чунин ташкилот  баромад мекунад: «Дар моликият, пешбурди хоҷагӣ ё идоракунии оперативӣ молу мулки алоҳида дошта, аз рӯйи уҳдадориҳои худ бо ин молу мулк ҷавобгар бошад, тавонад аз номи худ ҳуқуқҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкиро ба даст оварда, амалӣ намояд, уҳдадорӣ гирад, дар суд даъвогар ва ҷавобгар бошад. Шахси ҳуқуқӣ бояд баланс ё сметаи мустақил дошта бошанд. Бо сабаби иштирок дар ташкили молу мулки шахси ҳуқуқӣ муассисони (иштирокчиёни) он метавонанд нисбати ин шахси ҳуқуқӣ ҳуқуқи уҳдадорӣ ё ҳуқуқи амволӣ нисбати молу мулки вай дошта бошанд» [10].

Ба шахсони ҳуқуқие, ки нисбати он иштирокчиёнаш ҳуқуқи уҳдадорӣ доранд, инҳоро мансуб донистан мумкин аст:

- ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ;
- рафоқатҳои хоҷагидорӣ;
- кооперативҳои истеҳсолию истеъмолӣ.

Шахсони ҳуқуқие, ки муассисонашон ҳуқуқи моликият ё дигар ҳуқуқҳои амволӣ ба амволи худ доранд, инҳоянд:

- муассисаҳои аз ҷониби соҳибмулк маблағгузоришаванда.

Шахсони ҳуқуқие, ки муассисонашон ҳуқуқи моликият ба амволи худ надоранд, инҳоянд:

- ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва динӣ;
- фондҳои хайриявӣ ва дигар фондҳо;
- иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ (ассотсиатсияҳо ва иттифоқҳо). [124, с. 88].

Э.Н. Гимазова эҳтимол кардааст, ки дар таъсис додани судҳои ҳакамӣ метавонанд ҳамаи шахсони ҳуқуқӣ аз намудҳои номбаршуда ширкат варзанд. Лекин дар асоси ин тақсимбандиҳо мумкин аст, ба

дигар хулосаҳо низ оем. «Вобаста ба муассиси суди ҳакамӣ, инҳо мавҷуданд: судҳои ҳакамӣ, ки нисбат ба онҳо иштирокчиён ҳуқуқи ӯҳдадорӣ ба даст овардаанд (шарикии корхонаҳо, ширкатҳои тиҷоратӣ, кооперативҳои истеҳсолӣ ва истеъмолӣ); судҳои ҳакамӣ, ки нисбат ба амволи онҳо муассисон ҳуқуқи моликият ё дигар ҳуқуқҳои моликиятро ба даст меоранд (ширкатҳои фаръии давлатӣ ё маҳаллӣ; муассисаҳое, ки аз ҷониби соҳибмулк маблағгузорӣ мешаванд); судҳои ҳакамӣ, ки нисбат ба онҳо муассисон ҳуқуқи моликият надоранд (ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва динӣ, фондҳои хайрия ва дигар фондҳо, иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ, иттифоқҳои касаба)» [124, с. 86; 100, с. 296-298].

Дигар ҳолати муҳим ин мушоҳида намудани монандии судҳои доимоамалкунанда ва дигар сохторҳои ҷиҳати ҳимояи ҳуқуқҳои маданӣ таъсисдодашуда, ба монанди комиссияҳои созиш (оид ба баҳсҳои меҳнатӣ) мебошад.

Мувофиқи моддаи 200 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, комиссияи оштӣ дар асоси баробарҳуқуқӣ ва намояндагии баробари корфармоён ва кормандон таъсис дода мешавад. Шумораи аъзоён, тартиби кор ва муҳлати ваколати комиссияи оштӣ дар маҷлиси умумии (конференсияи) кормандон бо мувофиқаи байни корфармо ва кормандон муқаррар карда мешавад. Аъзоёни комиссияи оштӣ аз ҷониби кормандон дар маҷлиси умумӣ (конференсия) интихоб карда мешаванд. Аъзоёни комиссияи оштӣ аз ҷониби корфармо бо санади корфармо таъин карда мешаванд. Дар ҷаласаи аввали ташкилии худ, аъзои комиссияи оштӣ бо аксарияти овозҳо аз байни аъзои худ раис ва котибро интихоб мекунанд.

Комиссияи оштӣ мақомотест, ки баҳсҳои меҳнатиро, ки дар дохили ташкилотҳо ба миён меоянд, баррасӣ мекунад, ба истиснои баҳсҳое, ки Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигари баррасии онҳоро

муқаррар кардаанд. Агар корманд мустақиман ё тавассути намояндаи худ тавассути музокирот бо корфармо ба созиш нарасад, баҳси меҳнатӣ барои ҳалли он ба комиссияи оштӣ фиристода мешавад [60, с. 120].

Комиссияи созиши корхонаву ташкилотҳо дорои муҳр мебошад. Таъминоти моддиву техникии комиссияро корфармо бар уҳда дорад. Комиссияи созиш аз ҳайати худ раисикунанда ва котиби комиссияро интихоб менамояд [56, с. 369].

Аз рӯи нишонаҳои дар қонун ишоранамуда комиссияи созиш ба судҳои ҳакамӣ монанд мебошад. Мисли комиссия суди ҳакамӣ низ дар назди шахси ҳуқуқӣ таъсис дода мешавад, дорои муҳр аст, таъминоти моддиву техникии фаъолияти судҳои ҳакамиро шахси ҳуқуқии онро таъсисдода ба амал мебарорад.

Албатта, байни комиссияи созиш ва судҳои ҳакамии доимоамалкунанда фарқият низ мавҷуд аст. Масалан, аз рӯи усули таъсис дода шудан: ҳайати комиссияи созиш дар асоси баробар аз ҳайати кормандон ва корфармо таъсис дода мешавад, рӯйхати ҳакамҳои суди ҳакамӣ бошад, зери назорати шахси ҳуқуқӣ ба миён меояд, вале оид ба парвандаи мушаххас бошад, аз рӯи принсипи баробарӣ, ки нисбати комиссияи созиш таъсисдодашаванда, бо дарназардошти фикри даъвогар ва ҷавобгар амалӣ карда мешавад.

Фарқияти асосӣ, бо вуҷуди гуфтаҳои боло, дар салоҳият ва номгузорӣ, тартиби овардани шикоят нисбати қарор ва иҷрои баъдинаи он мушоҳида мегардад. Судҳои ҳакамӣ баҳсҳои танҳо хусусияти маданӣ-ҳуқуқӣ доштаро баррасӣ менамоянд, комиссияи созиш бошад, баҳсҳои инфиродии меҳнатиро дида мебарояд. Бо вуҷуди ин, фарқияти номбурда натиҷаи танзими меъёрӣ-ҳуқуқии гуногун буда моҳияти ин мақомҳоро тағйир намедиҳанд. Ҳар ду мақом, ҳам суди ҳакамии доимоамалкунанда ва инчунин комиссияи созиш оид ба баррасии баҳсҳои меҳнатӣ – мақоми доимоамалкунандаи ғайрисудӣ доир ба ҳимояи ҳуқуқ ба ҳисоб мераванд.

Ба андешаи мо, вобаста ба масъалаи усулҳои ғайрисудии ҳимояи ҳуқуқ ба намуди якхела овардани қонунгузорӣ зарур мебошад, дар сатҳи

қонунгузорӣ масъалаи принсипҳои ягонаи ташаккули судҳои доимоамалкунанда ва комиссияи созиш аз рӯи баҳсҳои меҳнатӣ мавриди омӯзиш қарор дода шавад. Дар ин ҷо ба сифати асос қонунгузорӣ оид ба судҳои ҳакамиро метавон ба роҳбарӣ гирифт, зеро комиссияи созиш аз рӯи баҳсҳои меҳнатӣ моҳиятан ҳамчун суди ҳакамӣ баромад мекунад. Принсипҳои ягонаи ҳам барои судҳои ҳакамӣ ва ҳам нисбати комиссияи созиш таааллуқдоштаро бо чунин тартиб номбар кардан мумкин аст:

1) принсипи таъсиси ихтиёрии судҳои ҳакамӣ (комиссияи оштӣ низ дар асоси ин принсип таъсис дода мешавад);

2) принсипи интихоб ё таъин кардани ҳакамон дар асоси баробарӣ (бо назардошти ақида ва мавқеи даъвогар, ҷавобгар, инчунин корфармо ва корманд);

3) принсипи мустақилияти судяҳои судҳои ҳакамӣ (аз ҷумла ҳангоми баррасӣ ва ҳалли баҳсҳои меҳнатии инфиродӣ) дар фаъолияти ҳаррӯзаи иқтисодӣ ва қабули қарорҳо;

4) принсипи баррасӣ ва ҳалли парвандаҳо дар доираи қоидаҳои дохилии таҳия ва қабулшуда мувофиқи қонунгузорӣ дар бораи судҳои ҳакамӣ;

5) принсипи иҷрои софдилонаи қарорҳои судҳои ҳакамӣ, шакли ягонаи шикоят аз қарорҳои қабулшуда дар баҳсҳои меҳнатии шаҳрвандӣ ва инфиродӣ;

6) принсипи муайян кардани ҳама гуна асосҳо барои бекор кардан ва рад кардани иҷрои қарорҳои судҳои ҳакамӣ, ки баҳсҳои меҳнатии инфиродӣ баррасӣ кардаанд. Бояд қайд намуд, ки судҳои ҳакамии доимоамалкунанда наметавонанд дар назди мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ таъсис дода шаванд. Вале судҳои ҳакамӣ мумкин аст, дар назди муассисаҳои давлатӣ ва ғайридавлатии таълимӣ таъсис дода шаванд. Бинобар рушди босуботи бозори хизматрасонии таълимӣ эҳтимол аст, салоҳияти судҳои ҳакамӣ вобаста ба баррасӣ ва ҳалли баҳсҳо байни тарафҳои ин гуна хизматрасонӣ –

муассиса ва донишҷӯ ва ё дигар субъектони муносибатҳо паҳн гардад. Ин масъала ҳанӯз ҳам аз нигоҳи назариявӣ ва ҳам аз нигоҳи амалӣ ба таври кофӣ омӯхта нашудааст. Тақвияти на танҳо меъёрҳои ҳуқуқи маданӣ, балки меъёрҳои ҳуқуқи оммавӣ низ зарур аст. Мисол пешниҳоди хизматрасониҳои таълимӣ (ҳуқуқи хусусӣ) ва масъалаи пулакӣ ё ройгон будани онҳо (ҳуқуқи оммавӣ) мебошад. Бо вуҷуди ин, моҳияти масъала асосан бетағйир боқӣ мемонад. Ба сифати объекти хизматрасонии маърифатӣ, ба андешаи мо, ҳама гуна баҳсҳое баромад менамояд, ки метавонанд дар судҳои ҳакамии доимоамалкунанда баррасӣ гарданд.

Оид ба воситаҳои мушаххаси маданӣ-ҳуқуқии ташкили судҳои ҳакамии доимоамалкунанда – расмиёти маданӣ-ҳуқуқии таъсис додани судҳои ҳакамӣ, шартномаи маданӣ-ҳуқуқӣ ва созишномаи ҳакамӣ сухан ронда, бояд дар назар дошт, ки судҳои ҳакамӣ таъсисёфта дониста мешаванд, агар шахси ҳуқуқӣ:

1) қарор дар бораи таъсиси суди ҳакамии доимӣ қабул карда шуд;

2) низомномаҳои танзимкунандаи суди ҳакамии доимӣ тасдиқ карда шуданд;

3) рӯйхати ҳакамони суди ҳакамӣ тасдиқ карда шуд, ки метавонад барои тарафҳо ҳатмӣ ё машваратӣ бошад. Дар ҳар се ҳолат, асоси ба вуҷуд омадани муносибатҳои дахлдор, аз ҷумла муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқӣ чун фактҳои ҳуқуқӣ - амал баромад менамояд. Далелҳои мазкур танҳо дар ҳолати якҷоягӣ, маҷмуавӣ будан ҳуқуқ ва уҳдадориро ба миён оварда, мундариҷаи ҳуқуқиро пайдо менамояд. Ҳар яке аз амалҳои ишорашуда функсияҳои ба худ хосро иҷро мекунанд. Масалан, низомнома дар бораи суди ҳакамии доимоамалкунанда салоҳияти судро, ки метавонад умумӣ ва махсус бошад, муайян месозад. Ҳамин тавр, мисоли возеҳи суди ҳакамии махсусгардонидашуда ҳакамияти биржавӣ ба ҳисоб меравад. Тибқи зербанди 2 банди 31 Қонуни ҶТ «Дар бораи биржаи молӣ ва савдои биржавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», баҳсҳои бо бастани аҳдҳои биржавӣ алоқамандбуда, дар доираи ҳакамияти биржавӣ

дида баромада мешаванд [20]. Ҳакамияти биржавӣ ҳамчун мақоме баромад менамояд, ки бо оштиандозии тарафҳо ва бо иҷро намудани дигар функсияҳои суди ҳакамӣ машғул мебошад. Функсияҳои ҳакамияти биржавӣ ҳамчун суди ҳакамӣ бо низомнома дар бораи мақоми номбурда, ки аз тарафи ҳамин биржа тасдиқ шудааст, муайян карда мешавад.

Муҳаққиқ Э.Н. Гимазова дар рисолаи илмии худ оид ба таҷрибаи Арбитражи Олии ФР бобати истифода, тағйир додан ва бекор намудани аҳдҳои биржавӣ тавзеҳот нашр намуда, мисолҳо овардааст. Қайд мешавад, ки ба суди арбитражӣ ширкат - фурӯшанда бо даъво нисбати харидор, ки аҳди биржавӣ доир ба пардохти моли пешниҳодшударо бастааст, муроҷиат намуд. Ба ақидаи ҷавобгар баҳси мазкур набояд дар суди арбитражӣ баррасӣ гардад, зеро тибқи шартҳои аҳди басташуда, баҳсҳои дар ҷараёни иҷрои аҳд бамиёноянда ба тариқи комиссияи арбитражи биржавӣ бояд ҳалли худро ёбанд.

Баробари ин, дар раванди таҳқиқи маводи парванда муайян гардид, ки дар низомнома дар бораи комиссияи арбитражи биржавӣ, (мақоми ваколатдор барои баррасии парвандаи ишорашуда), комиссия танҳо баҳсҳоеро баррасӣ менамояд, ки бо аҳдҳои дар биржа басташуда алоқаманд бошанд.

Қонунгузории ФР имконият намедиҳад қайд карда шавад, ки комиссияҳои арбитражии биржавӣ ҳамаи функсияҳои судҳои ҳакамиро иҷро мекунад. Бинобар ба ин ишора суди арбитражӣ ваҷҳҳои ҷавобгарро ба инобат нагирифта, баҳсро моҳиятан дида баромад [124, с. 91].

Таҳлили зербанди 2 банди 31 Қонуни ҶТ «Дар бораи биржаи молӣ ва савдои биржавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» муайян наменамояд, ки ҳакамияти биржавӣ ҳамаи функсияҳои судҳои ҳакамиро иҷро карда метавонад.

Мувофиқи муқаррароти банди 4 моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои ҳакамӣ», суди ҳакамии доимӣ вақте таъсисёфта ҳисобида мешавад, ки шахси ҳуқуқӣ дар бораи таъсиси он

қарор қабул карда, Низомнома дар бораи суди ҳакамии доимӣ ва рӯйхати ҳакамонро тасдиқ кунад. Ғайр аз ин, шахси ҳуқуқие, ки суди ҳакамии доимиро таъсис додааст, нусхаи ҳуҷҷатҳоеро, ки таъсиси суди ҳакамии доимиро тасдиқ мекунанд, ба суди салоҳиятдоре, ки дар қаламрави суди ҳакамии доимӣ ваколати судиро амалӣ мекунад, мефиристад. Дар қонун, истилоҳи «суди салоҳиятдор» ба судҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба баҳсҳое, ки дар доираи салоҳияти судҳои иқтисодӣ қарор доранд ва судҳои ноҳиявӣ (шаҳрӣ) оид ба баҳсҳое, ки дар доираи салоҳияти судҳои дорои салоҳияти умумӣ қарор доранд, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст, дахл дорад. [23]. Лекин саволе ба миён меояд, ки барои чӣ доир ба таъсис додани суди ҳакамии доимоамалкунанда бояд ба суди босалоҳият хабар дода шавад?

Қонун дар бораи судҳои ҳакамӣ ягон ишора ба масъулияти ташкилот дар мавриди хабар надодан оид ба таъсис додани суди ҳакамӣ муайян накардааст. Аз ин бармеояд, ки меъёри мазкур хусусияти тавсиявӣ дорад.

Тартиби таъсиси судҳои ҳакамии доимоамалкунанда, инчунин ба талаботи моддаҳои 3 – 13 Қонуни ҶТ «Дар бораи судҳои ҳакамӣ» муайян менамояд. Дар ин ҷо зарур аст, хусусияти таъсиси судҳои ҳакамии доимоамалкунандаро дида бароем. Масалан, агар мувофиқи қоидаҳои суди ҳакамии доимоамалкунанда доираи ҳакамон муайян нашуда бошад, пас се ҳакам интихоб (таъин) мегардад. Дигар хусусият бо таъсис додани ҳайати суди ҳакамӣ вобастагӣ дорад. Тибқи муқаррароти моддаи 9 Қонуни ҶТ «Дар бораи судҳои ҳакамӣ» ҳайати суди ҳакамӣ бо роҳи интихоби (таъини) ҳакамон (ҳакам) ташкил меёбад. Дар суди ҳакамии доимоамалкунанда ҳайат бо тартиби муқаррарнамудаи қоидаҳои суди ҳакамии доимамалкунанда ташкил карда мешавад.

Тартиби қатъ ва бартарафкунии суди ҳакамии доимоамалкунанда дар қонун дар бораи судҳои ҳакамӣ гуфта нашудааст. Лекин аз муҳтавои

моддаи 3 қонун бармеояд, ки дар мавриди бартарафкунии суди ҳакамии доимоамалкунанда ба суди босалоҳияти дахлдор хабарнома оид ба қатъ гардидани фаъолияти он бо тавре ки дар давраи таъсис додан фиристода шуда буд, ирсол мегардад.

«Дигар воситаи маданӣ-ҳуқуқии ташкили суди ҳакамии доимоамалкунанда, созишномаи ҳакамӣ ба ҳисоб меравад. Хусусияти асосии ин гуна созишномаҳо дар мухторияти он дида мешавад» [101, с. 127-128].

Коркарди назарияи мухторияти иқтибоси ҳакамӣ пештар дар мавриди омӯзиши табиати ҳуқуқӣ ва таҷрибаи фаъолияти арбитражҳои байналмилалии тиҷоратӣ ва қарорҳои он гузаронида мешуд. Лекин ҳоло омӯзиши ин назария барои илми ҶТ ҳангоми баррасии ҳакамӣ дар судҳои ҳакамӣ (дохилӣ) низ мубрам мебошад.

Дар ибтидои назарияи мухторияти иқтибоси ҳакамӣ асосе гузошта шудааст, ки тибқи он беэътибории шартномаи аввалия (яъне шартномаҳое, ки шартҳои он хусусияти моддӣ-ҳуқуқиро доро мебошанд) беътибории иқтибоси арбитражиро ба миён намеоварад, мисле ки беъэтибории иқтибоси арбитраж ба беъэтибории шартномаи асосӣ намеоварад. Аз ин бармеояд, ки ҳангоми байни тарафҳо рух додани баҳс оид ба шартномаи беътибор эътирофшуда, баҳси мазкур ба тариқи суди ҳакамӣ ҳал карда мешавад.

Аз ҷиҳати амалӣ ҳолати аҳаммиятнокии мухторияти иқтибоси ҳакамӣ дар он аст, ки дар мавриди хотима ёфтани муҳлати амали шартномаи асосӣ (ё дигар асосҳои қатъ гардидани амалӣ шартнома), амали иқтибоси ҳакамӣ қувваи юридикии худро гум намекунад.

Ҳамаи баҳсҳое, ки шартномаҳои маданӣ-ҳуқуқии дорои иқтибоси ҳакамӣ мебошад, дар суди ҳакамӣ, ҳатто дар мавриди гум намудани қувваи ҳуқуқии шартнома баррасӣ мегарданд.

Тибқи муқаррароти қонун дар бораи судҳои ҳакамӣ, созишнома оид ба суди ҳакамӣ хосияти мухториро доро буда, аз дигар шартҳои шартнома вобаста намебошад.

Дар чунин маврид қонун муайян накардааст, инчунин созишномаи тарафҳо бошад, шарти дар мавриди хотимаёбии муҳлати шартнома, шарти пешниҳоди баҳс ба суди ҳакамӣ низ қатъ гардад. Ҳамин тавр, шарт доир ба тариқи ҳакамӣ баррасӣ гардидани баҳс, ки дар шартнома мавҷуд аст, бо қатъ гардидани муҳлати амали шартнома ба хотима намерасад.

Таълимоти ватанӣ ва таҷрибаи баррасии суди ҳакамии ташаккулёфта, дар умум, дар эътирофи мухторияти иқтибоси ҳакамӣ (арбитражӣ) асос меёбад.

Ҳамин тавр, мухторияти иқтибоси ҳакамӣ маънои онро дорад, ки беэътибории шартномаи аввалия (шартномае, ки шартҳои он хусусияти моддӣ-ҳуқуқиро доро аст) беэтибории иқтибоси арбитражиро ба миён намеорад, тавре ки беэътибории охирон беэътибории шартномаи аввалияро ба миён намеорад. Ба ғайр аз ин, таҷрибаи ватании баррасии ҳакамӣ ва судии арбитражӣ, умуман, ба эътирофи мухторияти иқтибос асос меёбад.

Дар маҷмуъ, хулоса кардан мумкин аст, ки судҳои ҳакамии доимоамалкунанда таъсис дода шудан ва қатъи фаъолияти худро бо тартиби хабардоркунӣ ба амал мебароранд. Ваколати баррасии парванда аз созишномаи аз шартномаи асосии маданӣ-ҳуқуқӣ мухторӣ буда вобаста аст.

# БОБИ III. МЕХАНИЗМИ МАДАНӢ-ҲУҚУҚИИ БААМАЛБАРОРИИ ҲИМОЯИ ҲАКАМИИ ҲУҚУҚҲОИ СУБЪЕКТИВӢ

## 3.1 Ҳолати ҳуқуқии созишномаи ҳакамӣ мутобиқи қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар ҷомеаи муосир ашхоси алоҳида, иттиҳодия ва гурӯҳи онҳо дар муносибатҳои гуногуни байниҳамдигарӣ қарор гирифта, кору фаъолияташонро пеш мебаранд. Муносибатҳои ишорашуда гуногун буда, ба соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа, фаъолияти гурӯҳ ва ашхоси алоҳида дар самтҳои муносибатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, муносибатҳои оилавӣ, меҳнатӣ ва ғайра ба вуҷуд омада, тағйир ёфта, қатъ мегарданд.

Муносибатҳои мутақобила доимо дар ҳолати рушд қарор дошта бошанд ҳам, ҳолатҳои гуногуни ҳаётӣ ба он меоварад, ки муносибатҳои байни ашхоси алоҳида, иттиҳодияҳои онҳо, ташкилоту муассиса ва ҳатто давлатҳо, баъзан ихтилофу зиддиятҳое пайдо мекунанд, ки бояд мавриди муҳокима, баррасӣ ва ҳалли дуруст, одилонаю қонунӣ қарор дода шаванд [105, с. 78].

Вобаста ба низоъҳои ҳуқуқӣ дар қонунгузории ватанӣ (КММ ҶТ, КМИ ҶТ; Қонуни ҶТ «Дар бораи судҳои ҳакамӣ» ва ғайра) истилоҳи «баҳс» истифода шудааст. Ин истилоҳ, ба аншешаи мо, барои ишораи ихтилофоти дар муносибатҳои молумулкӣ пайдошаванда бештар мувофиқ аст, зеро соҳаи муносибатҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва шаҳрвандӣ асосан моҳияти хусусӣ дошта, оғозу ҷараёни минъбадаи онҳо аз хоҳишу иродаи, асосан, тарафҳои он вобастагӣ дорад.

Истилоҳи «баҳс» дар забони тоҷикӣ гуфтугузор (мубоҳиса) дар атрофи чизе ва ё масъалаеро ифода менамояд [85, с. 344]. Сухан дар бораи гуфтугузори одӣ, танҳо барои гуфтугузор дар назар дошта намешавад. Баръакс, ин гуфтугузор оид ба чизе ё ҳолате буда, тарафҳо дар он ба ихтилоф меоянд, яъне тарафҳо оид ба ин ҳолат ниёз ба ҳалли дуруст, одилона ва қонунӣ пайдо мекунанд.

Муносибатҳои иқтисодӣ ва маданӣ гуногунҷабҳа ва серсоҳа буда, ҷабҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятиро бо иштироки ашхоси алоҳида фаро мегиранд. Масалан, муносибат оид ба моликият (доштан, истифода бурдан ва ихтиёрдории молу мулк, ба идора додан, фурӯхтан ё тухфаи молу мулк), муносибат оид маҳсулотсупорӣ, (контрактатсия), пудрат, ҳамлу нақл (баркашонӣ), қарз ва дигар номбар карда мешавад.

Дар ҷараёни амалишавии муносибатҳои иқтисодӣ ва маданӣ баҳсҳое ба вуҷуд меоянд, ки ҳалли дуруст, одилона ва қонуниро талаб мекунанд. Дар сурати дуруст, одилона ва қонунӣ ҳал намудани баҳсҳои ҳуқуқӣ, муносибатҳои зикргардида устувор шуда, имконияти ҳарчи бештари инкишофу пешрафти онҳо пайдо мешавад. Боварии тарафҳои баҳс ба адолату қонуният меафзояд ва ин масъулияту интизомнокии тарафҳои иштирокчиёни ин муносибатҳоро зиёд мекунад. Аз ин ҷо, таъмини кафолати ҳифзи ҳуқуқии тарафҳои баҳс, сари вақт, одилона ва қонунӣ ҳал гардидани баҳсҳои ҳуқуқӣ заминаи муҳимии пешрафти муносибатҳои ҷамъиятӣ ва дар маҷмуъ инкишофи тамоми ҷомеа ҳам баҳо дода мешавад.

Амалӣ намудани ин ҳадаф восита ва тарзҳои мукаммалу зарурии ҳалли ин баҳсҳоро тақозо менамояд. Дар таҷрибаи давлатҳои ҷаҳон, хусусан, давлатҳои пешрафта, шаклу тарзҳои гуногуни ҳалли баҳсҳои зикргардида мавҷуд аст. Ҳамаи ин тарзу воситаҳо асосан ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд:

- ✓ тарзу воситаҳои давлатии ҳалли баҳсҳо;
- ✓ тарзу воситаҳои ғайридавлатии (алтернативии) ҳалли баҳсҳо.

Ба тарзу воситаҳои давлатии ҳалли баҳсҳо, пеш аз ҳама, низоми судии ҳар як давлати алоҳида ва судҳои байнидавлатӣ шомиланд. Бояд қайд намуд, ки аз даврае, ки дар ҷомеаи инсонӣ (инсони бошуур) баҳсҳо ба вуҷуд меоянд, механизмҳои ҳалли ин баҳсҳо низ пайдо ва тарҳрезӣ мешаванд.

Асосан мақомоти судиро ифода карда, бахри амалӣ намудани адолати судӣ кӯшиш ба харҷ медиҳанд. Бояд қайд намуд, ки мақомоти

судӣ дар ҷомеа ду вазифаи асосиро иҷро менамоянд: «1) дар асоси қонуни давлат, одилона ва холисона ҳаллу фасл намудани баҳсҳои байни шаҳрвандон, гурӯҳу иттиҳодияҳои онҳо, ташкилоту муассисаҳо ва давлатҳо; 2) аз номи давлат таъин намудани ҷазо барои ҳуқуқвайронкуниҳо» [110, с. 70-72].

Ин вазифаҳои муқаддаси худро иҷро намуда, ҳокимияти судӣ кафили асосии адолату қонуният дар ҷомеа мебошад. Адолату қонуният арзиши муҳим ва асоси устуворӣ, тартиботи зарурӣ ва пешрафти ҷомеа мебошанд. Ҳар қадар, ки адолату қонуният дар ҷомеа мустаҳкам ва бенуқсон бошанд, ҷомеа ва давлат ҳамон дараҷа таҳким ёфта, мураттабгаштаю муназзамгашта ва пешрафта мегарданд.

Мақомоти суди давлатӣ бо пайдоиши давлат ба вуҷуд омада, яке аз рукнҳои асосии он мебошад. Давлат бе мақоми судӣ вуҷуд дошта наметавонад ва баръакс мақомоти судӣ низ бе давлат буда наметавонад. Бинобар ин, суд низ ба мисли давлат таърихи чандҳазорсола дорад. Дар ин муддат низоми судӣ инкишофу такмил ёфта, шаклу тарзҳои фаъолияти он низ мукаммал гаштааст.

Дар баробари зикр кардани аҳаммияти муҳокимаи ҳакамии баҳсҳо, қайд намудан бамаврид аст, ки созишномаи ҳакамӣ ҳамчун сохтори (конструксияи) ҳуқуқӣ, шарти муҳим ва муайянкунандаи ҳуқуқи суди ҳакамӣ ҷиҳати баррасӣ ва ҳал намудани баҳси ҳуқуқӣ-моддии ашхоси иштирокчии баҳс арзёбӣ мешавад [119, с. 132].

Созишномаи ҳакамӣ, аз як тараф, асоси таъсисёбӣ ва фаъолияти суди ҳакамӣ, усули алтернативии ҳалли баҳс буда, дар он хосияти мурофиавии созишномаи ҳакамӣ мушоҳида карда мешавад, аз тарафи дигар, созишномаи ҳакамӣ – ин шартномаи байни тарафҳо доир ба манфиати мутақобилаи онҳо оид ба ҳалли низоъҳои ҳуқуқӣ буда, дар ин хосияти моддӣ-ҳуқуқии санади номбурда мушоҳида карда мешавад [77, с. 31; 59, с. 158].

Дар аксар мавридҳо моҳияти созишномаи ҳакамӣ бо мавҷудияти таълимоти мухталиф доир ба табиати ҳуқуқии судҳои ҳакамӣ ифода

меёбанд. Дар адабиёти ҳуқуқӣ чунин таълимот дар бораи табиати ҳуқуқии судҳои ҳакамӣ мушоҳида мешавад: 1) таълимоти шартномавӣ – мувофиқи таълимоти мазкур ҳалли баҳс дар доираи суди ҳакамӣ ҳамчун ба иҷро расонидани шартномаи алоҳидае, ки дар матлабаш ба шахсони сеюм расонидани ёрии ҳуқуқӣ оид ба ҳалли низоъҳои ҳуқуқӣ муқаррар гардидааст фаҳмида мешавад; 2) таълимоти мурофиавӣ – мувофиқи таълимоти мазкур истеҳсолоти судӣ-ҳакамӣ бо мурофиаи маданӣ вобаста буда, хусусияти фаъолияти ҳакамҳои суди ҳакамӣ, мақсадҳои асосӣ, истилоҳҳои истифодашаванда, хосияти робитаи байниҳамдигарии тарафҳои мурофиаро бо баррасии ҳакамӣ монанд фаҳмида мешавад*; 3)* таълимоти омехта - мувофиқи ин таълимот тартиби ҳалли баҳс дар суди ҳакамӣ ба ду давра ҷудо карда мешавад: моддӣ-ҳуқуқӣ – бастани созишномаи ҳакамӣ ва мурофиавӣ-ҳуқуқӣ – бевосита баррасӣ ва ҳалли баҳс бо истифода аз механизми суди ҳакамӣ.

Таълимоти зикршуда созишномаи ҳакамиро чун шартнома дар натиҷаи ба мувофиқа расидани иродаи тарафҳо ҷиҳати баррасӣ ва ҳалли баҳс дар суди ҳакамӣ арзёбӣ менамоянд. Истифодаи истилоҳи «созишнома», ки аксар дар соҳаи ҳуқуқи маданӣ истифода мешавад, дар шакли умум, ҳамчун шартнома фаҳмида мешавад. Новобаста аз ин, дар илми муосир нигоҳи ягона доир ба баҳодиҳии созишномаи ҳакамӣ (ба сифати шартнома ва ё ба сифати санади мурофиавӣ) ташаккул наёфтааст.

Тибқи муқаррароти моддаи 2 Қонун «Дар бораи судҳои ҳакамӣ», зери созишномаи ҳакамӣ созишномаи тарафҳо дар бораи супоридани баҳс ба баррасии суди ҳакамӣ фаҳмида мешавад. Барои муайян намудани имконияти дида баромадани созишномаи ҳакамӣ ба сифати шартнома, бояд таносуби онро бо истилоҳи «шартнома» муайян намуд. Дар таълимоти ҳуқуқии муосир истилоҳи умумиҳуқуқии шартнома бе вобастакунии он ба ин ё он соҳаи ҳуқуқ дида намешавад. «Бечунучаро институти мазкур дар ҳуқуқи маданӣ коркарди бештаре ёфта, дар моддаи 482 КМ ҶТ ҳамчун шартнома, ки худ созиши ду ё якчанд шахс барои ба

вуҷуд овардан, тағйир додан ё қатъи ҳуқуқ ва уҳдадории мадании мебошад, фаҳмида мешавад» [10].

Барои муайян намудани созишномаи ҳакамӣ ба сифати шартнома, он дар сатҳи муайян ба ҳуқуқ ва уҳдадории тарафҳои онро ба имзо расонанда бояд таъсир расонад. Ҳамин тавр, муҳаққиқон Ларе Эдлунд ва Кристоф Содерлунд ҷамбаҳои мусбӣ ва манфии оқибати созишномаи ҳакамиро ҷудо менамоянд: ба сифати оқибатҳои мусбӣ тарафҳо дорои уҳдадории барои ҳалли баҳс муроҷиат намудан ба суди ҳакамиро пайдо мекунанд, ба сифати ҷанбаи манфӣ тарафҳо уҳдадории худдорӣ аз амалҳои вобаста ба муроҷиат барои ҳалли баҳс ба суди босалоҳияти давлатиро пайдо мекунанд [104, с. 117].

Моҳиятан, дар ҷараёни бастани созишномаи ҳакамӣ ҷонибҳо ҳуқуқ ва уҳдадории мутақбиларо оид ба ҳалли баҳси ҳуқуқӣ-моддиро дар суди ҳакамӣ пайдо мекунанд. Аз тарафи дигар, таъиноти созишномаи ҳакамӣ на танҳо барои муқаррар намудани тобеияти судии алтернативии баҳс, балки бештар барои мувофиқа кунонидани иродаи тараф ҷиҳати истифода намудани усули ҳуқуқӣ-хусусии ба танзим даровардани муноқишаи бавуҷудомада мебошад. Дар робита бо ин, қайд кардан лозим аст, ки ҳуқуқ ва уҳдадории аз созишномаи ҳакамӣ бароянда бештар ба соҳаи ҳуқуқи моддӣ, нисбат ба соҳаи ҳуқуқи мурофиавӣ мутааллиқ мебошад.

Вобаста ба омили иловагии муайянсозандаи табиати моддӣ-ҳуқуқии созишномаи ҳакамӣ метавон озодии тарафҳоро вобаста ба бастани созишномаи ҳакамӣ ишора кардан мумкин аст. Озодӣ дар бастани созишнома яке аз асосҳои бунёдии ҳуқуқи мадании, принсипи марказии он - озодии шартнома ҳисобида мешавад. Аз ин рӯ, вобаста ба оқибатҳои бо бастани созишномаи ҳакамӣ бавуҷудоянда, онро на танҳо ҳамчун шартнома, балки боз чун факти ҳуқуқии аҳаммияти мурофиавидошта ишора кардан мумкин аст. Чунин табиати дуалистии созишномаи ҳакамӣ аз тарафи аксари олимони соҳа қайд гардидааст. Хусусан, олими ватанӣ З.Ализода пешниҳод намудааст, ки «созишномаи

ҳакамиро чун аҳди ҳуқуқии хосияти мурофиавидошта баррасӣ бояд кард» [77, с. 31-32]. Муҳаққиқ А.И. Зайтсев чанд маротиба ба хосияти моддӣ-мурофиавии созишномаи ҳакамӣ ишора намуда буд [126, с. 108].

Дар доираи «таълимоти шартномаи мурофиавӣ-оммавӣ» созишномаи ҳакамӣ ҳамчун санади танзимкунандаи масъалаҳои, ба истисно, мурофиавӣ муайян мегардад. Таълимоти мазкур дар таҳқиқоти В.А. Мусин, А.П. Вершнин ва дигарон асоснок карда шудааст. Моҳияти таълимоти мазкур дар он аст, ки тарафҳо бо бастани созишномаи ҳакамӣ баҳси худро аз доираи салоҳияти суди давлатӣ берун намуда, худро, пеш аз ҳама, дар ҳуқуқҳои мурофиавӣ маҳдуд месозанд ва аз ин рӯ, мавзуи чунин созишномаҳо хусусияти мурофиавиро доро мебошад. Дар адабиёти ҳуқуқӣ қайд мегардад, ки дар амалияи судӣ мавқеи ягона нисбати ин масъала коркарда нашудааст. Масалан, чанд қарорҳои судҳои ҳакамиро овардан мумкин аст, ки судҳо ба тариқи тафриқанок табиати созишномаи ҳакамиро арзёбӣ менамоянд. Мисоли мушаххаси таҷрибаи судҳои ҳакамии ФР дар ин бора дар асари олимони россиягӣ мушоҳида мегардад. Хусусан, баҳс байни муассиса дар шахси идоракунандаи озмунии он (фурӯшанда) ва соҳибкор А. (харидор), ки санаи 06.01.2020 шартномаи хариду фурӯши бинои ғайриистиқоматӣ бо масоҳати 378 метри мураббаъ, ки ба фурӯшанда бо ҳуқуқи пешбурди хоҷагидорӣ тааллуқ дошт, дида баромада шуд. Бинои ғайристиқоматӣ ба харидор тибқи санад аз 06.01.2020 супорида шуда буд. Муассиса дар шахси идоракунандаи озмунӣ ва соҳибкор А. 26.10.2020 созишномаи ҳакамӣ оид ба пешниҳоди ҳамаи баҳсҳои аз рӯи шартномаи хариду фурӯш аз 06.01.2020 ба вуҷудамада ба баррасии  суди ҳакамӣ баста шуда буд. Соҳибкор А. ба суди ҳакамӣ бо даъво нисбати муассиса оид ба эътирофи ҳуқуқи моликият ба объекти амволи ғайриманқул - қисми бино, дар масоҳати умумии 320,1 метри мураббаъ пешниҳод намуд. Дар ҳолати мазкур муассиса ва соҳибкор А. ҳангоми бастани созишномаи ҳакамӣ аз 26.12.2020 бо ҳуқуқи худ оид ба мурочиат ба суд ихтиёрдорӣ намуданд, яъне созишномаи мазкур хосияти мурофиавиро доро

мебошад. Созишномаи номбурда масъалаи муайян намудани тобеияти судии баҳсро ҳал намудааст.

Ҳамин тавр, дар адабиёти ҳуқуқӣ омадааст, ки дар чунин мавриди суди ҳакамӣ табиати ҳуқуқии созишномаи ҳакамиро ҳамчун санади хосияти мурофиавидошта муайян намудааст. Аз тарафи дигар, дар таҷрибаи судӣ созишномаи ҳакамӣ якчанд маротиба чун аҳди маданӣ-ҳуқуқӣ дида баромада шудааст. Масалан, баҳс байни фонди молумулкӣ (фурӯшанда) ва ширкат (харидор) аз рӯи озмуни тиҷоратӣ бо шартҳои сармоягузорӣ доир ба фурӯши саҳмияи ҷамъиятҳои саҳомӣ баргузор гардид. Шартнома доир ба хариду фурӯши маҷмуаи саҳмияҳо санаи 02.06.2018 баста шуда буд. Иҷро накардани шартҳои сармоягузории шартномаи ишорашуда асос барои муроҷиат бо даъво ба суд гардида буд. Бо рад кардани қабули аризаи даъвогӣ, суд беасос ба банди алоҳидаи шартнома аз 02.06.2018 ишора намудааст, «ки дар он шарт оид ба баррасии баҳсҳои дар ҷараёни иҷро намудани шартнома ба миён омадааст, дар мавриди ғайриимкон будани ҳалли он бо мувофиқаи тарафҳо дар арбитражи байнилмилалии тиҷоратии назди Палатаи савдо ва саноати ФР тибқи низомномаи он, ишорат намудааст» [100, с. 296-297].

Баробари ин, созишномаи ҳакамӣ бештар хосияти маҳз аҳдҳои маданӣ-ҳуқуқиро дошта, бо ҳолатҳои зерин асоснок карда мешавад:

- барои пайдо кардани қувваи ҳуқуқӣ созишномаи ҳакамӣ ҳамчун созиш дар бораи моҳияти шартҳои байни тарафҳои иштирокчии баҳс бояд баромад намояд; моҳияти истифодаи усули алтернативии ҳал намудани низои ҳуқуқӣ бо нишон додани суди ҳакамии мушаххас, ҳамин тавр, масъалаи зарурати риоя намудани шакли мурофиавӣ ба миён намеояд;

- эътиборнокии созшномаи ҳакамӣ мутобиқи муқаррароти КМ ҶТ оид ба боэътибор эътироф намудани аҳд муайян карда мешавад;

- ба сифати субъектони созишномаи ҳакамӣ шахсони ҷисмонӣ ва ё ҳуқуқие баромад мекунанд, ки вобаста ба баҳси пайдошуда дар баррасии судӣ ҳакамӣ иштирок мекунанд;

- бо мавҷудияти имконоти истифодаи меъёрҳо оид ба иҷрои дахлдори созишномаи ҳакамӣ, роҳ надодан барои иҷрои яктарафаи шартнома, бекор кардани созишномаи ҳакамӣ, бинобар тағйир ёфтани ҳолатҳои баста шудани созишномаи ҳакамӣ;

- дар натиҷаи баста шудани созишномаи ҳакамӣ тарафҳо дорои ҳуқуқ ва уҳдадории муайяни мурофиавӣ гардида, онҳо бо муносибатҳои моддӣ-ҳуқуқии барои баррасӣ ва ҳалли баҳс (қисми он) алоқаманд мебошанд. Яъне агар созишномаи ҳакамӣ баста шуда бошад, маънои оғози баррасии судии ҳакамиро дар назар надорад [137].

Ҳамин тариқ, бо назардошти дуҷонибагии муносибатҳои дар ҷараёни бастани созишномаи ҳакамӣ бавуҷудоянда, истифодаи меъёрҳои моддӣ-ҳуқуқӣ дар мавриди муайян намудани табиати ҳуқуқии созишномаи ҳакамӣ бештар дуруст арзёбӣ карда шуда, меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавӣ бошанд, ба тариқи фаръӣ (субсидиарӣ) бо мақсади инъикос намудани фаъолияти мақомоти дахлдор бояд истифода карда шавад.

Агар созишномаи ҳакамӣ ҳамчун аҳд баҳо дода шавад, бояд дар ин радиф илова кард, ки он наметавонад ба монанди санади яктарафа баҳо дода шавад, чунки дар ин санад мувофиқанамоии иродаи ҳарду тарафи баҳс ба тариқи суди ҳакамӣ баррасишудаистода муайян мегардад. Илова бар ин, ба таври қатъӣ наметавон тамоми суъбектони шартномаро гуфта гузарем, чунки он мумкин аст, ду ва ё бисёртарафа бошад. Чунин ҳолат бо он алоқаманд аст, ки факти баста шудани созишномаи ҳакамӣ муносибати маданӣ-ҳуқуқии дахлдорро на танҳо байни тарафҳои ин созишнома, балки боз байни суди ҳакамӣ ва тарафҳои баҳскунандаро ба миён меорад. Муносибатҳои ҳуқуқии тарафҳои созишномаи ҳакамӣ дар сатҳи ҳуқуқӣ-хусусӣ ва муносибатҳои ҳуқуқии суди ҳакамӣ ва тарафҳо доир ба баррасӣ ва ҳалли баҳси мушаххас, бечунучаро зери таъсири меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавӣ қарор гирифта бошанд ҳам, асоси ҳуқуқӣ-

хусусии ин муносибатҳоро наметавонем ба пуррагӣ инкор намоем. Дар таърих кӯшишҳое мушоҳида шудаанд, ки муносибатҳои мазкурро соф ҳуқуқӣ-хусусӣ баҳо додаанд. Масалан, муҳаққиқ В.А. Шенинг қайди ҳакамиро ба сифати сохтори маҷмуавӣ ва дар худ инъикоскунандаи ду намуди шартномаи маданӣ-ҳукуқӣ дида баромадааст: як шартнома байни тарафҳои баҳскунанда ва дигар байни тарафҳо ва суди ҳакамӣ [73, с. 704]. Мавқеи хусусияти маданӣ-ҳуқуқӣ доштани муносибатҳои байни суди ҳакамӣ ва тарафҳои созишномаи ҳакамиро олими ватанӣ М.З. Раҳимзода ҷонибдорӣ намудааст [113, с. 180].

Номуайянии муносибатҳои ишорашуда бо хосияти суди ҳакамӣ дар ҳал намудани ин ё он баҳсҳо баён карда мешавад. Агар таносубро бо судҳои давлатӣ гузаронем, пас уҳдадории охирон бо вазифа ва мақсадҳои низоми судӣ, чун низоми мақомоти барои ҳимоя ва барқарор намудани ҳуқуқҳои вайроншудаи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ равона шуда маънидод карда мешавад. Моҳиятан, давлат бо воситаи низоми судӣ тартиботи дахлдорро таъмин намуда, ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон ва ташкилотҳоро ҳимоя менамояд. Суди ҳакамӣ мақоми дорои салоҳияти ҳокимиятӣ ва ё мақоми амалҳои аҳаммияти оммавидошта дониста намешавад, он бо ташаббуси худ уҳдадории ҳал кардани баҳси мушаххасро бар дӯш гирифта, бо ин иродаи худро, ки мустақилона, бе дахолати беруна ташаккул ёфтааст, ифода менамояд. Муаммо дар он зоҳир меёбад, ки суди ҳакамии алоҳида дар баста шудани созишномаи ҳакамии ҷудогонаи шахсони ба онҳо муроҷиатнамударо дар алоҳидагӣ намебандад. Аз тарафи дигар, таъсис дода шудани суди ҳакамӣ худ нишонаи факте аст, ки суд ҳама гуна баҳси барои ҳаллӣ он муроҷиатшударо дида мебарояд.

Суди ҳакамӣ метавонад ба восита, бо пешниҳод намудани шакли иқтибоси ҳакамӣ, барои басташудани созшномаи ҳакамӣ фаъолият барад. Ҳамин тариқ, «созишномаи ҳакамиро чун созишномаи сетарафа баҳо дода, онро бо иштироки бевоситаи тарафҳои баҳс дар давраи бастани шартнома ишора намуд, вале дар ин ҷо мавқеи суди ҳакамӣ

ноаниқ боқӣ мемонад, зеро он чун шахси ҳуқуқӣ ва ё сохтори таркибии дигар шахси ҳуқуқӣ бо мақсади ҳаллӣ баҳсҳои маданӣ-ҳуқуқӣ таъсис дода шуда буд. Камтар бо дигар тарз масъалаи пешниҳоди баҳс ба баррасии суди ҳакамии як дафъа ташкилшаванда (ad hoc) ҳал карда мешавад» [78, с. 66].

Дар мавриди таъсис дода шудани суди ҳакамӣ барои ҳалли баҳси мушаххас, маҳз созишномаи ҳакамӣ асоси фаъолияти суди ҳакамии як бор таъсисдодашуда баромад мекунад. Дар давраи баста шудани созишномаи ҳакамӣ суди ҳакамӣ таъсис дода нашуда бошад, он ҳамчун тарафи созишномаи ҳакамӣ баромад намекунад. Пас, дар мавриди оид ба шумораи субъектони созишномаи ҳакамӣ сухан рондан, ба намуди суди ҳакамии ин баҳсро барои баррасии худ қабулкарда, бояд таваҷҷуҳ дода шавад. Агар баҳс ҷиҳати баррасӣ ба суди ҳакамии доимоамалкунанда пешниҳод шуда бошад, пас созишномаи ҳакамӣ дорои хосияти дудаврагӣ бо иштироки на кам аз се субъект баста шуда, нишонаҳои ду шартномаро доро мебошад: шартнома байни иштирокчиён ҷиҳати дар суди ҳакамӣ баррасӣ ва ҳал гардидани баҳс ва шартнома байни суди ҳакамӣ ва тарафҳои баҳс дар бораи ба зиммаи суди ҳакамӣ гузаштани баррасӣ ва ҳалли баҳс. Дар мавриди ба суди ҳакамии як бор амалкунанда пешниҳод гардидани баҳс, созишномаи ҳакамии ду тараф, тарафҳое, ки дар баррасии ҳакамӣ иштирок мекунанд, баста мешавад.

Ҳамин тавр, аз нуқтаи назари амалӣ ҳангоми тартиб додани созишномаи ҳакамӣ ду намуди созишномаи ҳакамии аз рӯи мундариҷа, субъектон ва тартиби иҷро тафриқанокро бояд дар назар дошт: созишномаи ҳакамӣ оид ба пешниҳоди баҳс барои баррасии суди ҳакамии доимоамалкунанда ва созишномаи ҳакамӣ барои пешниҳоди баҳс барои суди ҳакамии ad hoc.

Вобаста ба масъалаи бардошташуда масъулияти суди ҳакамӣ оид ба ҳаллӣ баҳси тарафҳои ба вай мурочиатнамуда аҳаммияти хоса пайдо менамояд. Дар ин маврид зарур аст, хусусияти фаъолияти судҳои

доимоамалкунанда ва судҳои як дафъа барои ҳалли баҳси мушахас таъсисдодашударо ба назар гирифтан лозим аст. Агар суди ҳакамӣ ба сифати суди доимоамалкунанда фаъолият барад, пас он иқтибоси ҳакамие, ки оварда мешавад, шартан, мумкин аст, ба сифати офертаи оммавӣ дида баромада шавад. Офертаи оммавӣ аз рӯйи қоидаи умумӣ таклифи дорои тамоми шартҳои барои бастани шартнома пешниҳодшуда дониста мешавад. Шарти асосии назарраси фарққунандаи созишномаи ҳакамӣ шарт оид ба усули алтернативии ҳаллӣ баҳси маданӣ-ҳуқуқии дар баррасии суди ҳакамӣ қарор гирифта ба ҳисоб меравад.

Пас, тарафҳо бо мурочиат ба суди ҳакамӣ метавонанд интизор гарданд, ки баҳси хусусияти маданӣ-ҳуқуқидошта ба таври ҳатмӣ, агар дар иқтибоси ҳакамӣ ишора шуда бошад, ҳал карда шаванд.

Бо назардошти таълимоти маданӣ-ҳуқуқӣ оид ба шартномаҳои оммавӣ шартҳои ҳамтии он чудо карда мешавад:

- ба сифати иштирокчии ҳатмии шартномаи оммавӣ ташкилоти тиҷоратӣ баромад менамояд;

- ташкилоти ишорашуда вобаста ба фурӯши мол, иҷрои кор ва хизматрасонӣ фаъолият мебарад;

- тамоми субъектони фаъолияти тиҷоратиро пешбаранда метавонанд ба сифати субъектони мурочиат ба судӣ ҳакамӣ баромад намоянд.

Гуфтан мумкин аст, ки нишонаҳои оварда баҳри баҳодиҳии фаъолияти судҳои ҳакамӣ мувофиқ намебошанд. Якум, суди ҳакамӣ ҳамчун ташкилоти тиҷоратӣ баромад намекунад, зеро суди ҳакамӣ моҳиятан фаъолияти тиҷоратиро ба амал намебарояд; дуюм, суди ҳакамӣ бо фурӯши мол, иҷрои кор ва ё хизматрасонӣ машғул намебошад. Пас, ба сифати хусусияти асосӣ ва ягонаи суди ҳакамӣ танҳо фаъолият оиди баамалбарории баррасӣ ва ҳалли баҳси байни ашхоси ба ин суд мурочаткарда арзёбӣ мегардад [124, с. 79-80].

Дар баробари созишномаи ҳакамиро ҳамчун шартномаи маданӣ-ҳуқуқӣ баҳо додан, инчунин зарур аст ба таснифи шартнома, ки дар илми ҳуқуқи маданӣ мавҷуд аст, диққат дода шавад.

Пеш аз ҳама, созишномаи ҳакамӣ шартномаи мутақобила дониста мешавад, зеро тарафҳо ҳуқуқ ва уҳдадории мутақобиларо пайдо мекунанд. Масалан, ҳамаи тарафҳои созишномаи ҳакамӣ ҳуқуқ доранд талаб кунанд, то баррасии баҳси маданӣ дар суди ҳакамӣ ба амал бароварда шавад. Баробари ҳуқуқ уҳдадории содир накардани баъзе аз амалҳо низ ба вуҷуд меояд: масалан, ба суди босалоҳияти давлатӣ барои ҳалли баҳсе, ки оид ба он созишномаи ҳакамӣ ба имзо расидааст, ариза пешниҳод намекунанд.

Ба доираи ҳуқуқ ва уҳдадорие, ки суди ҳакамӣ аз созишномаи ҳакамӣ пайдо мекунад, инҳо дохил мешавад: ҳуқуқи пардохти маблағ барои пеш бурдани фаъолияти судҳои ҳакамӣ ҷиҳати ташкили баррасии ҳакамӣ ва ҳалли баҳс дар суд, уҳдадорӣ оид ба баррасии баҳси маданӣ-ҳуқуқие, ки тарафҳои он мурофиат намудаанд. Дар мавриди фарқ кардани ҳуқуқ ва уҳдадории тарафҳои созишномаи ҳакамӣ зарур аст, қайд намоем, ки кадом тараф дар назди кӣ уҳдадории мазкурро доро аст? Уҳдадории мурофиат намудан ба суди ҳакамӣ ҷиҳати баррасӣ ва ҳалли баҳсро қайд намоем, пас он наметавонад ҳамчун ҳуқуқи суди ҳакамӣ ҷиҳати ҳалли баҳси мазкур баҳо дода шуда бошад. «Ин хулоса бо он асоснок карда мешавад, ки суди ҳакамӣ наметавонад иҷрои маҷбурии ҳуқуқи дахлдорро талаб намояд.

Ҳамин тариқ, созишномаи ҳакамӣ бо назардошти ҳайати субъектӣ созишномаи дорои ду матлаба буда, аз як тараф, муносибатҳои шартномавӣ тарафҳои баҳс бо ҳуқуқ ва уҳдадориҳои хосаи худ, аз тарафи дигар бошад, муносибатҳои шартномавӣ байни тарафҳои баҳс ва суди ҳакамӣ бо доираи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои худ баромад мекунанд» [92, с. 130].

Вобаста ба музднокии шартнома муносибатҳои шартномавии байни иштирокчиёни баҳс ва муносибатҳои шартномавии байни суди ҳакамӣ

ва ҷонибҳои ба вай муроҷиатнамударо фарқ бояд кард. Пас, иштирокчиёни баҳс ҳангоми бастани созишномаи ҳакамӣ ягон муомилоти моддиро, новобаста ба доштани ҳуқуқ ва уҳдадории муроҷиат ба ҳимоя дар суди ҳакамӣ, ба анҷом намерасонанд. «Аз ин рӯ, дар ин қисм шартнома бемузд арзёбӣ карда мешавад. Агар ба табиати муносибатҳои байни суди ҳакамӣ ва иштирокчиёни баҳс таваҷҷуҳ намоем, пас, бешубҳа, ин муносибатҳо хусусияти музднокиро доро мебошанд, зеро суди ҳакамӣ барои ташкили баррасии ҳакамӣ ва расонидани ёрии ҳуқуқӣ ҷиҳати ба танзим даровардани муноқишаи ҳуқуқӣ подоши муайянро пайдо менамояд» [60, с. 86].

«Бешубҳа, созишномаи ҳакамиро метавон чун шартнома арзёбӣ намуд. Ин ҳолат ба он вобаста аст, ки ба вуҷуд омадани ҳуқуқ ва уҳдадорӣ аз рӯи созишномаи ҳакамӣ бо сар задани ҳодисае вобаста аст, ки он ба вуҷуд меояд ва ё ба вуҷуд намеояд. Тарафҳо масъулияти мутақобилаи ҳалли баҳси дахлдорро дар суди ҳакамӣ пешбинӣ карда, ба иҷро расонидани он танҳо дар ҳолати рух додани ҳодисаи муайян, аниқтараш ба вуҷуд омадани баҳс амалӣ мешавад. Барои суди ҳакамӣ ба сифати шарти иловагии бавуҷудоварандаи масъулияти ташкил ва гузаронидани баррасии ҳакамӣ, амалҳои муайяни тарафҳо, ишораи иродаи худ дар шакли аризаи даъвогӣ ва ё дигар усули дар қонун пешбинӣшуда, аромад менамояд» [60, с. 86].

Созишномаи ҳакамӣ, ки дорои ҳамаи унсурҳои шартнома аст, инчунин метавонад муҳлатнок бошад. Тарафҳои созишномаи ҳакамӣ муҳлати барои интихоби усули алтернативии баррасӣ ва ҳалли баҳс муайяншавандаро метавонанд дақиқ намоянд.

Агар ба сифати маҳаки таснифоти шартнома лаҳзаи ба вуҷуд омадани шартнома вобаста карда шавад, пас созишномаи ҳакамӣ ба шартномаҳои консенсуалӣ мутааллиқ мебошад. Моҳияти чунин таснифот вобаста ба шартҳои асосии шартнома ба мувофиқа омадан дониста шуда, ҳамоно ки тарафҳо бо хусусияти баҳс ва суди ҳакамии ин

баҳсро баррасикунанда муайян гарданд, созишномаи ҳакамӣ басташуда ҳисобида мешавад.

Бинобар муҳокимаи оварда метавон қайд намуд, ки созишномаи ҳакамӣ ҳамчун шартнома алоқамандсозандаи унсурҳои ду шартномаи мустақил баромад мекунад. Ҳамин тариқ, шартнома аз як тараф, байни тарафҳои иштирокчии баҳс, оид ба баҳси бавуҷудомада дар доираи баррасии суди ҳакамӣ фаҳмида мешавад. Инчунин, аз тарафи дигар, созишномаи ҳакамӣ чун шартномаи байни суди ҳакамӣ ва тарафҳои баҳс басташуда буда, аз рӯйи он суди ҳакамӣ уҳдадории баррасӣ ва ҳаллӣ баҳс бо иштироки ҳамин тарафҳоро пайдо мекунад. Тарафҳо, дар навбати худ,маблағи суди ҳакамӣ ёрии ҳуқуқии суди ҳакамӣ, вобаста ба баррасӣ ва ҳалли баҳс расониашударо пардохт менамоянд.

Дар ин қисмат созишномаи ҳакамиро метавон ба гурӯҳи шартномаҳо оид ба расонидани хизмати муайян алоқамандбуда, мисли шартномаи супориш, шартномаи агентӣ, расонидани хизмати музднок шомил намуд [132, с. 32; 133, с. 160].

«Ҷиҳати муқаррар сохтани моҳияти ҳуқуқии созишномаи ҳакамӣ, зарур шуморида мешавад, ки масъалаи ҳайати субъектӣ, моҳияти ҳуқуқ ва уҳдадории тарафҳои созишномаи ҳакамӣ ба таври васеъ мавриди таҳлил қарор дода шавад. Якум, новобаста аз он ки ҳакамҳои суди ҳакамтро тарафҳои иштирокчии баҳс интихоб кардаанд, он ҷониби мустақил ва бемайлон боқӣ монда, ҳангоми баррасӣ ва ҳаллӣ баҳс аз номи худ баромад мекунад. Шартномаи супориш ва агентиро наметавон ба созишномаи ҳакамӣ монанд кард, зеро дар шартномаҳои номбурда тарафи супоришро иҷрокунанда аз ном ва ҳисоби шахси супориши дахлдорро дода баромад мекунад. Агар ишора намоем, ки шартномаи комиссия бо фаъолияти тиҷоратӣ алоқаманд мебошад ва тарафи он вобаста ба барқарор намудани робитаи савдоӣ хизмати миёнаравиро мерасонад» [108, с. 162]. Пас, созишномаи ҳакамӣ дар ин мавридуҳдадории суди ҳакамиро вобаста ба ташкили баррасӣ ва ҳаллӣ баҳс муқаррар месозад.

Вобаста ба моҳият созишномаи ҳакамӣ ба шартномаи хизматрасонӣ наздиктар мебошад [108, с. 162]. Дар адабиёти юридикӣ алҳол кӯшишҳое ҳастанд, ки созишномаи ҳакамиро ба сифати шартномаи хосаи хизматрасонии музднок баҳо диҳанд [89, с. 114; 97, с. 88]. Аз ин рӯ, ҷанбаҳои мусбӣ ва манфии чунин раванд бояд ҷудо карда шаванд:

Якум, бешубҳа, суди ҳакамӣ ёрии ҳуқуқии муайянро ба ҷонибҳои баҳскунанда дар шакли ташкили баррасии ҳакамӣ оид ба ҳалли баҳс мерасонад. Дар ин ҳолат ҷамъи хусусиятҳои хизматрасонӣ дар фаъолияти суди ҳакамӣ баръало мушоҳида мешаванд:

- хизматрасонии ҳуқуқӣ ҳис карда намешавад, чунки он ягон иҷрои хизматрасонии моддиро ба аммал намебарорад;

- ҷудо нопазир будани хизматрасонӣ аз сарчашмааш бармеояд, чунки ҳангоми бастани созишномаи ҳакамӣ, маҳз суди ҳакамӣ баррасии ҳакамӣ ва ҳалли баҳсро ба миён меорад;

- истеҳсол ва истеъмоли хизматрасонӣ дар як вақт ба амал баровварда мешаванд;

- ғайриимкон будани кафолати расидан ба натиҷаи дилхоҳ, чунки он бо амалӣ гардидани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои иштирокчиёни баҳс вобаста аст (масалан, тарафҳо баъди пешниҳоди аризаи «даъвогӣ». ба суд метавонанд баҳси ҳуқуқиро ба таври осоишта ҳал кунанд ва ё яке аз тарафҳо аз ташкил намудани ҳайати суди ҳакамӣ даст кашад ё баррасии ҳакамӣ метавонад дар натиҷаи даст кашидани даъвогар аз талаботи даъвогии худ қатъ гардад).

Дуюм, дар асоси фаъолияти суди ҳакамӣ ибрози ихтиёронаи ирода гузошта шуда, уҳдадории суд оид ба ҳалли баҳс хосияти шартномавиро пайдо мекунад.

Сеюм, баробарии расмии тарафҳои созишномаи ҳакамӣ ҳамчун далели бавоситаи муносибатҳои шартномавӣ доир ба хизматрасонӣ баромад мекунад. Исботи ин гуфтаҳо вуҷуд надоштани ваколати ҳокимиятии суди ҳакамӣ нисбат ба тарафҳои баҳс ва аз тарафи дигар, дар асоси принсипи набудани мустақилият ва бемайлон будани суди

ҳакамӣ ҷой надоштани имконоти таъсиррасонии иштирокчиёни баҳс ба суди ҳакамӣ баромад менамояд.

Чорум, ташкил намудан ва баргузории баррасии судии ҳакамиро иштирокчиёни баҳс бо воситаи пардохти хироҷи бақайдгирӣ ва ё хироҷи арбитражӣ (ҳакамӣ) таъмин мекунанд. Хироҷи аз тарафи суди ҳакамӣ ҷамъгардида аҳаммиятнок буда, бо ду мазмун истифода мешавад: якум, хароҷот ҷиҳати ташкили баррасӣ барои ҳалли баҳс ҷамъгардида, пардохти хизматрасонии ҳакамҳои суди ҳакамиро мефаҳмонад. Лекин дар бораи моҳияти хироҷи ҳакамӣ сухан гуфта, онро набояд ҳамчун фоидаи аз фаъолияти дахлдори суд бадастомада арзёбӣ кард. Дурустар мешавад, агар он ба сифати пардохт барои амалҳои аҳаммияти ҳуқуқидошта, бо баррасии суди ҳакамӣ вобастабуда, баҳо дода шавад.

Тавре ки муҳаққиқ О.Ю. Скворцов қайд кардааст: «Мақомоти андоз ба масъалаи ҳисоб намудани андоз бо маблағҳои ба даст даровардаи ҳакамҳои суди ҳакамӣ ба таври хоса муносибат менамоянд. Масалан, дар амалияи мақомоти андоз ҳолатҳое ба чашм мерасанд, ки фаъолияти суди ҳакамӣ чун фаъолият оид ба хизматрасонии музднок маънидод шудааст. Инчунин, мақомоти андоз нисбати фаъолияти соҳибкории вобаста ба хизматрасонии муздноки суди ҳакамӣ ва хироҷи ҳакамии бадастоянда, андоз аз арзиши иловашуда пешбинӣ кардааст» [73, с. 279].

«Дар ҳамин ҷо бояд илова кард, ки андоз аз маблағҳои ҳакамии дар натиҷаи баррасии парванда аз тарафи суди ҳакамӣ бадастоварда вобаста ба қоидаҳои ҳисоб кардани ин андоз аз шахсони воқеӣ ба амал бароварда мешавад. Ҳамин тариқ, пардохти ҳакамии тарафҳо ба суди ҳакамӣ ҳамчун тарафи созишномаи ҳакамӣ ва пардохти бевоситаи ҳакамҳои суди ҳакамӣ барои ташкили баррасӣ ва ҳалли баҳс, бояд фарқ карда шаванд» [73, с. 279].

Инчунин, дар раванди таҳлили масъала хусусияти хосаи мақомоти баррасии ҳакамиро бавуҷудоваранд бояд ба назар гирифта шавад. Маҳз ин мақом, ба андешаи мо, имкон намедиҳад, то нисбати муносибатҳои

шартномавии байни суди ҳакамӣ ва иштирокчиёни мурофиа, меъёрҳои танзимкунандаи институти хизматрасонии музднок татбиқ карда шавад. Хусусияти мазкур дар он зоҳир меёбад, ки судҳои ҳакамӣ таъмини амали гардидани муносибатҳои маданиро мақсади асосӣ муқаррар мекунанд: фаъолияти онҳо ба монанди фаъолияти адвокатҳо, ба мақсадҳои тиҷоратӣ мувофиқ набуда,  гирифтани фоидаро пайгирӣ намекунад. Ба сифати нишонаи фаъолияти соҳибкорӣ таваккалии соҳибкорӣ қайд кардан мумкин аст. Нишонаи номбурдаи фаъолияти соҳибкориро нисбати суди ҳакамӣ мувофиқ ҳисобида намешавад. Масъалаи фарқияти қобилияти ҳуқуқдории умумӣ ва махсусро мавриди ишора қарор дода бояд гуфт, ки суди ҳакамӣ дорои ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ба амалӣ намудани мақсадҳои фаъолияташ хосбуда мебошад, масалан, баррасии баҳс, ҳалли низоъҳо ва ҳимояи ҳуқуқҳои вайроншудаи шаҳрвандон, шахсони ҳуқуқӣ, яъне суди ҳакамӣ, бешубҳа, дорои қобилияти ҳуқуқдории махсус мебошанд. Барои суди ҳакамӣ чунин хусусият, ба монанди мунтазамӣ, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ мансуб аст, хос нест [59, с. 22-23]. Ин ҳолат бо он асоснок карда мешавад, ки суди ҳакамӣ барои ҳалли як баҳси алоҳида ташкил шуда метавонад. Аз гуфтаҳои боло хулоса намудан мумкин аст, ки суди ҳакамиро чун ташкилоти тиҷоратии бо фаъолияти соҳибкорӣ машғул буда, баҳо додан мумкин нест [59, с. 22-23].

Дар айни ҳол бештари олимон тарафдори бар он ҳастанд, ки тибқи муҳтавои он ба муносибати байни суди ҳакамӣ ва шахсони баҳскунанда чун муносибати аз шартномаи хизматрасонии музднок бароянда баҳо додан ғайриимкон ҳисобида мешавад. Ҳамин тавр, Б. Сеглин муайян намудааст, ки: «Баррасии ҳакамиро бо воситаи шартномаи хизматрасонии музднок арзёбӣ намудан мумкин нест, зеро хизматрасонии музднок фаъолияти соҳибкорӣ, дорои хусусиятҳои мустақилият, бо такя ба таваккалии худ пеш бурдани фаъолият, гирифтани фоида аз истифодаи амвол, фурӯши мол, иҷрои кор,

расонидани хизмат ва бо тартиби муқаррарнамудаи қонун аз қайди давлатӣ гузаштан мебошад» [115, с. 116].

Бар муқобили ақидаи овардашуда он фактро қайд намудан лозим аст, ки шартномаи хизматрасонии музднок, на танҳо нисбати фаъолияти соҳибкорӣ равона карда мешавад ва чун ташкилоти тиҷоратӣ ғайриимкон будани баҳо додан ба суди ҳакамӣ, наметавонад ба таври фаврӣ нисбати созишномаи ҳакамӣ аз рӯи қиёс татбиқ нагардидани меъёрҳои маданӣ-ҳуқуқии танзимкунандаи шартномаи хизматрасонии музднок гардад. Агар доир ба алоқамандии ҳайати суди ҳакамии мушаххас бо шахсони баҳскунанда сухан ронем, пас бояд оид ба намуди суди ҳакамӣ таваҷҷуҳ намоем. Агар ин суди ҳакамии як маротиба таъсисдодашаванда бошад, пас мавқеи мазкур вуҷуд дошта метавонад, зеро иштирокчиёни баҳс пардохти баррасии ҳакамиро мустақиман ба ҳакамон анҷом медиҳанд. Агар ин судҳои ҳакамии доимоамалкунанда бошад, пас ягон асос барои вобастагии ҳакамҳои суди ҳакамӣ бо тарафҳои баҳскунанда, дар самти пардохти фаъолияти онҳо, ҷой надорад. Ин бо он маънидод карда мешавад, ки тарафҳои баҳс пардохти баррасии ҳакамиро бевосита ба суди ҳакамии доимоамалкунанда, агар он ба сифати шахси ҳуқуқӣ ва ё дар доираи ташкилоти дар назди он созмонгардида ба қайд гирифта шуда бошад, ба амал мебарорад, на ба ҳакамҳои алоҳидаи баҳсро ҳалкунанда. Ҳатто агар, дар марҳилаи аввал, тарафҳо маблағи хироҷи ҳакамиро пардохт нанамоянд, ин ба пардохти фаъолияти ҳаками алоҳида ягон хел таъсир намерасонад.

Татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи шартномавӣ барои муайян намудани табиати созишномаи ҳакамӣ, инчунин бо вуҷуд доштани қоидаҳои махсус, ба монанди тартиби иҷрои созишномаи ҳакамӣ, имконияти бекор кардани он, масъалаи ҷавобгарии ҳакамҳои судҳои ҳакамӣ, мураккаб карда мешавад. Ин боз як ҷанбаи функсияи бар дӯши ҳаками суди ҳакамӣ гузошташуда дониста мешавад ва, аҳаммияти дуҷонибагии он, аз як тараф, чун фаъолият оид ба уҳдадории бар зиммаи худ гирифта, ки бо ташкили баррасии ҳакамӣ вобаста аст, аз тарафи дигар, фаъолият

оид ба ҳимояи ҳуқуқи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии ба суди ҳакамӣ муроҷиатнамуда, ба ҳисоб меравад. Бешубҳа, қоидаҳои умумӣ доир ба бекор намудани созишномаи ҳакамӣ, оид ба ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқии суди ҳакамӣ, вобаста ба хусусияти фаъолияти охирон татбиқ гардад ҳам, ин ҳолат асоси бечунучарои ғайриимкон баҳо додани бекор кардани созишномаи ҳакамӣ ҳамчун шартномаи маданӣ-ҳуқуқӣ, хусусан, дар худ унсурҳои шартномаи хизматрасонии музднокро дошта, фаҳмида намешавад.

Ҳамин тариқ, созишномаи ҳакамӣ муносибати ҳуқуқии шахси воқеӣ ва ҳуқуқиро дар мавриди муроҷиат ба суди ҳакамӣ ва муносибати ҳуқуқии суди ҳакамӣ бо ин шахсонро ифода менамояд, яъне дар худ ду шартномаро фароҳам меоварад. Ҳар ду муносибатҳо аз рӯи табиати худ чун муносибати маданӣ-ҳуқуқӣ баромад мекунанд, зеро онҳо дар асоси ба мувофиқа овардани иродаи тарафҳои созишномаи ҳакамӣ ба вуҷуд меоянд.

Беэътибории созишномаи ҳакамӣ. Мисли ҳама гуна аҳдҳо, созишномаи ҳакамӣ мумкин аст, беэътибор دониста шавад. Асосҳои ҳуқуқӣ барои эътирофи беэътибории созишномаи ҳакамӣ дар ҳар низоми ҳуқуқӣ хусусиятҳои худро доро мебошанд. Ҳангоми бастани созишномаи ҳакамӣ яке аз тарафҳо мумкин аст, оид ба талаботи нисбати созишномаи ҳакамӣ дар низоми ҳуқуқии кишвари хориҷӣ пешниҳодшаванда хабар надошта бошад. Бо назардошти ин, маслиҳати амалӣ ҳангоми тартиб додани созишномаи ҳакамӣ ин омӯзиши пешакии қонунгузории кишвари хориҷӣ доир ба масъалаҳо вобаста ба талабот, ки нисбати шакли созишномаи ҳакамӣ, оид ба қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии тарафҳо ҳангоми бастани созишномаи ҳакамӣ ва дигар масъалаҳо пешниҳод мегарданд, баромад менамояд.

Дар ҶТ шартҳои боэътибории созишномаи ҳакамӣ тибқи қонунгузории мадании ҶТ муайян мешавад. Чунин ақида аз тарафи як зумра олимони соҳа баён гардидааст. Масалан, олими ватанӣ М.З. Раҳимзода оид ба созишномаи ҳакамӣ сухан ронда, ишора намудааст, ки

«ҳангоми баҳс оид ба созишномаи ҳакамӣ меъёри дахлдори КМ ҶТ татбиқ мешавад: риоя нагардидани шакли хаттии созишнома, он аз ҷониби шахси ваколатнадошта ба имзо расонида шудааст, зери таъсири фиреб, гумроҳӣ, зӯроварӣ, аз ҷониби тарафи ғайри қобили амал ва ғайра баста шудааст» [128, с. 22] .

З. Ализода табиати созишномаи ҳакамиро таҳқиқ намуда, қайд кардааст, ки барои ҳалли масъалаи беэътибории созишнома, вобаста ба суди ҳакамӣ, бояд муайян намуд, ки он ба талабот оид ба аҳдҳои дар қонунгузории маданӣ пешбинишуда мувофиқат мекунад (§2 Боби 10), ба монанди: беэътибории аҳди аз ҷониби шахси воқеии ғайри қобили амал эътирофгардида анҷомдодашуда (м. 186 КМ ҶТ); беэътибории аҳди анҷомдодаи шахси воқеие, ки қобилияти дарки аҳаммияти амали худ ё идора кардани онро надошт (м. 195 КМ ҶТ); беэътибории аҳде, ки бо фиреб, зӯроварӣ, таҳдид, созиши бадқасдонаи намояндаи як тараф бо тарафи дигар ё шароити вазнин анҷом дода шудааст (м. 196 КМ ҶТ) [77, с. 158].

Е.А. Суханов дар ин бора чунин қайд кардааст: «Чун шартномаи маданӣ-ҳуқуқӣ созишномаи ҳакамӣ тибқи асосҳои дар қонунгузории маданӣ пешбинигардида, беэътибор дониста шуда метавонад» [116, с. 16-17]. Дар баробари ин, беэътибории созишномаи ҳакамӣ мумкин аст, бо қарори алоҳида дар асоси даъво оид ба беэътибор эътироф намудани он, инчунин дар доираи истеҳсолот оид ба баррасии шикоят нисбати ҳалномаи суди ҳакамӣ дида баромада шавад.

Созишномаи ҳакамӣ ягонагии чор унсурро дар назар дорад: субъект – шахси иштирокчии созишномаи ҳакамӣ, ягонагии ирода ва изҳори ирода, шакл ва мундариҷа. Нуқсони ҳар яки аз ин унсурҳо беэътибор будани созишномаи ҳакамиро шаҳодат медиҳад. Беэътибории созишномаи ҳакамӣ чун аҳди маданӣ-ҳуқуқӣ маънои онро дорад, ки аз ақиби ин амал фактҳои ҳуқуқӣ аҳаммияти хешро гум карда, вобаста ба ин аҳдҳои беэътибор оқибати дигари ҳуқуқие, ки тарафҳо ҳангоми бастани ин аҳд дар назар доштанд, пайдо карда наметавонад [117, с. 74].

Бо баробари ин, аҳдҳои беэътибор диниста шудани созишномаи ҳакамӣ ба оқибатҳои муайяни ҳуқуқие меоварад, ки бо бартараф намудани оқибати беэътибории он алоқаманд мебошанд.

Дар илми муосир муносибати ягона оид ба асосҳои беэътибор эътироф намудани созишномаи ҳакамӣ вуҷуд надорад. Хусусан, М.В. Попов дар раванди таҳқиқи иқтибосҳои арбитражии нуқсондор дар қарордодҳои робитаҳои байналмилалӣ, ба сифати сабаб асосҳои зеринро номбар намудааст:

- номуайянӣ, агар иқтибоси арбитражӣ имкон намедиҳад номгузории арбитражи тиҷоратиро муайян намояд;

- нопуррагӣ, агар муайян намудани тартиби таъини ҳакамҳо ва ё расмиёти муҳокимаи парвандаи арбитражӣ ба пурраагӣ амалӣ нагардида бошад;

- гум кардани қувва, агар тарафҳо қолабҳои сахти вақтро барои амалҳои муайян карда бошанду ин вақт то ин дам гузашта бошад [111, с. 92].

Т.В. Латута асосҳои беэътибории созишномаи ҳакамиро чунин донистааст:

- бо нуқсони ирода (зери таъсири фиреб, гумроҳӣ, таҳдид ва дигар) баста шудааст;

- аз тарафи шахси қобилияти ҳуқуқӣ ва амалкунии нокифоядошта баста шуда бошад;

- бе риояи шакли муқаррарнамудаи қонун содир шуда бошад;

- шартҳои назарраси барои созишномаи арбитражӣ, аз ҷумла хоҳиши баръало маълуми пешниҳоди баҳс барои муҳокимаи арбитражиро доро намебошад;

- ба меъёри императивии қонунгузории татбиқшаванда оид ба арбитраж мухолифат менамояд;

- оид ба масъалаҳои матлаби муҳокимаи ҳакаминабуда, баста шудааст [105, с. 76].

Бо мақсади гузаронидани тақсимбандӣ, баъзе муаллифон кӯшиш намуда истодаанд, то ки асосҳои беэътибории аҳдҳоро, ки қонунгузории мадании пешбинӣ намудааст (масалан, нуқсони ирода, мавҷуд набудани қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии тарафҳо), инчунин асосҳое ки бо табиати хосаи созишномаи ҳакамӣ пешбинӣ гардидаанд, дорои таъсири мурофиавӣ бошанд.

Дар ҳамин ҷо зарур аст, фарқ байни ҳолате, ки созишномаи ҳакамӣ беэътибор дониста шуда, қувваи худро гум намуда, истифода бурда намешавад ва ҳолате, ки он истифода бурда шуда наметавонад, зеро ин ду ҳолат ҳаммаъно набуда, оқибатҳои гуногуни юридикиро пайдо мекунанд, дида бароем. Ҳамин тариқ, ба сифати асосҳои беэътибор эътироф намудани созишномаи ҳакамие, ки дар қонунгузории маданӣ коркард гардидааст, чунин номгӯйро дохил кардан мувофиқ аст:

- қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии дахлдори тарафҳо;

- мувофиқати иродаи ботинии тарафи созишномаи ҳакамӣ бо изҳори берунаи он;

- шакли муайяни созишномаи ҳакамӣ;

- мувофиқати мундариҷаи созишномаи ҳакамӣ ба талаботи қонунгузорӣ.

Масъалаи қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии тарафҳо, яъне қобилияти соҳибҳуқуқии тараф тибқи нишондоди қонунгузории маданӣ танзим карда мешавад. Барои он ки созишномаи ҳакамӣ боэътибор эътироф гардад, тарафҳои онро баимзорасонида бояд дорои қобилияти соҳибҳуқуқии дахлдор бошанд. Дар ҶТ ҳуқуқи бастани созишномаи ҳакамӣ, инчунин ҳуқуқи пешниҳоди баҳс ба муҳокимаи судии ҳакамиро ҳам шахсони ҷисмонӣ ва ҳам шахсони ҳуқуқӣ доро мебошанд. Қобилияти соҳибҳуқуқии шахсони воқеӣ аз лаҳзаи таваллуд пайдо гардида, кобилияти пурраи амалкунӣ аз синни 18 - солагӣ мерасад. Шахсони ҳуқуқӣ бошанд, қобилияти соҳибҳуқуқиро аз лаҳзаи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ пайдо мекунанд.

Агар дар муҳокимаи ҳакамӣ шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони юридикии хориҷӣ иштирок намоянд, мушкилӣ сар мезанад Қобилияти соҳибҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ аз рӯи қонуни шахсии онҳо, аксар вақт бо қонуни шаҳрвандӣ, лекин истифодаи қонуни маҳалли истиқомат, истисно намегардад, муайян карда мешавад. Қобилияти соҳибҳуқуқии шахси юридикии хориҷӣ аз рӯи қонуни таъсисёбии шахси ҳуқуқӣ, бо қонуни маҳалли пешбурди фаъолияти асосӣ муайян карда мешавад. Барои он ки созишномаи ҳакамӣ ба талаботи пешниҳодшаванда ҷавобгӯ бошад, тарафҳои онро баимзорасонанда оид ба масъалаи бастани созишномаи мазкур бояд қобилияти пурраи соҳибҳуқуқиро, тибқи ҳуқуқи танзимкунандаи қонуни шахсӣ, дошта бошанд. Масалан, аз рисолаи илмии С.А. Владимирова мисолҳо овардан мумкин аст [123, с. 120]. Аз рӯи парвандаи №187/2001 Арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ дар назди Палатаи савдо ва саноати ФР масъалаи қобилияти амалкунии даъвогарро дида баромадааст. Мушкилӣ дар он буд, ки даъвогар – ҷамъияти масъулияташ маҳдуд, ки макони воқеъгардидааш Италия мебошад, дар ҳолати бартарафшавӣ қарор дошт. Аз ин рӯ, масъалаи ваколати ҷамъияти қайдшуда барои иштирок дар арбитраж ба вуҷуд омада буд. Бинобар он ки ин масъала бояд дар суди Италия аз рӯйи қонуни шахсии ҷамъият ҳал гардад, даъвогар хулосаи адвокатро аз 21 марти соли 2003 бо тавзеҳоти қонунгузории Италия оид ба ин масъала пешниҳод намуд. Аз хулосаи мазкур бармеояд, ки бинобар Кодекси мадании Италия, ҷамъияти дар марҳилаи бартарафгардӣ қарордошта метавонад чун даъвогар ва ҷавобгар дар суд ва арбитраж бо воситаи намояндагони худ – комиссияи бартарафсозӣ ширкат варзад. Дар чунин шароит даъвогар чун тарафи муносиб аз рӯи парванда баромад мекунад, ки бо ин мавқеъ ҷавобгар низ розӣ гардид.

Талаботи навбатии доштани эътибори созишномаи ҳакамӣ ихтиёрии изҳори ирода ба ҳисоб меравад. Изҳори ирода бояд, дар ҳақиқат, иродаи ботинӣ ва хоҳиши шахс барои дида баромадани баҳс

маҳз дар доираи муҳокимаи ҳакамиро таҷассум намояд. Ду роҳи ташаккул ва изҳори бевиҷдононаи ирода имконпазир мебошад: вақте ки дар шахс иродаи ботинӣ барои пешниҳоди баҳс ба суди ҳакамӣ вуҷуд надорад ва вақте ки ин гуна иродаи ботинӣ нодуруст ташаккул ёфтааст. Дар ҳолати якум, изҳори ирода зери таъсири таҷовуз, таҳдид ва ё созишномаи бадқасдона як тараф нисбати тарафи дигар ташаккул меёбад. Дар ҳолати дигар, изҳори ирода зери таъсири фиреб, гумроҳӣ ва ё ҷамъи ҳолатҳои вазнин ташаккул меёбад. Ба ҳар ҳол, новобаста аз он ки чӣ тавр изҳори ирода ташаккул ёфтааст, он бояд иродаи иштирокчии аҳдро ифода намуда, танҳо дар мавриди мувофиқ намудани иродаи аслӣ ва изҳори беруна маҳаки бовиҷдонӣ риоя хоҳад шуд. Ҳамин тавр, дар асоси созишномаи ҳакамӣ иродаи ба мувофиқа расидаи тарафҳо бе ягон нуқсон гузошта мешавад.

Нуқсони ирода ҳангоми бастани созишномаи ҳакамӣ ҳамчун шартномаи маданӣ-ҳуқуқӣ, ки фарорасии оқибатҳои ҳуқуқиро инкор менамояд, метавонад дар аҳдҳо бо роҳҳои гуногун мушоҳида гардад. Ҳуқуқ танҳо иродаи баёншударо баҳо дода метавонад. Бинобар ин, талабот нисбат ба ирода ва изҳори он ба баҳодиҳии юридикии ирода вобаста карда мешавад. Иродаи ботинии субъект на бояд дар асоси ҳолатҳои нуқсондор ташаккул ёбад. Изҳори ирода бояд ба иродаи ботинӣ мувофиқат намояд. Вайрон намудани ин талабот дар Кодекси маданӣ чун беэътибории аҳди рӯякӣ ва қалбакӣ (м.185), беэътибории аҳде, ки дар натиҷаи гумроҳӣ анҷом дода шудааст (м.195), беэътибории аҳде, ки бо фиреб, зӯроварӣ, таҳдид, созиши бадқасдонаи намояндаи як тараф бо тарафи дигар ё шароити вазнин анҷом дода шудааст (м.196) ва ғайра.

Дар баробари хусусияти иродаи тараф, тарзи ташаккули он, инчунин шакли таҷассумшавии иродаи дахлдори тарафҳо ҷиҳати муҳокимаи баҳс дар суди ҳакамӣ низ аҳаммиятнок мебошанд. Сухан дар бораи зарурати бастани созишномаи ҳакамӣ дар шакли хаттӣ меравад. Талабот оид ба шакли хаттии созишномаи ҳакамӣ дар Муоҳидаи Ню-

Йорк аз соли 1958 «Оид ба эътироф ва иҷрои қарорҳои арбитражҳои хориҷӣ» ва Муоҳидаи Аврупоӣ аз соли 1961 «Оид ба арбитражи тиҷоратии беруна» пешбинӣ шудааст. Талаботи дахлдор дар сатҳи миллӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ» низ пешбинӣ гардидааст. Тибқи муқаррароти моддаи 11 Қонуни зикршуда, «созишномаи арбитражӣ дар шакли хаттӣ баста мешавад. Созишнома ҳамон вақт басташуда ҳисоб мешавад, ки агар шартҳои он дар ҳуҷҷати байни тарафҳо имзошуда ё тариқи мубодила бо мактубҳо, хабардор намудан тавассути телетайп, телеграф ё бо истифодаи дигар воситаҳои алоқаи электронӣ, ки бақайдгирии чунин созишномаро таъмин менамояд ва ё тавассути мубодилаи аризаи даъвогӣ ва бозхонди даъво, ки дар он яке аз тарафҳо мавҷудияти созишномаро тасдиқ намуда, тарафи дигар онро рад накардааст, пешбинӣ шуда бошад. Истинод дар шартнома ба ҳуҷҷате, ки тавзеҳоти арбитражиро дорад, ба шарте созишномаи арбитражӣ ба ҳисоб меравад, ки шартнома дар шакли хаттӣ баста шуда бошад ва истиноди мазкур тавзеҳоти номбаршударо қисми таркибии он гардонад» [127, с. 66].

Вобаста ба он, ки суди ҳакамӣ низ бо баамалбарории адолати судӣ машғул аст, тартиби мурофиавии пешниҳоди аризаи даъвогӣ, изҳори назар ба аризаи даъвогӣ ва инчунин дар ҳолати зарурӣ пешниҳоди даъво муқобили даъворо қонун танзим намудааст. Аз ин рӯ, дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суди ҳакамӣ» талабот оид ба тартиб додани аризаи даъвогӣ ба монанди талаботи дар қонунгузории мурофиавӣ мавҷуд буда, муайян шудааст. Дар аризаи даъвогӣ талабот оид ба ном, насаб, ва номи падари даъвогар, ҷавобгар ва номгӯи ҳуҷҷатҳои замимашаванда ба аризаи даъвогӣ пешбинӣ шудааст.

Баробари ин тарафи чавобгар низ дорои ҳуқук ва ухдадориҳои мурофиавӣ буда метавонад нисбати аризаи даьвогии пешниҳодшуда изҳори назари худро баён кунад. Дар изҳори назар мавқеи ҷавобгар

қабул ва эътирози даъво ё ин ки қисман ва ё умуман эътирофнакардани талаботи даъво баён мегардад.

Ин тартиб имкон медиҳад, ки суди хакамӣ нисбати мавзуи баҳс мавқеи тарафҳо нисбати мавзуи баҳ0с изҳори назари тарафи ҷавобгар ва дар ҳолати лозима пешниҳоди даъво муқобили даъво маълумот пайдо карда барои қабули ҳалнома асоснок пурра ва қонунӣ кушиш намояд.

Шарти навбатии боэътибор будани созишномаи ҳакамӣ ба мундариҷаи он дахл дорад. Мундариҷаи созишномаи ҳакамӣ набояд ба талаботи қонунгузорӣ мухолифат намояд. Аҳд, вобаста ба мундариҷа, мумкин аст, вобаста ба меъёрҳои диспозитивии пешбининамудаи қонунгузорӣ ва ё умуман дар қонунгузорӣ пешбининашуда, ба таври умум, ба ибтидои умумии қонунгузории маданӣ мутобиқат намуданаш лозим аст. Лекин вобаста ба табиати хоси созишномаи ҳакамӣ, дар мавриди ҳалли масъала оид ба мундариҷаи созишномаи ҳакамӣ, инчунин меъёри қонунгузорӣ дар бораи муҳокимаи ҳакамӣ зарур аст, ки ба назар гирифта шавад.

Зери истилоҳи мундариҷаи аҳд маҷмуи шартҳои онро ташкилдиҳанда фаҳмида мешавад. Шарти ягона ва муҳимми созишномаи ҳакамӣ созишнамоии тарафҳо оид ба пешниҳоди баҳси мушаххас ба муҳокимаи суди ҳакамӣ баромад менамояд. Аз ин рӯ, мундариҷаи созишномаи ҳакамиро ҷиҳати мувофиқаташ ба қонун санҷиш намуда, пеш аз ҳама, зарур аст, имконпазирии пешниҳоди баҳс ба муҳокимаи суди ҳакамӣ муайян карда шавад. Дар ин маврид се шартро бояд дар назар дошт:

1) баҳс бояд аз муносибати маданӣ – ҳуқуқӣ барояд;

2) баҳс набояд ба доираи салоҳияти истисноии судҳои давлатӣ мансуб дониста шавад;

3) баҳс ба хусусияти фаъолияти суди ҳакамии муайян мувофиқат намояд.

Категорияи муносибатҳои ҳуқуқие, ки метавонанд чун матлаби баррасии суди ҳакамӣ баромад намоянд, зери муносибатҳои маданӣ-

ҳуқуқӣ муносибатҳое фаҳмида мешаванд, ки бо бавуҷудоӣ ва баамалбарории ҳуқуқи моликият ва дигар ҳуқуқҳои амволӣ, ҳуқуқ ба натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ (моликияти зеҳнӣ), муносибатҳои шартномавӣ ва дигар муносибатҳои ҳуқуқӣ – уҳдадорӣ, инчунин дигар муносибатҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкӣ, ки ба баробарӣ, мухторияти ирода ва мустақилияти молумулкии тарафҳо асос меёбад. Дар ин ҷо низ муносибати байни шахсоне, ки фаъолияти соҳибкориро пеш мебаранд, фаҳмида мешавад. Дар мавриде, ки баҳс дар чаҳорчӯбаи муносибати ҳуқуқии ба баробарии юридикии тарафҳо, озодии ирода ва мустақилияти молумулкии тарафҳо асосёфта набошад, пас вай наметавонад матлаби муҳокимаи суди ҳакамӣ бошад [102, с. 75-76].

Ҳамин тавр, беэътибории созишномаи ҳакамӣ риоя накардани талабот нисбати субъекти созишномаи ҳакамӣ, хусусияти изҳори иродаи онҳо, инчунин шакл ва мундариҷаи созишномаи ҳакамиро дар назар дорад. Мавҷуд будани ҳама гуна дигар монеаҳои иловагӣ барои иҷрои созишномаи ҳакамӣ набояд ҳамчун беэътибории он маънидод карда шавад.

### 3.2 Санадҳои суди ҳакамӣ ва хусусиятҳои маданӣ-ҳуқуқии он

Суди ҳакамӣ ҳамчун мақоми баррасикунандаи парвандаи маданӣ ду намуди санади аҳаммияти маданӣ-ҳуқуқидоштаро қабул мекунад:

1) ҳамчун ташкилот суди ҳакамӣ санадҳои локалӣ қабул мекунад;

2) ҳамчун мақоми баамалбарорандаи адолати судӣ санадҳои судиро қабул мекунад [124, с. 79-81].

Санадҳои ишорагардида ҳамчун воситаи ҳуқуқӣ аз тарафи суди ҳакамӣ барои ҳимояи ҳуқуқҳои субъективии шаҳрвандон ва ашхоси ҳуқуқӣ равона карда мешавад. Мазмун, мақсад, инчунин тартиби қабули санадҳои ишорашуда мисли воситаҳои маданӣ-ҳуқуқие баҳо дода мешаванд, ки барои таъмини ҳимояи ҳакамии ҳуқуқҳои субъективии маданӣ нигаронида шудаанд. Илова бар ин, қарорҳои суди ҳакамӣ

чабҳаи мурофиавӣ-ҳуқуқӣ дошта бошанд ҳам, ба андешаи мо, моҳияти маданӣ-ҳуқуқии вайро тағйир намедиҳанд. Ҳар ду ҳолати зикршуда вобаста ба масъалаи ҳуқуқи татбиқшаванда танзими якхеларо дар назар доранд.

Бинобар нишондоди моддаи 5 Қонуни ҶТ «Дар бораи судҳои ҳакамӣ» суди ҳакамӣ ҷиҳати баррасӣ ва ҳалли баҳс санадҳои зеринро ба роҳбарӣ мегирад:

1) Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

2) қонунҳои конститутсионӣ;

3) қонунҳои ҷорӣ;

4) фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақомоти ҳокимияти давлатӣ;

5) санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақомоти худидоракунии маҳаллӣ;

6) шартномаҳои байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро расман эътироф намудааст;

7) санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки дар ҳудудуи Ҷумҳурии Тоҷикистон амал менамоянд.

Қарорҳои суди ҳакамӣ бо назардошти шартҳои созишномаи ҳакамӣ ва қоидаҳои муомилоти корие, ки дар ин соҳа мавҷуданд аст, қабул мешаванд. Дар мавриди муносибатҳои тарафҳоро бевосита меъёрҳои ҳуқуқӣ ё созишномаи ҳакамии тарафҳо танзим накардан, ин муносибатҳо дар асоси қоидаҳои муомилоти кории ташаккул ёфта ва нисбати муносибатҳои монанд равона мешавад, танзим карда мешавад. Агар дар муносибати байни тарафҳо баҳс мавҷуд набошад, муносибатҳои вобаста ба асосҳои умумӣ ва моҳияти қонунҳои соҳавӣ баррасӣ ва ҳал мегардад.

Илова бар ин, танзими ҳуқуқии муносибатҳои шартномавии дар асоси созишномаи ҳакамӣ пайдошуда, хусусияти хосро доро мебошад. Ин ҳолат вобаста ба мавҷуд будани маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқӣ ба созишномаи ҳакамӣ бахшида шуда, мушоҳида мешавад. Меъёрҳои

ишорашуда дар се сатҳ қарор доранд: якум – нишондоди умумии КМ Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба шартномаҳо; дуюм – нишондоди меъёри ҳуқуқии дар қонун дар бораи судҳои ҳакамӣ ва сеюм - санадҳои меъёрии ҳуқуқии аз тарафи ашхоси ҳуқуқӣ доир ба судҳои ҳакамии доимоамалкунанда қабулгардида.

Аҳаммияти маданӣ-ҳуқуқии санадҳои локалии суди ҳакамиро чун ташкилот муфассал дида мебароем. Дар фаъолияти судҳои ҳакамии доимоамалкунанда ду намуди санадҳои локалӣ - ин қоидаҳои суди ҳакамии доимоамалкунанда ва қоидаҳои муҳокимаи ҳакамӣ истифода бурда мешаванд [79, с. 132].

Тибқи нишондоди моддаи 2 Қонуни ҶТ «Дар бораи судҳои ҳакамӣ» «қоидаҳои фаъолияти суди ҳакамии доимоамалкунанда дар ойинномаҳо, низомномаҳо ва дастурҳо оид ба қоидаҳои муҳокимаи ҳакамӣ пешбинӣ гардида, аз тарафи шахси ҳуқуқии суди ҳакамии доимоамалкунандаро таъсисдода, тасдиқ карда мешавад. Ин қоидаҳоро меъёрҳои танзими тартиби баррасӣ ва ҳалли баҳс дар суди ҳакамӣ ташкил дода,онҳо инчунин, муроҷиат ба суди ҳакамӣ, интихоби (таъини) ҳакамҳо ва тартиби муҳокимаи ҳакамиро дар бар мегиранд» [23].

Дар зери истилоҳи «қоидаҳои суди ҳакамии доимоамалкунанда» маҷмуи ҳуҷҷатҳои дар асоси созишномаи аз ҷониби тарафҳо басташуда (ойиннома, низомнома, регламент) фаҳмида мешавад.

Зарур аст, то нишондоди моддаи 3 Қонуни ҶТ «Дар бораи суди ҳакамӣ» вобаста ба тартиби таъсис ва фаъолияти суди ҳакамӣ дида баромада шавад. Пас, суди ҳакамии доимоамалкунанда он вақт таъсисёфта эътироф мешавад, агар:

- қарор оид ба таъсис дода шудани суди ҳакамии доимоамалкунанда қабул гардида бошад;

- низомнома оид ба суди ҳакамии доимоамалкунанда тасдиқ карда шавад;

- рӯйхати ҳакамҳои суди ҳакамӣ вобаста ба сифат ва хосиятҳои касбиву шахсӣ таҳия ва, тасдиқ шуда бошад.

Ин ҳуҷҷатҳо барои муайян намудани вазъи ҳуқуқии суди ҳакамӣ истифода мешаванд. Лекин мумкин аст, санадҳои иловагӣ низ мавҷуд бошанд. Масалан, мутобиқи моддаи 14 Қонуни ҶТ «Дар бораи суди ҳакамӣ» ҳангоми муҳокимаи судӣ-ҳакамии парванда эҳтимол аст, чунин хароҷот пешбинӣ гардад: хароҷот барои баррасӣ ва ҳалли баҳс дар суди ҳакамӣ, хароҷоти иловагӣ ва баъзе хароҷоти махсус. Оид ба хароҷоти ишорашуда маълумоти лозима дар низомномаи суди ҳакамии доимоамалкунанда дарҷ гардида метавонад, ё ин ки ин қоида ҳамчун санади мустақили локалии суди ҳакамӣ баромад мекунад. Масалан, қоидаҳо оид ба ҳароҷоти ҳакамӣ, яъне он хароҷоте, ки дар низомномаи суди ҳакамии доимоамалкунанда барои ташкил ва баргузории ҳакамият пешбинӣ шуда бошанд.

Хароҷот барои баррасӣ ва ҳалли баҳс дар суди ҳакамӣ дар байни дигар хароҷот аҳаммияти хосаро дошта, моҳияти маданӣ-ҳуқуқиро соҳиб аст [143].

Хироҷи ҳакамӣ ҳамчун хироҷи яквақта вобаста ба қабули парванда ба баррасии суди ҳакамӣ баҳо додашуда, ҷиҳати рӯйпӯш кардани хароҷоти бо фаъолияти суди ҳакамӣ алоқамандидошта арзёбӣ мешавад. Хироҷи ҳакамӣ мукофотпулӣ (гонорар)-и ҳакамҳои суди ҳакамӣ ва инчунин ҳаққи хизмати кормандони ҳайати техникӣ, хароҷоти вобаста ба ташкили баррасии суди ҳакамӣ ва ғайраро дар назар дорад. Ҳангоми баррасии парванда дар суди ҳакамии доимоамалкунанда хироҷи ҳакамӣ ба суратҳисоб ва ё хазинаи нақдинаи суд гузаронида мешавад. Дар вақти истеҳсолот дар суди ad hoc хироҷи ҳакамӣ ба ҳаками раисикунанда пешниҳод шуда, охирон дар навбати худ маблағро тақсим менамояд [124, с. 144].

Аз рӯи моҳият ҳироҷи ҳакамӣ ҳамчун боҷи давлатие, ки барои пешниҳоди аризаи даъвогӣ ба суди салоҳияти умумӣ ва ё суди иқтисодӣ истифода мешавад, баҳо дода мешавад. Вобаста ба аҳаммиятнокии пардохти ишорашуда, онро инчунин аҳаммияти ҳуқуқидошта низ арз намудан дуруст аст. Лекин дар ин ҷо бояд ба як нуқта эътибор дод.

Нисбат ба судҳои салоҳияташон умумӣ ва ё судҳои иқтисодӣ, судҳои ҳакамӣ бо воситаи буҷаи давлатӣ маблағгузорӣ намегарданд. Дар ин маврид хироҷи ҳакамиро ба маънои маблағи аз ҷониби тарафҳо пардохтшудаи ҳаққи хизмати ҳакамҳои суди ҳакамӣ арзёбӣ намудан мумкин аст. Хироҷи ҳакамӣ хосияти ҳуқуқӣ-хусусиро соҳиб буда, боҷи давлатӣ бошад – чун пардохти пурра ҳуқуқӣ-оммавӣ баромад мекунад.

Муҳаққиқ П.В. Каменева оид ба ин масъала чунин ишора намудааст: “Масъалаи пардохти хироҷи ҳакамӣ ҳам дар судҳои ҳакамии доимоамалкунанда ва ҳам судҳои ҳакамии як бор ташкилшуда, як хел хал мешавад” [100, с. 296].

Дар ин ҷо аҳаммиятнокии қоидаҳои фаъолияти судҳои ҳакамии доимоамалкунандаро бояд ба назар гирифт. Моҳиятан, аз санади қайдшуда танҳо созишномаи тарафҳо аҳаммияти болотарро доро мебошад. Ба ин ҳолат, ҳамчунин, дар таҷрибаи судӣ таваҷҷуҳ дода шудааст. Масалан, дар Қарори Пленуми Суди олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон № 1, аз 25 ноябри соли 2009 «Дар бораи тобеияти идоравии баҳсҳо дар судҳои иқтисодӣ» омадааст, ки судҳои ҳакамии доимоамалкунанда баҳсҳоро мутобиқи қоидаҳои судҳои ҳакамии доимоамалкунанда, агар тарафҳо дар созишнома дигар тартибро пешбинӣ накарда бошанд, дида мебароянд [143].

Дар навбати худ, қоидаҳо оид ба баррасии ҳакамӣ – меъёрҳое мебошанд, ки тартиби баррасии баҳс дар суди ҳакамӣ, ки қоидаҳои мурожиат ба суди ҳакамӣ, таъин ва ё интихоби ҳакамҳои суди ҳакамӣ, расмиёти баррасии ҳакамиро дар бар гирифтааст, ифода менамоянд.

Бояд бо ақидае розӣ шуд, ки ибораи «меъёрҳои танзимкунандаи тартиби ҳалли баҳс дар суди ҳакамӣ», танҳо нисбати муқаррарот дар бораи тартиб (расмиёти) баррасии ҳакамӣ дуруст мебошад. Тартибот доир ба қоидаҳои баррасии ҳакамии аз ҷониби тарафҳо мувофиқакардашуда, табиати шартномавиро доро буда, ҳамчун меъёр эътироф намегардад [71, с. 46-48].

Барои ҳамин, бояд қоидаҳои баррасии ҳакамӣ (оғоз намудан, аз бастани созишномаи ҳакамӣ то хотима ёфтани барассии ҳакамӣ бо роҳи баровардан қарор оид ба моҳияти баҳс ва ё баровардани таъинот доир ба қатъ кардани баррасии ҳакамӣ бе баровардани қарор) муайян карда шаванд.

Оқибати вайрон кардани қоидаҳои баррасии судӣ ҳакамӣ ҷиддӣ буда, мумкин аст, то ба дараҷаи аз тарафи суди босалоҳият қарори суди ҳакамӣ ва ё рад кардан дар пешниҳоди варақаи иҷрои дар асоси қарори суди ҳакамӣ тартибдодашуда расонад. Суди ҳакамӣ парвандаро (баҳсро) баррасӣ ва ҳал намуда, як қатор ҳаракатҳои мурофиавиро оид ба татбиқ намудани меъёрҳои ҳуқуқӣ моддӣ ва ҳуқуқӣ мурофиавӣ иҷро мекунад. Ин ҳаракати суд дар шакли санадҳои судӣ ё протокол, ба таври хаттӣ қайд карда мешавад.

Қарорҳои суди ҳакамӣ ҳамчун санади судӣ ба ду намуд тақсим мешаванд: ҳалномаи судӣ, яъне қарори ҳакамӣ, ки тавассути он парванда моҳиятан ҳалли худро меёбад ва таъинот, яъне қарори суди ҳакамӣ, ки парванда моҳиятан ҳал намешавад.

Ҳалномаи судӣ. Ин қарори суди ҳакамӣ мебошад, ки баҳсро моҳиятан ҳал намуда, дар намуди ҳалнома қабул карда мешавад. Ҳалнома аз номи суди ҳакамӣ қабул карда мешавад. Ҳалномаи суди ҳакамӣ ин санади суди ҳакамӣ буда, онро суди ҳакамӣ дар асоси далелҳое, ки дар рафти баррасии парванда исботи худро меёбанд, қабул мекунад, яъне суди ҳакамӣ даъворо пурра ё қисман қонеъ мекунад, ё онро рад мекунад. Ҳалнома ин санади адолати судӣ мебошад, ки дар натиҷаи он ҳокимияти судӣ аз ҷониби суд ба амал баровардa мешавад, новобаста аз он, ки ин санади макоми ғайридавлатӣ (яъне ғайрисудӣ) мебошад ва мутобиқи қонун ба он ваколат дода шудааст (м.32 Қонун).

Дар ҳалнома оид ба татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ нисбати субъекти таҳқиқи муносибатҳои моддию ҳуқуқӣ ва баохиррасии мурофиа дарҷ мегардад. Барои баҳсҳои муносибатҳои моддию ҳуқуқӣ ҳалнома санади танзимкунандаи ҳокимиятӣ мегардад, ки бо кумаки он суд баҳс ва

муносибатҳои тахминиро ба муносибати ҳақиқӣ ва бебаҳси мубаддал мегардонад. Дар ҳалномаи суд ҳатман роҳҳои мувофиқтари муносибатҳои моддию ҳуқуқии субъектон, доираи ҳуқуқ ва вазифаҳои онҳо дарҷ карда мешавад [131, с. 544].

Дар ҳалнома давраҳои фаъолияти суд оид ба татбиқи ҳуқуқ дарҷ меёбанд:

а) муайян кардани мазмуни муносибатҳои баҳсӣ ва табдили он ба ҳолати бебаҳс;

б) муайян намудани меъёрҳои ҳуқуқ, ки ба баҳсҳои муносибатҳои моддӣ татбиқ мешаванд;

в) муайян намудани доираи ҳуқуқ ва вазифаҳои субъектони муносибатҳои ҳуқуқӣ аз ҷониби суд.

Ҳалномаи суди ҳакамӣ дорои якчанд нишонаҳои хоси худ мебошад.

Якум, ҳалнома ин санади мақоми ғайрисудӣ аст. Дуюм, ин санади ҳуқуқтатбиқкунанда мебошад, ки дар як вақт дар худ амр ва тасдиқкуниро таҷассум мекунад. Амр дар ҳалномаи суди ҳакамӣ ин характери ҳокимиятӣ доштани ҳалномаи суди ҳакамиро нишон медиҳад. Тасдиқкунӣ бошад, дар ҳалнома ин аз ҷониби суди ҳакамӣ аз байн бурдани баҳси бамиёномада, муайян намудани ҳуқуқ ва вазифаҳои субъектҳои муносибатҳои моддию ҳуқуқӣ мебошад. Сеюм, ҳалномаи суди ҳакамӣ ин санади мурофиавӣ аст, яъне ҳуҷҷатест, ки дар шакли муайян бо тартиби муайянкардаи қонун қабул карда мешавад ва бояд ба талаботи қ. 2 моддаи 33 Қонуни ҶТ «Дар бораи судҳои ҳакамӣ» ҷавобгуй бошад.

Ҳалнома ҳамчун ҳуҷҷати алоҳидаи аз ҷониби ҳакамон (ҳакам) ба таври хаттӣ тартиб дода мешавад. Матни он бояд ба ҳамаи масъалаҳое, ки тарафҳо гузоштаанд, пурра ва ҳаматарафа моҳиятан ҷавобгуй бошад ва ба саволҳои гузошташуда ҷавоби мукаммал диҳад. Ҳалнома бояд дуруст тартиб дода шуда, муайян ва фаҳмо ифода карда шавад [120, с. 55; 119, с. 132].

Талаботи марбут ба ҳалнома инҳо мебошанд: қонунӣ ва асоснок будани он. Қонунӣ будани ҳалномаи суди ҳакамӣ аз ин мутобиқат кардани ҳалномаи суди ҳакамӣ ба талаботи меъёрҳои ҳуқуқии моддӣ ва мурофиавӣ мебошад, ки суди ҳакамӣ дар вақти баррасии парванда ба роҳбарӣ гирифтааст, фаҳмида мешавад.

Ҳалномаи суди ҳакамӣ дар ҳамон «вақт асоснок ҳисобида мешавад, ки агар дар он ҳамаи ҳолатҳои вобаста ба парванда зарурбуда дар вақти баррасӣ муайян шудаанд ва далелҳо барои тасдиқи онҳо оварда шудаанд, аз ҷониби суд ҳаматарафа баҳо дода шуда, вобаста ба онҳо хулосаи воқеъбинона қабул шудааст» [77, с. 160].

Ҳамин тариқ, асоснокии ҳалнома иборат мебошад аз: а) дуруст муайян намудани ҳамаи ҳолатҳое, ки барои парванда аҳаммият доранд, яъне предмети исботкунӣ; б) исботи ин ҳолатҳо; в) дар асоси хулосаи суди ҳакамӣ муайян намудани ҳолатҳо.

Талаботи шакли мурофиавӣ ба ҳалномаи суди ҳакамӣ ба қонунӣ будани он вобастагӣ дорад. Шакли мурофиавӣ ҳамчун талабот ба ҳалномаи суди ҳакамӣ аз ду талаботи асосӣ иборат аст. Якум, ин риоякунии шакли мурофиавӣ аз нуктаи назари риоя кардани тартиби қабули ҳалнома; Дуюм, риоя кардани шакли мурофиавӣ аз нуқтаи назари талабот ба ҳалномаи суди ҳакамӣ ҳамчун ҳуҷҷат. Ҳамчун ҳуҷҷати мурофиавӣ, ки қувваи ҳуқуқӣ дорад, ҳалномаи суди ҳакамӣ мутобиқи талаботи қ.2 моддаи 33 Қонуни ҶТ «Дар бораи суди ҳакамӣ» бояд реквизитҳои зерин дошта бошад:

- вақти қабули ҳалнома;

- ҷои муҳокимаи ҳакамӣ;

- ҳайати суди ҳакамӣ ва тартиби ташкили он;

- ном ва маҳалли воқеъ гаштани ташкилоте, ки тарафҳои муҳокимаи ҳакамӣ мебошанд;

- ному насаб, ҷои истиқомат ва ҷои кори соҳибкорони инфиродӣ - шахсони воқеие, ки тарафҳои муҳокимаи ҳакамӣ мебошанд;

- созишномаи ҳакамӣ ё тавзеҳоти ҳакамӣ;

- талаби даъвогар ва изҳори норозигии ҷавобгар, дархости тарафҳо;

- ҳолатҳои парванда, ки суди ҳакамӣ муқаррар намудааст, далелҳое, ки хулосаҳои суди ҳакамӣ ба онҳо асос ёфтаанд, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон эътироф намудааст ва анъанаҳои муомилоти корӣ, ки суди ҳакамӣ ҳангоми қабули ҳалнома ба роҳбарӣ гирифтааст[13].

Ҳалномаи суди ҳакамӣ аз қисмҳои муқаддимавӣ, баёнӣ, асосноккунӣ ва хулосавӣ иборат мебошад.

Дар қисми муқаддимавии ҳалнома бояд маҳалли қабули ҳалнома, ному насаби ҳакамон (ҳакам), котиби маҷлиси судӣ, тарафҳо, дигар шахсоне, ки дар баррасии ҳакамӣ даъват шудаанд, мавзуи баҳс ва талаботи пешниҳодшуда дарҷ карда шаванд.

Дар қисми баёнии ҳалнома талаби даъвогар, норозигии ҷавобгар (даъвои муқобили даъво) ва баёноти шахсони иштирокчии парванда дарҷ карда мешаванд. Агар даъвогар дар рафти баррасии судӣ асос ё предмети даъворо тағйир дода бошад, яъне миқдори онро кам ё зиёд кунад, он ҳатман бояд дар қисмати баёнӣ дарҷ карда шавад.

Дар қисми асосноккунии ҳалномаи суди ҳакамӣ бояд ҳолатҳои парванда, ки суди ҳакамӣ муқаррар намудааст, далелҳое, ки хулосаи суд оид ҳолати мавҷуда ба ин далелҳо асос ёфтаанд, ваҷҳҳое, ки дар асоси онҳо суд ин ё он далелро рад кардааст; қонуне, ки суд ба роҳбарӣ гирифтааст, бояд дарҷ карда шавад.

Дар ҳолати аз ҷониби ҷавобгар эътироф шудани даъво дар қисми асосноккунии ҳалнома танҳо эътирофи даъво зикр карда мешавад. Ҳангоми рад кардани даъво дар қисми асосноккунии ҳалнома ҳолатҳое, ки дар асоси онҳо даъво рад карда мешавад, бояд дарҷ карда шаванд.

Дар қисми хулосавии ҳалнома бояд хулосаи суди ҳакамӣ дар хусуси пурра ё қисман қонеъ намудан ё рад намудани даъво, тақсими хароҷоти судӣ, муҳлат ва тартиби иҷрои ҳалномаи суди ҳакамӣ дарҷ карда мешаванд. Моҳияти қисми хулосавии ҳалнома аз дуруст ва аниқ тартиб

додани он барои иҷрои ҳалномаи суди ҳакамӣ дар оянда вобастагӣ дорад.

Ҳалномаи суди ҳакамӣ бо аксарияти овозҳои ҳакамони ҳайати суди ҳакамӣ қабул карда мешавад. Ҳалнома дар маҷлиси суди ҳакамӣ эълон карда мешавад. Дар мавриди аз ҷониби тарафҳо дар созишномаи ҳакамӣ пешбинӣ накардани муҳлати фиристонидани ҳалнома, он ба тарафҳо дар давоми 15 рӯз пас аз эълон кардани қисми хулосавии ҳалнома фиристода мешавад.

Суди ҳакамӣ дар ҳолатҳои зарурӣ метавонад, қабули ҳалномаро мавқуф гузорад ва тарафҳоро барои гузаронидани маҷлиси иловагӣ даъват намояд. Муҳокимаи судӣ бо тартиби муайяннамудаи қонун гузаронида шуда, баъд аз он ҳалнома қабул карда мешавад. Ҳалномаи суди ҳакамӣ дар маҳалли баргузории муҳокимаи ҳакамӣ аз рӯзи ба имзо расидан қабулшуда ҳисоб меёбад.

Дар ҳолати аз ҷониби тарафҳо нисбати талаботи дар ҳалнома дарҷнагардида ишорат гардидан, он мумкин аст дар тӯли 10 рӯзи гирифтани ҳалномаи суди ҳакамӣ муроҷиат гардида, бо ҳалномаи иловагӣ расмӣ кунонида шавад. Аризаи мазкурро суди ҳакамӣ, ки баҳсро баррасӣ намудааст, бояд дар давоми 10 рӯз пас аз гирифтани ариза баррасӣ намояд. Аз натиҷаи баррасии он суди ҳакамӣ ҳалномаи иловагӣ қабул мекунад, ки он ҷузъи таркибии ҳалномаи суди ҳакамӣ мебошад ё дар бораи қонеъ накардани муроҷиат таъинот қабул мекунад.

Мутобиқи моддаи 35 Қонуни ҶТ «Дар бораи судҳои ҳакамӣ» дар ҳолати нофаҳмо будани ҳалнома ва дар асоси аризаи яке аз тарафҳо суди ҳакамӣ, ки ҳалномаро қабул кардааст, метавонад ҳалномаро шарҳ диҳад. Ҳалномаро суди ҳакамӣ бе тағйир додани мазмуни он бояд шарҳ диҳад. Аз рӯйи ариза оид ба шарҳ додани ҳалнома таъинот дар бораи шарҳ додани ҳалнома қабул карда мешавад, ки он ҷузъи таркибии ҳалномаи суди ҳакамӣ мебошад. Дар ҳолати даст кашидан аз шарҳи ҳалнома низ таъинот қабул карда мешавад.

Қонун барои аз байн бурдани саҳву иштибоҳ ё ғалатҳои арифметикӣ, ки дар ҳалнома омадааст, ба суди ҳакамӣ дар асоси аризаи тарафҳо ё бо ташаббуси худи суд ислоҳ карданро иҷозат додааст. Дар ҳолати аз ҷониби тарафҳо муайян кардани иштибоҳу ғалатҳо, онҳо метавонанд бо ариза ба суде, ки ҳалномаро қабул кардааст, муроҷиат намоянд. Суд аризаи воридшударо дида баромада, фақат он иштибоҳ ё ғалатҳоеро, ки моҳияти ҳалномаро дигар намекунанд, метавонад ислоҳ намояд. Дар намуди ислоҳи иштибоҳҳо суд ҳуқуқи тағйир додани принсипи ҳисоби зарарҳоро надорад. Масъалаи мазкур ба мисли шарҳи ҳалнома бо иштироки тарафҳо дар маҷлиси суди ҳакамӣ баррасӣ мегардад. Оид ба ислоҳи саҳву иштибоҳ ва ғалатҳои арифметикии ҳалнома аз ҷониби суди ҳакамӣ таъинот қабул карда мешавад, ки он ҷузъи таркибии ҳалнома ба ҳисоб меравад.

Чӣ тавре дар боло қайд гардид, санадҳои суди ҳакамӣ дар ду намуд қабул мешаванд. Яке аз намудҳои санади суди ҳакамӣ ҳалномаи суди ҳакамӣ буда, санади дигари суди ҳакамӣ ин таъиноти суди ҳакамӣ мебошад [78, с. 78].

Таъинот ин қарори суди ҳакамӣ буда, харакати хакамонро (хакамро) дар рафти баррасии парвандаи ҳакамӣ ифода мекунад. Бо таъинот суди ҳакамӣ саволҳои пайдошударо нисбати баррасии парванда ҳал мекунад.

Таъиноте, ки аз ҷониби суди ҳакамӣ қабул карда мешаванд, аз рӯи мазмун гуногун мебошанд. Таъинот харакатҳои иштирокчиёни парвандаро оид ба ҳуқуқи мурофиавӣ ва иҷрои вазифаҳои онҳоро дар бораи ҷавоб ба пешниҳодҳо; оид ба радия; ҳамроҳ кардани далелҳо; дар бораи таъини экспертиза; даъвати шоҳидон; оид ба таъмини далелҳо дар бар мегирад.

Таъинотро «метавон ба ду гурӯҳ ҷудо кард: масъалаҳои тайёрӣ ва пешгирӣ кардан.

Гурӯҳи якуми таъинот саволҳои алоҳидаи мурофиавиро дар рафти баррасии парванда ҳал мекунад, ҳаракатҳои суд ва шахсонеро, ки дар

мурофиа иштирок мекунанд, дар бар мегирад. Таъинот рафти мурофиаро тағйир намедиҳад, ба мисли таъинот оид ба таъмини даъво; оид ба талаби далелхо.

Таъиноти гурӯҳи дуюм, яъне пешгирӣ кардан дар ҳолатҳое, ки қонун муайян кардааст, қабул карда мешавад: таъинот оид ба қабул намудани даъво; оид ба қатъ кардани истеҳсолоти парванда (моддаи 38 Қонун).

Суди ҳакамӣ аз рӯйи масъалаҳое, ки ба моҳияти баҳс дахл надоранд, таъинот қабул мекунад» [79, с. 115].

Таъинот мумкин аст, аз ҷониби суди ҳакамӣ (ҳакам) дар ҳамаи давраҳои муҳокимаи ҳакамӣ қабул карда шавад. Мазмуни он дар намуди ҳуҷҷати алоҳидаи мурофиавӣ ё дар протоколи маҷлиси судӣ дарҷ карда мешавад.

Таъинот бояд ба реквизитҳои, ки ҳалномаи суди ҳакамӣ, ки дар кисми 2 моддаи 33 Қонун нишон дода шудааст, мувофиқ бошад.

Тибқи нишондоди қонунгузории амалкунанда суди ҳакамӣ дар ҷараёни фаъолияти худ метавонад намудҳои зерини санади суди ҳакамиро қабул намояд: қарор ва таъинот. Мувофиқи муқаррароти моддаи 7 КМ ҶТ, ҳуқуқу уҳдадориҳои маданӣ вобаста ба нишондоди қонун, санади дигари ҳуқуқӣ, инчунин аз амали шаҳрвандон ва шахси ҳуқуқӣ ба миён меояд. Агар ҳуқуқу уҳдадорӣ дар асноди қонунӣ пешбинӣ нашуда бошанд, пас тибқи асосҳои умумӣ ва моҳияти қонунҳои маданӣ ҳуқуқу уҳдадориҳо ба вуҷуд меоянд [10].

Бояд розӣ шуд, ки аҳаммияти моддаи 7 КМ ҶТ дар эътироф ва ба таври юридикӣ дар санади моддӣ-ҳуқуқӣ ба сифати факти ҳуқуқӣ мустаҳкам намудани қарори судӣ, ки ҳуқуқу уҳдадориҳои маданиро пешбинӣ намудааст, дида мешавад. Маҳз дар ҳамин аҳаммияти асосии маданӣ-ҳуқуқии қарорҳои суди ҳакамӣ маҳфуз мебошад.

Тибқи нишондоди моддаи 32 Қонуни ҶТ «Дар бораи судҳои ҳакамӣ», ҷонибҳои созишномаи ҳакамиро баимзорасонида уҳдадор мегарданд, то ки ихтиёрона қарори суди ҳакамиро иҷро намоянд.

Тарафҳо ва суди ҳакамӣ тамоми кӯшишҳоро меандешанд, то қарори суди ҳакамӣ ба таври юридикӣ ба иҷро расонида шавад.

Қонуни ҶТ «Дар бораи судҳои ҳакамӣ» ба сифати хусусияти асосии ҳимояи ҳакамии ҳуқуқҳои субъективии маданӣ, принсипи ихтиёрона ба иҷро расонидани қарори аз ҷониби суди ҳакамӣ қабулгардидаро муайян менамояд. Принсипи ихтиёрона будани иҷрои қарори суди ҳакамӣ аз моҳияти баррасии судӣ-ҳакамӣ ба вуқуъ меояд. Тарафҳои баҳскунанда бо розигии худ ба суди ҳакамӣ муроҷиат мекунанд, то ҳакамҳои суди ҳакамӣ баҳси ҳуқиқии онҳоро баррасӣ ва ҳал намоянд.

Диспозитсияи меъёри ишорашуда як қадар ба мухолифат низ дучор мешавад: агар принсипи иҷрои ихтиёронаи қарори суди ҳакамӣ ҳамчун уҳдадорӣ баҳо дода шавад, ин уҳдадорӣ наметавонад танҳо ба иродаи ихтиёрии тарафҳо асосёфта бошад. Ҳангоми иҷрои қарори суди ҳакамӣ он бо санксияи маҷбуран ба иҷро расонидан, инчунин дар ҳолатҳои истисноӣ бошад, бо роҳи муроҷиат ба суди давлатӣ муқаррар карда мешавад.

Ба андешаи мо, ба сифати уҳдадории тараф муаяйн намудани принсипи иҷрои маҷбурии қарори суди ҳакамӣ нодуруст мебошад. «Дуруст мешавад, агар на дар бораи уҳдадории ихтиёрии иҷрои қарори судӣ ҳакамӣ, балки дар бораи уҳдадории ахлоқии тарафҳо сухан ронем. Моҳияти уҳдадории юридикии шахс ҷиҳати иҷрои қарори суди ҳакамӣ дар уҳдадории тарафи баррасии ҳакамие, ки дар мавриди ҷониби тарафи бохтаи мурофиаи судӣ рад гардидани иҷрои ихтиёрӣ, имконоти муроҷиат ба чораҳои маҷбуркунии давлатӣ пайдо ва амалӣ карда шавад» [73, с. 279].

Ба андешаи мо, беэътибор монондани уҳдадории ахлоқии тараф ҷиҳати иҷрои софдилонаи қарори суди ҳакамӣ, мувофиқи мақсад намебошад. Нишонаи маданияти баланди риояи ихтиёрии қарорҳои суди ҳакамӣ натиҷаи рушди ҷомеаи тамаддунӣ ба ҳисоб меравад. Профессор Е.А. Суханов дар ин хусус чунин ишора намудааст: «Танҳо дар мавриди дар созишномаи ҳакамӣ мавҷуд набудани ишора оид ба қатъи будани

риояи иҷрои қарор, қарори суди ҳакамиро тарафи иштирокчӣ наметавонад зери баҳс қарор диҳад. Ин ҳол ба он вобаста аст, ки қарори қабулшуда аз тарафи суди ҳакамии босалоҳият қабул гардида, дар доираҳои соҳибкорӣ ин суд дорои номи нек аст. Аз ин рӯ, ҷомеаи соҳибкорӣ бо назардошти номи неки суди ҳакамии қарор қабулнамуда, фаъолияти онро дуруст баҳо медиҳад» [116, с. 16].

Ҳамин тариқ, ухдадории ахлоқии иҷрои ихтиёронаи қарори суди ҳакамӣ ва ухдадории юридикии иҷрои санади дахлдор, ки бо механизми иҷрои маҷбурӣ таъмин мешавад, бояд фарқ карда шавад.

Илова бар ин, мавриди қайд аст, ки ҳалномаи суди ҳакамӣ ба сифати санади ҳуқуқтатбиқкунанда баромад намуда, барои тарафҳои баррасии судӣ маданӣ ҳамчун нишондоди хусусияти ҳатмидошта эътироф мешавад. Хулосаи мазкур моҳияти ҳуқуқии суди ҳакамиро нишон дода, суди ҳакамӣ мақоми ҳуқуқии дорои ваколатҳои ҳокимиятӣ ба ҳисоб меравад.

Гарчанде ҳалномаи суди ҳакамӣ ва қарори судҳои босалоҳияти давлатӣ ҳамчун санадҳои мақомоти юрисдиксионӣ баромад намояд ҳам, фарқи байни онҳоро набояд зери шубҳа қарор дод.

Бояд эътироф намуд, ки ҳалномаи суди ҳакамӣ санади мақомоти юрисдиксионии барои баррасӣ ва ҳалли баҳси маданӣ-ҳуқуқӣ ташкилшуда дониста мешавад. Ҳалномаи суди ҳакамӣ ҳамчун санади ҳуқуқтатбиқкунанда бояд қонунӣ ва асоснок бошад. Дар натиҷаи қабули ҳалнома ҳуқуқ ва манфиатҳои дар муносибатҳои моддӣ-ҳуқуқӣ вайроншудаи шаҳрванд ва ё субъекти дигар ҳимоя карда мешавад. Дар ин монандии байни қарорҳои аз ҷониби суди ҳакамӣ ва қарорҳои аз ҷониби суди босалоҳияти давлатӣ қабулкунанда дида мешавад. Ҳалномаи суди ҳакамӣ танҳо баъди таҳқиқи судии ҳамаи ҳолатҳои парванда қабул карда мешавад. Ин маънои онро дорад, ки агар баъди баррасии парванда дар ҷараёни маҷлиси судӣ суди ҳакамӣ ба хулоса доир ба қабули ҳалнома ояду, вале ҳамаи ҳолатҳои кор таҳқиқ нагардидабошанд, суд ухдадор мешавад баррасии ҳакамиро вобаста ба

ҳолатҳои барои ҳалли дуруст ва боадолатонаи парванда зарурбударо давом диҳад.

Бояд қайд намуд, ки С.Ш. Болтуев доир ба мавҷудияти нуқтаҳои умумӣ байни ҳалномаи суди босалоҳияти давлатӣ ва суди ҳакамӣ, мавҷуд будани фарқи байни ин ду санадро ишора намудааст: «Якум, нисбат ба қарорҳои суди босалоҳияти давлатӣ ҳалномаи суди ҳакамӣ чун санади умумиҳатмӣ баромад намекунад. Дуюм, бе хабардоркунӣ ва бе расмиёти эътирофи суди босалоҳияти давлатӣ иҷрои маҷбурии ҳалномаи суди ҳакамӣ ба амал бароварда намешавад. Сеюм, ҳалномаи суди ҳакамӣ хусусияти преюдитсониро ба он маъное, ки дар қонунгузории мурофиавӣ мавҷуд аст, доро намебошад. Вобаста ба хусусияти расмӣ-ҳуқуқӣ ҳалномаи суди ҳакамӣ нисбат ба қарори суди босалоҳияти давлатӣ наметавонад бо тартиби кассатсионӣ ва ё назоратӣ дида баромада шавад» [92, с. 130].

Мувофиқи нишондоди моддаи 32 Қонуни ҶТ «Дар бораи судҳои ҳакамӣ», суди ҳакамӣ баъди омӯзиш, таҳқиқи ҳолатҳои парванда ва баамалбарории баррасии судӣ-ҳакамӣ бо аксарияти овози ҳакамони ҳайати суди ҳакамӣ ҳалномаи суди ҳакамиро қабул мекунад. Он ба таври кушод дар ҷаласаи суди ҳакамӣ эълон карда мешавад. Бояд ишора кард, ки суди ҳакамӣ метавонад танҳо қисми хулосавии ҳалномаро барои иштирокчиёни ҷаласаи судӣ эълон кунад. Дар мавриди аз ҷониби тарафҳо мувофиқа накардани мӯҳлати фиристодани ҳалнома, пас ҳалнома ба тарафҳо дар давоми 15 рӯзи баъди эълон кардани қисми хулосавии ҳалнома фиристода мешавад.

Дар мавридҳои зарурӣ суди ҳакамӣ метавонад қабули ҳалномаро мавқуф гузошта, бо риояи талаботи қонунгузории амалкунанда тарафҳоро ба маҷлиси иловагӣ даъват кунад.

Қонунгузории амалкунанда, инчунин ҳолатеро пешбинӣ намудааст, ки тибқи он суди ҳакамӣ, дар мавриди ҷой доштани дархости тарафҳо оид ба тасдиқи созишномаи оштӣ, ҳалномаи дахлдор қабул мекунад. Лекин бояд дар назар дошт, ки созишномаи оштӣ набояд бар хилофи

қонунҳои амалкунанда ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқиро вайрон кунад. Мазмуни созишномаи оштӣ дар ҳалномаи суди ҳакамӣ ифода меёбад.

3. Ализода дар тафсири Қонуни ҶТ «Дар бораи судҳои ҳакамӣ» чунин ишора намудааст, ки: «Ҳалномаи суди ҳакамӣ дар ҷои гузаронидаи муҳокимаи ҳакамӣ ва дар рӯзи ба он имзо намудани ҳакамони ҳайати суди ҳакамӣ қабулшуда ҳисоб меёбад. Қонун маҳдуд накарадааст, ки кадом лаҳза ба сифати лаҳзаи ба имзо расонида шудани қарор муқаррар шавад: лаҳзаи ба имзо расидани қисми хулосавии қарор ва ё лаҳзаи ба имзо расидани матни пурраи қарори суди ҳакамӣ» [81, с.63].

Ба андешаи мо, қувваи қонунӣ пайдо кардани қарори суди ҳакамӣ ба баҳодиҳии меъёри ишоршуда вобастагӣ дорад. Қонун дар бораи судҳои ҳакамӣ дар фарқият аз қонунгузории мурофиавии фаъолияти судҳои босалоҳияти давлатиро ба танзим медарорад, нишондодро надорад, ки лаҳзаи ба қувваи қонунӣ даромадани қарори суди ҳакамиро танзим намояд. Баробари ин, ҳалли масъалаи мазкур, хусусан, барои ба иҷро расонидани қарор суди ҳакамӣ, инчунин барои овардани шикоят нисбат ба санади аз тарафи суди ҳакамӣ қабулшуда, аҳаммиятнок аст [119, с. 132-133].

Воқеан, аз агар Қонуни ҶТ «Дар бораи судҳои ҳакамӣ» оид ба ҷониби уҳдадор ихтиёрӣ иҷро намудани қарори суди ҳакамӣ сухан ронда бошад, қонуни номубрда ва ҳам қонунгузории мурофиавӣ имкон пеш овардааст, то дар муҳлати семоҳа ба мақомоти босалоҳияти давлатӣ бо ариза оид ба бекор кардани қарори суди ҳакамӣ шикоят оварда шавад (Моддаи 42 Қонуни ҶТ «Дар бораи судҳои ҳакамӣ», моддаи 213 КМИ ҶТ [11]).

Ҳамин тавр, «дар созишномаи ҳакамӣ дар мавриди мавҷуд набудани нишондод дар бораи қувваи ҳатмӣ доштани ҳалномаи ҳакамӣ, дар давом се моҳ масъалаи қувваи қонунии он боқӣ мемонад. Вобаста ба ин, дар

адабиёти илмӣ оид ба масъалаи қувваи ҳуқуқӣ пайдо намудани санади суди ҳакамӣ пешбинӣ шудааст, ки дар мавриди муайян нагардидани ҳатмӣ будан ва бетағйир мондани ҳалномаи суди ҳакамӣ, он баъд аз даргузашти муҳлати семоҳа, барои овардани шикоят қувваи қонунӣ пайдо мекунад» [101, с.127]).

Таҳлилҳо нишон доданд, ки вобаста ба шакли ҳалномаи суди ҳакамӣ мавҷудияти чунин талабот қайд карда шаванд: якум, ҳалнома дар шакли хаттӣ тартиб дода мешавад. Риояи шакли хаттии ҳалнома ба оқибати ҳуқуқие, ки он тавлид мекунад, вобаста мебошад, зеро қарори суди ҳакамӣ ба фактҳои аз ҷониби суд муайянгардида вобаста буда, тақозо мекунад, то ба он баҳои арзандаи ҳуқуқӣ дода шавад.

Дуюм, ҳалномаи ҳакамиро ҳакамҳои суди ҳакамӣ ба имзо мерасонанд ва вобаста ба ин нисбати парванда ва ҳалномаи қабулшуда фикру андешаи худро доранд. Маҳз бо имзои ҳакамон ҳалномаи ҳакамӣ ба расмият даровarda шуда аҳаммияти ҳуқуқиро соҳиб мешавад.

Сеюм, ҳалномаи суди ҳакамӣ боиси пайдо гардидани муносибати ҳуқуқӣ гардида, дар асоси он иҷрои ҳалномаи суди ҳакамӣ гузошта мешавад. Тарафе, ки ба фоидаи вай ҳалномаи суди ҳакамӣ қабул гардид, ба сифати субъекти муносибатҳои ҳуқуқии мазкур буда, ҳуқуқ пайдо мекунад, то иҷрои ҳалномаи суди ҳакамиро аз дигар субъект талаб намояд. Ин муносибати ҳуқуқӣ дар лаҳзаи аз ҷониби тарафи уҳдадор иҷро гардидани қарори суди ҳакамӣ ва ё дар натиҷаи бекор гардидани қарори номбурда, хотима ёфта метавонад.

Ба сифати санади навбатии дар таҷрибаи фаъолияти суди ҳаками истифодашаванда таъинот дониста мешавад. Мувофиқи нишондоди моддаи 37 Қонуни ҶТ «Дар бораи судҳои ҳакамӣ», нисбати масъалаҳои моҳиятан ба баҳси ҳуқуқӣ дахл надорад, суди ҳакамӣ таъинот қабул мекунад.

Ба ишораи одилонаи Ф.А. Махмадшозода таъиноти суди ҳакамӣ маълумоти зеринро дар бар мегирад: «Сана ва макони интишори таъинот; номи суди ҳакамии доимоамалкунанда ва ҳайати ҳакамони он;

тарафҳо, мавзуи баҳс ва ё арзи талабот, масъалае, ки доир ба он таъинот бароварда мешавад; ангезае, ки аз рӯйи он суд ба хулосаҳои худро баровардааст; хулосаҳо доир ба масъалаи баррасишаванда» [106, с. 98].

Таъинот аз тарафи ҳайати суди ҳакамии парвандаро бевосита баррасикарда қабул карда мешавад. Вобаста ба ин масъала дар адабиёти илмӣ дигар ақидаҳо низ мавҷуд мебошанд. Масалан, муҳаққиқ В.Н. Тарасов иброз чунин иброз менамояд: «Дар мавриди ташкил нагардидани ҳайати суди ҳакамӣ, таъинотро аз номи суди ҳакамӣ метавонад котиби суди ҳакамӣ барорад» [79, с. 113].

Таъиноти судиро вобаста ба асосҳои гуногун метавон тасниф намуд. Масалан, бинобар шакли мураттабсозӣ ва тартиби қабул ва интишор таъиноти суди ҳакамӣ ҳамчун таъиноти дар намуди ҳуҷҷати алоҳида ва чун таъиноти дар протокол дарҷгардида баҳо дода шавад. Шакли омодашавии таъиноти суди ҳакамӣ бо дарназардошти назари ҳакамони суди ҳакамӣ вобаста ба ҳолатҳои кор интихоб гардида, масъалаи мазкурро қонуни соҳавӣ  танзим накардааст. Ба ҳар ҳол суди ҳакамӣ вобаста ба мазмун ва моҳияти таъиноти суди ҳакамӣ, шакли омода шудани онро интихоб менамоянд. Қонуни амалкунанда намудҳои зерини таъинотро пешбинӣ менамояд:

1) таъинот оид ба тақсими хароҷот ҷиҳати баррасии баҳс дар суди ҳакамӣ (м. 15 Қонун дар бораи судҳои ҳакамӣ); 2) таъинот оиди рад кардани ариза дар бораи ба тариқи ҳакамӣ баррасии баҳс (м.17 Қонун дар бораи суди ҳакамӣ); 3) таъинот оид ба андешидани чораҳои таъминоти даъво (м. 26 Қонун дар бораи судҳои ҳакамӣ); 4) таъинот оид ба рад кардани қонеъкунонии ариза ҷиҳати интишори ҳалномаи иловагӣ; 5) таъинот дар бораи шарҳи ҳалномаи суди ҳакамӣ ва ё рад кардани шарҳи ҳалномаи суди ҳакамӣ (м. 35 Қонун дар бораи суди ҳакамӣ); 6) таъинот дар бораи ислоҳи саҳву иштибоҳ ва ғалатҳои арифметикии ҳалномаи суди ҳакамӣ (м. 36 Қонун дар бораи суди ҳакамӣ); 7) таъинот дар бораи қатъ гаштани муҳокимаи суди ҳакамӣ (м. 38 Қонун дар бораи суди ҳакамӣ) [81, с. 70-71].

Дар хулоса қайд кардан лозим аст, ки таъиноти дар охир ишорашуда дар қонун муфассал танзим шуда, асосҳои интишори ин гуна таъинот пешбинӣ шудааст. Ҳамин тариқ, тибқи нишондоди моддаи 38 Қонуни ҶТ «Дар бораи судҳои ҳакамӣ», суди ҳакамӣ дар ҳолатҳои зайл ҷиҳати қатъ намудани баррасии ҳакамии баҳс таъинот қабул мекунад: дар ҳолати аз тарафи даъвогар аз талабҳои худ даст кашидан, ҷавобгар барои қатъгардии баррасии ҳакамии парванда изҳори норозигӣ баён накунад; тарафҳо дар бораи қатъи муҳокимаи ҳакамӣ ба созиш омада бошанд; дар тобеияти суди ҳакамӣ набудани баҳси мазкур; ҷонибе, ки ташкилот буда дар баррасии суди ҳакамӣ иштирок мекард, барҳам хӯрда бошад; ҳангоми соҳибкори инфиродие, ки тарафи баррасии суди ҳакамӣ мебошад ва ё шахси воқеии тарафи муҳокимаи судии ҳакамӣ бошаду, вафот намуда бошанд. Инчунин, агар ин шахсон фавтида эълон шуда бошад, бедарак ғоибшуда эътироф гардида бошанд; ҳангоми мавҷуд будани ҳалномаи эътибори қонунӣ пайдокардаи суди салоҳияташ умумӣ, суди иқтисодӣ ва ё суди ҳакамӣ аз рӯи баҳси байни тарафҳо вобаста ба ҳамон мавзуъ ва аз рӯйи ҳамон асос қабулгардида ҷой дошта бошад.

Новобаста аз муқаррароти қонун дар бораи судҳои ҳакамӣ ҳамчун асоси интишори таъиноти суди ҳакамӣ ба ғайр аз ҳолатҳои умумӣ боз ҳолатҳои дигарро номбар кардан мумкин аст. Масалан, суди ҳакамӣ метавонад таъинотро нисбати масъалаҳои зерин барорад: оид ба рад кардани қабули аризаи даъвогӣ; оид ба мустақилона муайян намудани макон, забон ва тартиби баррасии парванда; оид ба таъин намудани ташхис; оид ба даъвати шоҳидон; инчунин дигар таъиноте, ки ба ҳолатҳои кор вобастаанд, бароварда мешавад.

# ХУЛОСА

Таҳқиқоти дар доираи рисолаи диссертатсионии баамалбаровардашуда масъалаи асосҳои ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти судҳои ҳакамӣ дар ҶТ, имкон дод то хулосаҳои зерин ба даст оварда шаванд:

1) Воситаҳои маданӣ ҳуқуқӣ - воситаҳои (инструмент) дар меъёрҳои ҳуқуқи маданӣ таҷассумёфта дониста шуда, бо истифода аз онҳо як гурӯҳ масъалаҳои амалӣ ва ҳуқуқии пайдошуда имкони ҳалли масоили назди субъектони ҳуқуқи маданӣ бавуҷудомада, дар доираи қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳаллу фасли хешро меёбад (ба ин мисол шуда метавонанд қабул ва ё пешниҳоди ашё, пардохт ва қабули маблағҳои пулӣ ва ғайра) [1-М].

2) Ҷамъи воситаи ҳуқуқии ишорашуда вобаста ба соҳаҳои мухталиф тааллуқ доштан (хусусӣ-ҳуқуқӣ ва оммавӣ-ҳуқуқӣ) ва ба ҷамъи васоити байнисоҳавӣ тааллуқ дошта фарқ карда мешаванд. Ҳар ду гурӯҳи воситаи ҳуқуқии ишорагардида бо нишонаҳои мақсаднокӣ, субъективӣ, инчунин ба усулҳои мушаххаси истифодашавӣ фарқ карда мешавад. Исботи гуфтаи боло, шартномаи маданӣ-ҳуқуқӣ буда, вобаста ба нишонаи субъектӣ ба соҳибкорӣ ва ғайрисоҳибкорӣ фарқ карда шуда, ҳамзамон ба нишонаи мушаххаси мақсаднок равона гардидан барои гирифтани фоида низ дорои нишонаи фарқкунанда мебошад [2-М].

3) Ҳимояи ҳакамии ҳуқуқҳои субъективии маданӣ-ҳуқуқиро дар маҷмуъ, мумкин аст ба низоми истифодагардии воситаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ ва мурофиавӣ-ҳуқуқӣ алоқаманд намуд. Баробари ин, дар асоси воситаҳои маданӣ – ҳуқуқӣ, маҷмуи масъалаҳои зерин, ки бо таъмин намудани ҳимояи ҳакамии ҳуқуқҳои субъективии маданӣ - ҳуқуқӣ алоқамандбуда ҳал карда мешаванд: мақсадҳои ташкилӣ, пеш аз ҳама, ташкили судҳои ҳакамӣ ва дигар мақсадҳои таъмини расмиёти ҳимояи ҳакамии ҳуқуқҳои субъективии маданӣ - ҳуқуқӣ (реҷаҳои ҳуқуқии муносибатҳои бо меъёрҳои маданӣ ҳуқуқӣ танзимшаванда, реҷаи ҳуқуқии мухторияти ирода, ҷудо кардани амвол ва масъулияти мустақили молумулкӣ) ҳал карда мешаванд [9-М].

4) Воситаҳои маданӣ ҳуқуқиро бо назардошти функсияҳои соҳаи маданӣ - ҳуқуқӣ ба танзимнамоӣ ва ҳифзнамоӣ ҷудо мекунанд. Мутаносибан, ба

воситаҳои ҳуқуқӣ, чун қоида дар мавриди набудани ҳуқуқвайронкунӣ (шартнома ва ғайра) ва воситаҳои ҳуқуқии ҳангоми содиргардии ҳуқуқвайронкунӣ истифода мешавад (рӯёнидани ноустуворона, ҷарима ва ғайра) истифода бурда мешавад [4-М].

5) Зери воситаҳои маданӣ ҳуқуқии таъмини ҳимояи ҳакамии ҳуқуқҳои субъективии маданӣ-ҳуқуқӣ низом фаҳмида мешавад, ки байни воситаҳои маданӣ ҳуқуқии ҷиҳати ҳалли низоъҳои ҳуқуқӣ нигаронидашуда, мавқеи алоҳидаро ишғол менамояд. Чунин мавқеъгирӣ ба чунин омилҳо вобаста аст: 1) бо соҳаи истифодашавии воситаҳои мазкур низоъҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи амали ҳуқуқӣ - маданӣ; 2) бо нишонаи субъектӣ онҳо танҳо аз тарафи субъектони ҳуқуқии маданӣ истифода мешаванд; 3) бо таъиноти воситаҳои мазкур олатҳои номбурда дар доираи ҳимояи ҳакамии ҳуқуқҳои субъетивии маданӣ - ҳуқуқӣ барои таъмини фаъолияти он равона мегардад [2-М].

